**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

ВБД 338.482.22: 502.4(575.31) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Каримӣ Мадина Давронзода**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДАИ ВИЛОЯТИ СУҒД (ДАРАИ САБЗ) ВА ТАЪСИРИ ОН БА УСТУВОРИЯТИ ГЕОЭКОЛОГӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои география,
профессор Раҳимов Абдулфаттоҳ Ибрагимович

**Хуҷанд - 2025**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима......................................................................................................5

**БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШКИЛИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ, ОМИЛИ РУШДИ ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА ......................................................................11**

1.1. Моҳияти сайёҳии экологӣ ва таҳлили умумии ҷараёни ташаккули он, истилоҳоти соҳавӣ..........................................................................................11

1.1.1. Методҳои таҳқиқот, заминаҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот.....11

1.1.2. Моҳияти сайёҳии экологӣ, истилоҳоти соҳавӣ........................................12

1.1.3. Таҳлили умумии ҷараёни ташаккули сайёҳии экологӣ............................16

1.2. Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда..........................................................................................26

*Хулосаи боби якум..........................................................................................43*

**БОБИ 2. ТАВСИФИ ТАБИӢ – ГЕОГРАФИИ ЛАНДШАФТҲОИ ЭКОСАЙЁҲӢ - РЕКРЕАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ СУҒД....................................44**

2.1. Шароити табиӣ-географӣ ва геоэкологии маҳал........................................44

2.2. Тавсифи умумии захираҳои обӣ, аҳамияти рекреатсионӣ ва сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ..........................................................................................62

2.3. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳамчун объекти рушди сайёҳии экологӣ..........................................................................................71

*Хулосаи боби дуюм..........................................................................................79*

**БОБИ 3. АРЗЁБИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ - ГЕОЭКОЛОГИИ ПАРВАРИШГОҲИ “ДАРАИ САБЗ” БО МАҚСАДИ ТАШКИЛИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ..........................................................................................81**

3.1. Таснифоти сарватҳои табиии парваришгоҳи “Дараи Сабз”.......................81

3.2. Хусусиятҳои геоэкологӣ, мушкилот ва имкониятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар маҳали таҳқиқот..........................................................................94

3.2.1. Ҷанбаҳои геоэкологӣ, хусусиятҳо ва тағйироти антропогенӣ................94

3.2.2. Мушкилоти рушди сайёҳии экологӣ, имкониятҳо ва роҳҳои ҳаллу асл..........................................................................................99

3.3. Ҷараёнҳои геодинамикӣ, таъсироти антропогенӣ ва тағйироти захираҳои геоэкологии парваришгоҳи “Дараи Сабз”......................................................106
*Хулосаи боби сеюм*..............................................................................................*109*
**БОБИ 4. ИМКОНИЯТҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА.........................................................................111**
4.1. Асноди меъёрӣ - ҳуқуқии танзими соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ.........................................................................................................111
4.2. Принсипҳо ва имкониятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудуди табиии парваришгоҳи “Дараи Сабз”, таҳияи хатсайрҳои сайёҳӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот....................................................................................................115
4.3. Таъсири ташкили сайёҳии экологӣ ба фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии маҳаллӣ.........................................................................................132
4.4. Ҷанбаҳои болоравии сатҳи иқтисоди аҳолии атрофи парваришгоҳи “Дараи Сабз”.........................................................................................................137
4.5. Дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар парваришгоҳи “Дараи Сабз”..........................................................................142
*Хулосаи боби чорум*..............................................................................................*147*
**Хулосаҳо.....................................................................................................149**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..........................149**
**Рӯйхати адабиёт..........................................................................................151**
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..................................................164**
**Замима.........................................................................................................167**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

| | | |
|---|---|---|
| ВМКБ | – | Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон |
| га | – | гектар |
| ИБҲТ | – | Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат |
| $км^2$ | – | километри мураббаъ |
| м | – | метр |
| $м^2$ | – | метри мураббаъ |
| $м^3$ | – | метри мукааб |
| ММД | – | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров | – | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» |
| НТҶ | – | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| СММ | – | Созмони Милали Муттаҳид |
| $^0C$ | – | дараҷаи ҳарорат |
| ТУС | – | Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ |
| СЭ | – | Сайёҳии экологӣ |
| ҲТММ | – | Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда |
| ҶТ | – | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶШСТ | – | Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар оғози асри XXI саҳми бахши сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии давлатҳои ҷаҳон то се маротиба афзудааст ва ҳиссаи он дар сармоягузории иқтисод то 12 фоиз ва истеҳсоли маҳсулот то 10 фоизро ташкил медиҳад. Алалхусус, намуди нави сайёҳӣ – сайёҳии экологӣ (ecotourism), ки моҳияти он қонеъгардонии талаботи шаҳрванд ба табиати солим мебошад, рӯ ба рушд ниҳодааст.

Афзоиши босуръати талабот ба сайёҳии экологӣ (СЭ) зарурати ҷустуҷӯйи минтақаҳои мувофиқро барои таъмини рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳа ба миён гузоштааст, ки метавонад дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (ҲТММ) низ рушд ёбад. Рушди СЭ дар навбати худ ба ташаккул ва такомули системаи ҲТММ – мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва ландшафтӣ алоқаманд буда, ин раванд зарурати таҳия ва коркарди стратегияи алтернативии рушди ҲТММ ва аниқ намудани мавқеи СЭ дар онҳоро тақозо менамояд.

Натиҷаҳои мусбати иқтисодие, ки аз рушди соҳаи СЭ дар Тоҷикистон ба вуқуъ омадааст дар маҷмуъ ба минтақаҳои он низ таъсири мусбат мерасонад. Вале, барои таъмини самаранокии мутаасили истифодаи захираҳои табиии мавҷуда, мебояд баҳодиҳии мутлақ ва нисбии иқтидори сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ дар сатҳи минтақавӣ гузаронида шавад. Алҳол, ҷанбаҳои мухталифи рушди СЭ дар ҲТММ-и вилояти Суғд, алалхусус объекти мушаххаси табиӣ – парваришгоҳи “Дараи Сабз” мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд ва ба таҳқиқоти хоса ниёз доранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ, ҳамчун соҳаи нави иқтисод омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногунро тақозо менамояд. Мутаассифона дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мушкилотҳои мавҷудаи ин соҳа дар дараҷаи зарурӣ ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Гарчанде, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳои муфассалу мушаххас аз ҷониби М.И. Абрамова (2022), В. Азар (1999), Д.М. Астанин (2022), А.В. Бабкин (2003), А.Г. Банников (2003), М.Б. Биржаков (2004), В.С. Боголюбов (2010), Ю.А. Вершинина (2012), О.Б. Глезер (2012), Н.Р.

Данилина (1999), А.А. Дорофеев (2003), А.В. Дроздов (2005), Е.С. Звягина (2014), Е.М. Коростелев (2008, 2017), А.Б. Косолапов (2005), А.В. Кутузов (2002), Е.Ю. Ледовских (2002), А.Б. Лукичев (2012), В.С. Преображенский (1975), М. Семенова (2009), А.А. Тишков (2002), В.В. Храбовченко (2004), Е.Ю. Хрусталев (2011) ва дигарон масъалаҳои консептуалии СЭ муайян карда шуда бошанд ҳам, дар ин соҳа мушкилотҳои зиёде то ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то даврони Истиқлоли давлатӣ масъалаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ аз мадди назари давлатдорӣ, ҳамчун заминаи боэътимоди рушди иқтисод берун монда буд. Танҳо таҳқиқоти ҷудогона аз ҷониби олимони тоҷик С.Я. Абдураҳимов (2003), Л.А. Алибеков (1994), М.А. Амонатова (2021), Р.Б. Баротов (1984), Ш.Д. Гадоев (2020), Р.Д. Диловаров (2013), Ҷ.Н. Ёров (2009), Р.А. Иброгимова (2023), Э.Ҳ. Иброҳимов (1997), И.И. Исмоилов (1988), Х.Е. Карамхудоев (2021), А.А. Мамадризохонов (2013, 2016), Ф.Ф. Махкамов (2024), Х.М. Муҳаббатов (1999, 2017), Н.Қ. Наимзода (2023), С.А. Раҳимов (2023), Х.М. Саидмуродов (1982), М.К. Саидов (2014), А.М. Сафаров (2023), М. Собиров (2017), М.И. Табаруков (2018), А.Ҳ. Хоҷаева (2023) ва дигарон гузаронида шудааст, ки асосан давоми 15-20 соли охир анҷом дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки ҳалли мушкилотҳои мавҷудаи соҳа таҳқиқоти навро металабанд.

Муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои асосии СЭ, яъне дараҷабандӣ ва арзёбии иқтидори рекреатсионии ҲТММ, таснифоти онҳо, ҳифзи ҳудудҳои табиӣ таҳқиқотҳои хоса гузаронидаанд, ки аҳамияти баланди СЭ-ро дар рушди иқтисоди кишварҳо таъкид менамояд. Алҳол, таҳқиқоти ташаккул ва такомули СЭ бо таъсири он ба комплекси табиӣ ва иқтисодиёти ҲТММ, аз ҷумла дар ҳудуди вилояти Суғд то ҳанӯз дар дараҷаи кофӣ қарор надорад. Алалхусус, мушкилоти мавҷудаи таҳқиқоти ташаккул ва такомули СЭ дар ҲТММ, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз”-и вилояти Суғд зарурати болоравии сатҳи таҳқиқотро металабад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалишавии “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2018, №372 қабул шудааст, гузаронида шудааст. Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва тибқи нақшаи инфиродии докторанти PhD (қарори Шурои олимони донишгоҳ аз 29.11.2018, №4) анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – таҳқиқи хусусиятҳои табиӣ, геоэкологӣ ва экологии ҲТММ, дар мисоли парваришгоҳи "Дараи Сабз" ҷиҳати ташкили СЭ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Баҳри таъмини мақсадҳои гузошташуда ҳаллу фасли ҳадафҳои таҳқиқотии зерин муқаррар карда шуданд:

1. Омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои илмӣ, ҳисоботҳои оморӣ ва соҳавӣ доир ба ташкили СЭ дар ҲТММ ва таъсири он ба устувории геоэкологии маҳал;

2. Гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ тавассути экспедитсияҳои комплексии илмӣ, ҷамъоварии мавод, коркарди камералӣ ва таҳлили он;

3. Таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд, гуруҳбандии намудии маҷмӯи захираҳои табиии ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз";

4. Аниқ кардани омилҳои асосии ташкил ва рушди СЭ ва хусусиятҳои тағйирёбии онҳо дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз";

5. Таҳияи харитаҳо, хатсайрҳои СЭ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо тавсифот ва тавзеҳоти мушаххас;

6. Муайян кардани омилҳои таъминкунандаи устуворияти геоэкологии ҲТММ дар шароити ташкили СЭ дар онҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Дар заминаи арзёбии шароиту захираҳои табиӣ ва геоэкологии мушаххас парваришгоҳи "Дараи Сабз", воқеъ дар қисмати шимолии қаторкуҳи Туркистон, ҳамчун объект барои ташкили СЭ интихоб шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот:** имкониятҳои ташкили СЭ дар ҲТММ-и вилояти Суғд, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз”.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Масъалаҳои зерин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори нахуст дар сатҳи ҲТММ-и мушаххас гузаронида шудааст:

– таҳқиқи маҷмуавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд, ҳамчун объекти табиӣ ва сайёҳӣ;

– арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди СЭ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд;

– таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҲТММ (парваришгоҳи “Дараи Сабз”);

– омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи СЭ ба муҳити геоэкологии ҲТММ.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд, инчунин дар раванди таълими ихтисосҳои равияи табиатшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла самтҳои аграрӣ, географӣ, экологӣ ва сайёҳӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҲТММ-и вилояти Суғд таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии мавҷударо имконпазир мегардонад.

2. Истифодаи ҲТММ-и вилояти Суғд дар заминаи асосҳои илмӣ дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” ҳадафи маҳдуд кардани таъсироти манфӣ ба муҳити зистро доро аст.

3. Омӯзиши таъсири СЭ ба устувории геоэкологии маҳал имконияти муайянсозии сатҳи муътадили таъсир ба муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро муҳайё менамояд.

4. Таҳияи тавсияҳои мушаххас ҷиҳати рушди СЭ дар ҲТММ-и вилояти Суғд имконият медиҳанд, ки захираҳои геоэкологӣ ҳифз карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** дар таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмии соҳавӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти саҳроӣ ва лабораторӣ, тасвиби натиҷаҳо дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ, интишори онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба се банди шиносномаи тахассуси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқат менамояд:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, хок, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар диссертатсия натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти муаллиф дарҷ гардидааст. Муаллиф бевосита дар корҳои саҳроӣ, гузаронидани мушоҳидаҳои геоэкологӣ-муҳандисӣ, экологӣ, инчунин харитасозии минтақаи таҳқиқот ширкат варзида, шахсан харитаҳои муҳандисию геоэкологӣ ва арзёбии рушди СЭ-и минтақаи Суғдро тартиб додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинари илмӣ – назариявии кафедраи геоэкология ва методикаи таълим, конференсияҳои илмӣ-амалии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (2018-2024), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Паёми Пешвои миллат-оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон” (Панҷакент, 2019), конференсияҳои V, VI, XI-уми байналмилалии илмӣ-амалии “Global science and innovations: Central Asia” (Остона, Қазоқистон, 2019-2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” дар мавзуи “Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 2021), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии “Ҳудудҳои наздисарҳадии Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои фаромарзӣ: имкониятҳо ва проблемаҳои ҳамкорӣ” (Самарқанд, Ӯзбекистон, 2022), конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Самтҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ: мушкилот ва дурнамои он дар Осиёи Марказӣ” (Хуҷанд, 2022), конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити куҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор” (Хоруғ, 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Сарватҳои табиии Тоҷикистон: таҳқиқоти геологӣ, вазъи кунунӣ ва дурнамои он” (Хуҷанд, 2024) ва маҳфилҳои дигари илмӣ баррасӣ ва тасвиб гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Ҷузъҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 24 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳо (133 сарчашма, аз ҷумла 64 адабиёти хориҷӣ) иборат буда, 33 расм, 23 ҷадвал, 9 диаграмма ва 174 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШКИЛИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ, ОМИЛИ РУШДИ ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА

## 1.1. Моҳияти сайёҳии экологӣ ва таҳлили умумии ҷараёни ташаккули он, истилоҳоти соҳавӣ

### *1.1.1. Методҳои таҳқиқот, заминаҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот*

Диссертатсияи мазкур натиҷаи омӯзиш, ташхис, коркарди математикӣ ва оморӣ, таҳлили маводи таҳқиқоти саҳроӣ, экспедитсионӣ ва камералии муаллиф мебошад, ки ӯ давоми солҳои 2018-2023 гузаронидааст. Ба ҳайси асоси методии таҳқиқот методикаи таҳқиқи ландшафтҳо ва арзёбии ташхиси вазъи қаблӣ, кунунӣ ва ояндаи наздики ҲТММ истифода гардида, дар баробари он усулҳои ташхиси гуногуннамудӣ ва гуногуншаклии биологӣ, арзёбии захираҳои рекреатсионӣ, услубҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ, аз қабили пурсиши афкор, баҳодиҳии омилҳои таъсиррасони иҷтимоӣ, муқоиса, хулосабарорӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, дар ҷараёни таҳқиқот тадбирҳои мухталифи амалисозии СЭ, таҳияи хатсайрҳои сайёҳӣ ва ҳоказо муайян, ошкор, тавсиф, тафсир ва арзёбӣ карда шудаанд. Пурсиши шифоҳии сайёҳон бо тариқи саволномаи оддӣ оид ба табиати парваришгоҳ гузаронида шуда, маводҳои ба даст омада бо методҳои омории стандартӣ коркард гардидаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот маълумотҳои мушаххас ва муфассали олимони ватаниву хориҷӣ аз манбаҳои гуногуни иттилоотӣ васеъ истифода бурда шудааст ва таваҷҷуҳи асосӣ ба маълумоти омории идораву ташкилот, муассисаҳои давлатии соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, захираҳои ҷангал, инчунин созмонҳои ҷамъиятӣ ва сайёҳӣ, ки дар рушди сайёҳии мамлакат мавқеи устувор доранд, равона гардидааст. Бар замми он, аз ҷониби муаллиф омӯзиш ва таҳқиқоти бевосита дар қисмати шимолии қаторкуҳи Туркистон, яъне ҳудуди маъмурии парваришгоҳи “Дараи Сабз” амалӣ карда шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо дастгирӣ ва ҳамкории пайвастаи мутахассисон ва олимони факултети геоэкология ва туризми МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”, Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд, Муассисаи давлатии

хоҷагии ҷангали вилояти Суғд, мақомоти идоракунии парваришгоҳи “Дараи Сабз” ичро гардида, дар натиҷаи таҳқиқи тамоми ҷанбаҳои захираи рекреатсионию вазъи геоэкологии парваришгоҳ баҳри таҳкими ҷалби сайёҳон, аз ҷумла сайёҳони экологӣ хатсайрҳои сайёҳӣ бо назардошти вазъи мавҷуда ва имкониятҳои рушди он дар дурнамо таҳия карда шудааст.

### *1.1.2. Моҳияти сайёҳии экологӣ, истилоҳоти соҳавӣ*

Мафҳуми СЭ, чун қисмати таркибии индустрияи сайёҳӣ соли 1978 аз ҷониби Ван Миллер, ҳамчун яке аз вариантҳои рушди устувори сайёҳӣ истифода бурда шудааст. Вале, то ҳол вожаи экосайёҳӣ аз ҷониби мутахассисони соҳа маънои ягона надорад, зеро қисме аз муҳаққиқон экосайёҳиро барои ҷалби сайёҳони табиатдӯст, барои истироҳати фаъолона ва ҳифзи табиати маҳал медонанд. Дар асл туроператорон на барои ҳифзи муҳити зист, балки барои ҷалби бештари сайёҳон ин мафҳумро истифода мебаранд. Масалан, В.Миллер қайд менамояд, ки дар ҷараёни СЭ дар давлати Куба ҳангоми фосилаи хӯроки нисфирӯзии сайёҳон ронандаи автобуси онҳо барои нигоҳдории сардии муайян дар дохили автобус муҳаррики мошини худро хомӯш накардааст. Аз ин бармеояд, ки дар ин экотур ҳам сокинони маҳаллӣ аз овози гӯшхарош ва ҳам табиати маҳал осеб дидааст.

Мувофиқи андешаи П. Шэклфорд вожаи СЭ дар индустрияи сайёҳӣ зиёда аз 30 сол инҷониб истифода мегардад, вале то ҳол моҳияти аслии он аниқ карда нашудааст, зеро дар баъзе ҳолатҳо СЭ-ро ҳамчун саёҳат ба гӯшаҳои таъсири антропогенӣ нодидаи табиат меҳисобанд. Мақсади ин сайёҳон қонеъ гардонидани завқ ва шавқи худ аз табиати тағйирнаёфта, растаниҳои ёбоӣ ва ҳайвоноти ваҳшӣ, инчунин завқи эстетикии онҳо иборат аст. Дар ҳолатҳои дигар СЭ, ҳамчун амал барои нигоҳдории мувозинати экологӣ дар табиат фаҳмида шуда, ба сифати сайёҳии табиии дорои аҳамияти омӯзиши муҳити табиӣ ва маданӣ фаҳмида мешавад, ки барои беҳтар намудани муҳити зист равона гардидааст [97].

Дар мафҳуми СЭ фарқиятҳои географӣ низ ба мушоҳида мерасад. Экспертон аз давлатҳои мутараққӣ, яъне нуфузи асосии экосайёҳон СЭ-ро аз нигоҳи истеъмолкунандагон баҳо дода, онро ба хоҳиш ва майли истироҳатии сайёҳон

мутобиқ медонанд. Туроператорон ва муҳаққиқони макони қабули сайёҳон бошад дар ин ҳолат экосайёҳиро манбаи фоида ва саҳми сайёҳӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат меҳисобанд.

Бояд қайд кард, ки вожаи “сайёҳии экологӣ” аслан ба илми экология иртиботи қавӣ надорад. Зеро, ин вожа ва амал, як намуди таъсири бевосита ва бавосита ба муҳити зист мебошад. Мебояд таъкид кард, ки рушди СЭ бо ҷараёни пешрафти постулатҳои асосии илми экология таъсири гусаста надорад, ки чунин ҳолатро номуайянӣ ва антогонизм байни фарзия ва андешаҳои олимони ватаниву хориҷӣ исбот менамояд. Масалан, мафҳуми “сайёҳии экологӣ” ҳанӯз миёнаи солҳои 80-уми асри гузашта дар Федератсияи Руссия тавассути таҳия ва татбиқи хатсайрҳои “Экотури роҳиоҳанӣ дар атрофи кӯли Байкал”, “Экотур дар водии дарёи Голоуст” ва ғайра арзи вуҷуд кардааст. Дар он давра зери ибораи “сайёҳии экологӣ” хатсайрҳое, ки дар он сайёҳон, ғайр аз истироҳату фароғат бо мушкилоти экологии кӯли Байкал ошно мешуданд, фаҳмида мешуд. Вале, дар ин ҷараён иштироки бевоситаи онҳо дар ҳалли мушкилоти экологии ҷойдошта дар мадди назари туроператорон қарор дода нашуда буд. Мафҳуми СЭ дар он давра, ҳамчун мафҳуми категорияи ахлоқӣ дониста шуда, ҷанбаи иқтисодиро соҳиб набуд.

Аввалин шуда иқтисодчӣ ва экологи мексикоӣ Гектор Себаллос-Ласкурейн (Ceballos-Lascurain) соли 1980 барои муайян намудани таърифи СЭ чунин принсипро пешниҳод намуд: “Якҷоякунии саёҳат бо мақсади истироҳат дар ҳавои тоза, шинос шудан бо табиату омӯхтани флораю фауна бо ҳадафи ҳифз кардани он, ин аст СЭ” [125, 126, 5-М]. ТУС бошад, чунин шарҳро маъқул шуморидааст: “СЭ - ҳамаи шаклҳои сайёҳии табиӣ бо мақсади шиносоию мушоҳидаҳои табиат мебошад”. Аз нигоҳи ИБҲТ: “СЭ - ин омӯхтану ҳаловат бурдан аз табиати зебо ва таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба фарҳанг, ки мусоидаткунандаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва аҳолии маҳаллӣ аст”, мебошад [1-М].

Дар омӯзиш ва инкишофи СЭ саҳми олимони рус М.И. Абрамова [15], В. Азар [17], Д.М. Астанин [21], Д.Л. Арманд [20], А.В. Бабкин [22], А.Г. Банников [23], М.Б. Биржаков [32], В.С. Боголюбов [34], В.А. Борисов [35, 36], Ю.А. Вершинина [40], О.Б. Глезер [41], Н.Р. Данилина [43], Д.А. Дирин [107], А.А. Дорофеев [43,

109], А.В. Дроздов [47, 48, 49], А.Н. Дунец [108], Н.М. Забелина [51, 52, 53], Е.С. Звягина [55, 111], А.Н. Иванов [57], Н.А. Исканов [58], Е.М. Коростелев [62, 63, 64], А.Б. Косолапов [65], А.В. Кутузов [66], Е.Ю. Ледовских [67], А.Б. Лукичев [68, 69], Н.В. Пагануцци [83], В.С. Преображенский [85], И.Т. Русева [87], М. Семенова [92], В.Н. Скалон [94], А.А. Тишков [95, 96], В.В. Храбовченко [97], Е.Ю. Хрусталев [98], В.П. Чижова [100, 101], С.Н. Шевченко [102], олимони тоҷик Ҳ. Аброров [16], Л.А. Алибеков [19], М.А. Амонатова [103], Р.Б. Баротов [24-31], Ш.Д. Гадоев [105], Р.Д. Диловаров [44, 45], Ҷ.Н. Ёров [50, 110], А. Давлатов [42], Р.Ғ. Забиров [54], Э.Ҳ. Иброҳимов [112], Р.А. Иброгимова [113], И.И. Исмоилов [59], Ҳ.Е. Карамхудоев [60, 114], А.А. Мамадризохонов [70-74], Ф.Ф. Махкамов [75, 76, 115], Х.М. Муҳаббатов [74-80, 116], М.К. Саидов [91], А.Ҳ. Хоҷаева [124] ва дигарон назаррас аст.

Н.М. Забелина [51, 52, 53] масъалаи шакли нави ташкили истироҳат ва ҳифзи табиат, яъне боғҳои миллиро таҳқиқ намуда, хатсайрҳои ҷолибро дар ин объектҳо тафсир додааст. Е.С. Звягина [55, 111] таъсири мусбии СЭ-ро ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии экологӣ марбут ба маърифати экологии ҷомеа ва вазъи иқтисодии аҳолии маҳаллӣ шарҳ додааст. Ғайр аз он, ӯ дар мисоли боғҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳо модели рушд ва идоракунии СЭ-ро пешниҳод кардааст ва таҷрибаи мусбии ҳамгироии фаъолияти иҷтимоӣ ва экологиро дар ҲТММ арзёбӣ намудааст. М.Б. Биржаков [32] асосҳои назариявии фаъолияти бехатар дар сайёҳӣ, омилҳои хусусияти табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоидошта, ки барои саёҳат хавфноканд, психологияи сайёҳии бехатар, ҷанбаҳои экологии сайёҳиро шарҳ додааст. А.В. Бабкин [22] фаъолияти сохтори дохилии сайёҳиро тасниф намуда, хусусиятҳои ташкили амалии намудҳои махсуси он, бахусус СЭ-ро возеҳ сохтааст. В.В. Храбовченко [97] принсипҳои рушди СЭ-ро пешниҳод намуда, ҷиҳати ҷалби самараноки ҲТММ тавсияҳои ҷолиб пешниҳод намудааст. Е.Ю. Ледовских [67] бошад, иқтидори экологӣ - сайёҳӣ, банақшагирии стратегӣ, ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва роҳи баромад ба бозор, таҷҳизоти пайраҳаи экологӣ, ташкили СЭ ва экскурсия, ҳамкорӣ бо аҳолӣ, мониторинг ва идоракунии онро баён кардааст. А.В. Дроздов [48] бошад, равияҳои асосии менеҷменти СЭ-ро шарҳ медиҳад. В.С.

Преображенский [85] системаҳои ҳудудии рекреатсиониро ҳамчун объекти омӯзиши географӣ таҳлил ва хулосабардорӣ карда, аҳамияти онҳоро мушаххас гардонидааст. Олимони ватанӣ ҷиҳати захираҳои рекреатсионӣ, хусусиятҳои геоэкологӣ ва дигари захираҳои табиии ҶТ таҳқиқотҳои хосаро анҷом додаанд. Масалан, Х.М. Муҳаббатов [74, 78, 79, 116] дар бобати арзёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиии Тоҷикистон, хусусан минтақаҳои баландкуҳ ва ноҳияҳои табиӣ-иқтисодӣ, чораҳои банизомдарорӣ ва беҳбудии вазъи экосистемаҳои куҳӣ андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Р.Ғ. Забиров [54] доир ба омилҳои экологӣ ва қонуниятҳои таъсири онҳо ба организмҳои зинда, муҳитҳои асосии ҳаётӣ, системаҳои экологии ҲТММ, таъсири фаъолият ва хоҷагидории инсон ба онҳо, роҳҳои бартараф ва барқарор кардани онҳоро пешниҳод кардааст. А. Давлатов [42], Р.Д. Диловаров [44], М.К. Саидов [91] дар мамнуъгоҳ ва парваришгоҳҳои Тоҷикистон, хусусан "Бешаи палангон" ва "Искандаркӯл" таҳқиқот бурда, тадбирҳои ҳифзи гуногуннамудии биологӣ ва омилҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ин ҲТММ-ро пешниҳод кардаанд. Ш.Д. Гадоев [105] бошад, шароити геоэкологии мамнуъгоҳи "Даштиҷум"-ро таҳқиқ карда, зарфияти онро барои ташкили СЭ арзёбӣ ва инчунин, мақоми мамнӯъгоҳи мазкурро дар бозори СЭ-и минтақавӣ аниқ кардааст. А.Ҳ. Хоҷаева [45, 124] таҳқиқотро дар самти иқтидори захиравии минтақаи сайёҳию рекреатсионии қисмати тоҷикистонии депрессияи Фарғонаи ғарбӣ анҷом додааст, ки барои таҳқиқи масъалаи рушди СЭ дар минтақа хеле муҳим мебошад. Ӯ инчунин, масъалаҳои ташкили ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаро аниқ карда тавонистааст. Омӯзиши ҳолати кунунии истифодаи иқтидорҳои сайёҳии минтақаи Кӯлоби ҶТ бошад, меҳвари таҳқиқотии Р.А. Иброгимоваро [113] дар бар гирифтааст.

Омӯзиши СЭ, ҳамчун масоили илмӣ аз ҷониби Ю.А. Веденин, 1973 [38], В.С. Преображенский, 1975 [85], Н.М. Забелина, 1990 [51], А.В. Дроздов, 2005 [48] ва дигар олимон пешниҳод гардида, чунин самтҳоро фарогир аст:

1) дар асоси методологияи истифодабарии СЭ ташаккул додани ҷаҳонбинии экологии аҳолӣ;

2) ташаккули назарияи СЭ, ҳамчун яке аз самтҳои маърифат ва тарбияи экологии аҳолӣ;

3) муайян намудани шакли таъсиррасонии байниҳамдигарӣ бо таҷриба ва дарёфти талаботи таҷрибаи СЭ.

А.В. Дроздов дар асари худ "Основы экологического туризма" принсипҳои заминавии СЭ-ро муайян ва оид ба равияҳои асосии дар менеҷменти СЭ истифодашаванда маълумот додааст [48].

Муҳаққиқи рус В.С. Преображенский дар асараш "Теоретические основы рекреационной географии" масъалаҳои фаррохи вобаста ба ташаккул ва фаъолияти системаҳои ҳудудии ташкили истироҳат, методикаи омӯзиш ва ба нақшагирии онро тарҳрезӣ намудааст. Инчунин, системаҳои ҳудудии рекреатсионӣ, ҳамчун объекти омӯзиши географӣ таҳлил карда шудаанд. Омилҳои сохтори СЭ-ро ташаккулдиҳанда (системаи донишҳо, интихобӣ будани онҳо, хусусиятҳои динамизму иерархиянокӣ) муайян карда шуданд. Типологияи системаҳо созмон дода шуда, методҳои омӯзиш ва баҳодиҳии ҳудуд барои лоиҳабандии система, хусусиятҳои таҳқиқоти системавии байнифаннӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [85].

Н.М. Забелина дар масъалаи боғҳои миллӣ таҳқиқот бурда, доир ба имкониятҳои рушди СЭ дар 99 адад мамнуъгоҳ ва 33 адад боғҳои миллии ҳудуди Федератсияи Русия маълумоти муфассал пешниҳод намудааст [51, 52, 53].

### *1.1.3. Таҳлили умумии ҷараёни ташаккули сайёҳии экологӣ*

Пайдоиши СЭ ва рушди он ба суръати муносибатҳои бенизом дар системаи "ҷомеа-табиат", ё ин, ки дар тафсири сайёҳӣ – "сайёҳӣ-экология" шарҳ дода шуда, сабаби асосии бавуҷудоии СЭ ва шиддатёбии таъсир ба захираҳои табиӣ ва таърихӣ-маданӣ гардидааст. Ин ҳолат ба суръати афзоиши ҷалби сайёҳон таъсири бевосита расонида, зиддиятро байни таъмин кардани талаботи сайёҳӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ ба вуҷуд овард. Зеро, ҷанбаҳои таъсири манфӣ ба захираҳои табиӣ-сайёҳӣ аз солҳои 70-уми асри гузашта мушоҳида карда мешуданд. Масалан, аз соли 1973 то 1983 дар Аврупо дарозии хатсайрҳои сайёҳии обӣ ба 40%

коҳиш ёфтааст. Дарозии сайёҳии баҳрӣ бошад дар ин давра то ба 70% кӯтоҳтар шудааст. Сабаби асосии ҳолати мазкур мувофиқи таҳқиқотҳо ба олудашавии манбаҳои обӣ алоқаманд буда, масоҳати мавзеъҳои зарардида то ба 60% боло рафтааст.

Маврид ба қайд аст, ки солҳои 80-уми асри XX дар воситаҳои ахбори омма нашри аввалин таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши таъсири манфии антропогенӣ ба захираҳои рекреатсионӣ дар ҲТММ оғоз гардид. Макони ин нашрияҳо қитъаи Аврупо ҳисобида мешавад, ки бо зичии баланди аҳолӣ, саноати рушдёфта ва пешсафӣ дар рушди сайёҳӣ дар сатҳи сайёра фарқ карда меистад. Соли 1980-ум дар маҷаллаи Олмони расмии ғарбӣ “ТЕО” мақолаи олим Р. Юнка зери мавзуи “Чӣ қадар сайёҳон дар як га соҳили баҳр истироҳат мекунанд?” нашр гардид, ки дар он вожаи “сайёҳии нарм” ва роҳҳои ҳифзи он таъкид гардидааст. Инчунин, дар байни муҳаққиқон ва масъулини соҳаи сайёҳӣ муҳтавои мақолаи мазкур боиси мунозираҳо гардид. Соли 1981-ум муҳаққиқ Х. Вайса дар китоби “Фарсудашавии тадриҷи ландшафт ва тадбирҳо барои ҳимояи он дар Швейтсария” (Мирное разрушение ландшафта и меры по его спасению в Швейцарии) ҷиҳати коркарди антропогении захираҳои сайёҳӣ ва пайдоиши мафҳумҳои “сайёҳии нарм”, “сайёҳии сабз”, тавсияҳои бошуурона, истифодаи босаводонаи экологии ҳудудҳои табиӣ бо мақсадҳои рекреатсионӣ ва ҳоказо маълумотҳои ҷолиби диққатро тавсиф кардааст [93, 1-М].

Гарчанде, ки аз пайдоиши СЭ беш аз чил сол сипарӣ шавад ҳам, то ба ҳол мафҳуми ягонаи эътирофшуда аз ҷониби аксарияти кулли муҳаққиқон вуҷуд надорад. Яке аз вариантҳои ин таъриф: “СЭ ҳамчун шакли фаъоли рекреатсия мебошад, ки ба истифодаи оқилонаи неъматҳои табиӣ асос карда шудааст”. Ин маънои рад кардани парастории бароҳатӣ, муоширати бениҳоят зиёд, дастрасӣ ва сарфи зиёди неъматҳои сайёҳии сершумор (дар фарқият масалан, аз тур-реализм, ки фишор ба табиат ва маданият бо нигоҳдории сатҳи баланди комфортро мефаҳмонад) маҳсуб меёбад.

Алҳол, дар муҳити илмии соҳаи сайёҳӣ якчанд таърифи идеалистии СЭ мавҷуданд, ки бо ҳам шабеҳият доранд:

– як намуди саёҳате, ки дар минтақаҳои дастнораси табиӣ бо мақсади омӯхтану ба ҳайрат омадан ва лаззат бурдан аз ландшафтҳо бо растаниҳо ва ҳайвоноти ёбоии онҳо ва инчунин бо ҳама зуҳуроти фарҳангии мавҷуда ба роҳ монда мешавад, СЭ номида мешавад (Ceballos-Lascurain H., 1991) [125, 126, 1-М];

– СЭ як намуди сайёҳӣ мебошад, ки ба талаботи сайёҳӣ ҷавобгӯй аст ва ба эҳтиёҷоти сайёҳӣ дар фаҳмиши табиат ва саҳм гузоштан ба ҳифзи экосистема бо назардошти манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ асос ёфтааст (В.В. Храбовченко, 2004) [97];

– СЭ як шакли устувори сайёҳӣ мебошад, ки барои сафарҳо ба минтақаҳои нисбатан дастнораси табиӣ равона карда шудааст (А.Б. Лукичев, 2011) [69];

– СЭ - талаботи рӯзафзуни хизматрасониҳои алоқаманд ба муҳити мусоиди экологӣ мебошад (Ш.Д. Гадоев, 2020) [105].

Дар доираи таҳқиқоти мазкур таърифоти мавҷудаи СЭ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд, ки хулосаи ниҳоии онро маълумотҳои (расми 1.1) инъикос менамояд:




**Расми 1.1. - Таҳлили маҷмӯаи таснифоти СЭ**

Хусусиятҳои фарққунандаи СЭ дар он аст, ки ин омил оқибатҳои таъсири манфӣ ба табиатро метавонад пешгирӣ ва идора кунад, операторони сайёҳӣ ва сайёҳонро барои ҳифзи муҳити зист ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳавасманд намояд.

Аксари муҳаққиқон, аз қабили В.В. Храбовченко, А.В. Бабкин ва дигарон чаҳор намуди СЭ ва экотурҳоро ҷудо мекунанд:

– сайёҳии илмӣ;

– саёҳат ба ёдгориҳои табиӣ;

– сайёҳии саргузаштӣ;

– саёҳат дар резерватҳои табиӣ, ҲТММ [22, 97].

Баъзе мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ба он ақидаанд, ки агросайёҳӣ ва сайёҳии деҳот навъҳои СЭ мебошанд, ки ҷонибдорони бисёр пайдо накардааст. Иқтисоддонҳо бошанд, чунин меҳисобанд, ки агросайёҳӣ ин худ СЭ маҳсуб меёбад, ки боиси ба вуҷуд омадани ихтилофҳои зиёде байни муҳаққиқони соҳа шудааст [110].

Объекти СЭ метавонад ҳам ёдгориҳои табиӣ ва ҳам фарҳангӣ, ландшафтҳои табиӣ ва табиӣ-антропогенӣ, ки фарҳанги анъанавӣ бо муҳити табиат якҷояро инъикос менамояд.

Сайёҳии илмӣ, мафҳуми нисбатан нав ҳисобида шавад ҳам, дар асл ин намуди сайёҳӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим сарчашма мегирад.

Давоми давраҳои таърихӣ ва то ҳол иддае аз олимон дар ҳайати экспедитсияҳои баҳрнавардӣ бо мақсадҳои ҳарбӣ, тиҷорат ва ҳоказо саёҳат анҷом медоданду натиҷаҳои онҳоро ба шакли асар, фарзия ва хулосаҳои илмӣ ба ҷаҳониён пешкаш мекарданд. Алалхусус, таваққуфи киштиҳо дар соҳилҳо барои олимон имконияти васеи омӯзиш ва таҳқиқотро фароҳам меовард.

Ҳамзамон, сайёҳии илмӣ (ба монанди экосайёҳии илмӣ) диққатҷалбкунанда набуда, ба предмети муносибатҳои муътадили бозор табдил меёбад. Сайёҳии илмӣ, системаи маърифатии таҳқиқоти илмиро дар минтақаҳои алоҳидаи давлат ва ҳам дар тамоми кишвар дар бар мегирад. Сайёҳии маърифатӣ ба сайёҳон имкон медиҳад, ки самтҳои гуногуни таҳқиқоти илмиро мубодила ва ҳамзамон, тарзи нави тафаккурро дар соҳаи муайяни иқтисодиёти миллӣ таҳия кунанд. Дар ҳамоишҳои сайёҳӣ аз тарафи олимон ғояҳои нави илмӣ ба вуҷуд меоянд ва онҳо такони қавии барқарорсозии эҷодӣ барои руҳияи равонӣ мегарданд. Робитаҳои илмӣ дар хизматрасонии экскурсионӣ-табобатӣ ва чорабиниҳои курортӣ-табобатӣ, ки ба

истироҳату беҳдошти тандурустӣ мусоидаткунандаанд, муҳим арзёбӣ карда мешаванд [1-М]. Одатан, ҳангоми сафарҳои илмӣ мавзеъҳои сайёҳии ҲТММ чун боғҳои миллӣ, мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, ёдгориҳои табиӣ хубтар омӯхта мешаванд.

Сайёҳии илмиро метавон ба қисмҳои таҳқиқоти шиносоӣ, ёрирасон ва мустақилона ҷудо кард. Ҳангоми шиносоӣ бо маҳал ба сайёҳон ашёҳои табиӣ ва сунъӣ намоиш дода мешаванд ва дар бораи мушкилоти мухталиф, ҷойгоҳи онҳо дар кишвари муайян ва ҷаҳон тавзеҳот дода мешаванд. Ҳамзамон, бо иштироки корманди ёрирасон сайёҳон метавонанд корҳои илмӣ ва ба он алоқамандро ҳамчун ҳайати ёвар, дар таҳқиқоти мустақил ба ҳайси кормандони илмӣ иҷро кунанд. Дар ҷараёни экотурҳои илмӣ сайёҳон дар намудҳои гуногуни омӯзиши табиат иштирок мекунанд ва ҳамчунин мушоҳидаҳои саҳроӣ мегузаронанд ва экспедитсияҳои илмии хориҷиён, таҷрибаомӯзиҳои саҳроии донишҷӯён ба сайёҳии илмӣ мансуб шуда метавонанд.

Сайёҳии илмӣ маълумотҳо оид ба минтақаҳою объектҳои дурдасту камомӯхташударо пурра карда, аксаран ба густариши робитаҳои илмӣ ва таълимӣ байни кишварҳо мусоидат мекунад ва барои лоиҳаҳои муҳими байналмилалӣ замина мегузорад. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико роҳи омӯзиши он “learning travel” номида мешавад, ки сайёҳии таълимӣ, маърифатӣ ё илмиро ифода мекунад [1-М].

Дар ҷараёни маънидоди нисбатан саҳеҳи вожаи СЭ муҳаққиқони мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон андешаҳои гуногунро баён медоранд. Яке аз вариантҳои саҳеҳи мафҳуми мазкур аз ҷониби олимони рус Г.С. Гужин, М.Ю. Белликов ва Е.В. Клименок ҳанӯз соли 1997 пешниҳод гардидааст, ки он чунин ифода ёфтааст: “дар заминаи СЭ ғамхорӣ ба муҳити зист хобидааст. Дар навбати аввал ташкили ташрифи шумораи маҳдуди сайёҳон ба минтақаҳои табиӣ бо имконияти ташрифи мавзеъҳое, ки рағбати маъданиро бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаҳои гуногуни ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ меистад” [97].

Маънидоди мазкур бо таърифи Ташкилоти байналмилалии экосайёҳӣ умумияти бештар дорад, яъне “экосайёҳӣ - саёҳати масъулона ба минтақаҳои табиӣ

баҳри нигоҳдошти муҳити зист ва некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ” мебошад. Ҷиҳати нисбатан асоснок намудани СЭ, ҳамчун намуди саёҳат ташкилоти номбурда даҳ нишондиҳандаи экосайёҳро ҷудо менамояд:

1. Дар эътибор доштани осебпазирии табиати Замин;
2. Гузоштани изҳои ноаён ва бо худ бурдани танҳо расмҳо;
3. Дарки фарҳанги мардум, география ва хусусиятҳои дигари оламе, ки саёҳат кардааст;
4. Эҳтиром кардани сокинони маҳаллӣ;
5. Харидорӣ накардани маснуоти истеҳсолие, ки ба муҳити зист хатар эҷод карда метавонад;
6. Ҳамеша роҳпаймоӣ бо пайраҳаҳои пешина (озмуда);
7. Дастгирии бевоситаи барномаҳои ҳифзи муҳити зист;
8. Истифодаи усулҳои нигоҳдошти муҳити зист дар маҳалҳое, ки чунин имконият вуҷуд дорад;
9. Дастгирии зеҳнӣ ва молиявии ташкилотҳое, ки барои ҳимояи табиат мусоидат менамояд;
10. Саёҳат танҳо тавассути ширкатҳое, ки принсипҳои экосайёҳиро дастгирӣ менамоянд.

Дар заминаи ин нишондиҳандаҳо нисбати экосайёҳ ширкати ҳавопаймоии «British Airways» барои мусофирони худ, ки ба истироҳат равонанд ёддошти мухтасареро тартиб додааст, яъне:

– ҳеҷ вақт харидорӣ накардани маҳсулоте, ки аз устухон ё предметҳои дигари ҳайвоноти нодир сохта шудааст;

– истифодаи фаъолонаи хизматрасонӣ ва маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ. Бо ин роҳ ба сокинони маҳаллӣ манфиат меорад ва иқтисодиёти маҳаллӣ рушд меёбад;

– ҳайвонҳоро ноором насозед ва ба растаниҳо осеб нарасонед. Ҳамеша партовҳо – шиша, зарфҳо, халтаҳо ва дигар маҳсулотҳои пластикиро бо худ гиред, зеро онҳо метавонанд сабаби нобудшавии ҳайвоноти ваҳшӣ гарданд;

– махсусан бо рифҳои марҷонӣ эҳтиёткор бошед. Марҷон, ин организми зиндаест, ки ҳангоми дастрасонӣ метавонад осеб бинад;

– давлатҳои сершумор барои ҳалли мушкилоти ҳифзи муҳити зист кӯшиш менамоянд. Шумо тавассусти ташриф ва шиносоӣ бо боғҳои миллӣ, осорхонаҳо, ёдгориҳо ва ғайра метавонед ин амалро дастгирӣ кунед;

– агар шумо бо мушкилоти ҳифзи муҳити зист рӯ ба рӯ гардидед, бетараф набошед ва муносибати худро ба он ҳатман баён намоед;

– ҳаракат намоед, ки оромии сокинони табиати зиндаро халалдор насозед ва тарзи табиии ҳаёт ё муҳити маскунии онҳоро вайрон накунед;

– дар мамнуъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ барои нарасонидани осеб ба пӯшиши наботот танҳо бо роҳҳо ва пайраҳаҳои мавҷуда ҳаракат кунед;

– ҳангоми тамокукашӣ боэҳтиёт бошед, зеро сигори хомӯшнашуда метавонад сабабгори сӯхтор бошад.

Дар натиҷаи омӯзиши маълумотҳои мавҷуда ҷиҳати муайян кардани моҳияти мафҳуми СЭ олим К. Вард онро ба намудҳои фаъол ва ғайрифаъол ҷудо намудааст. Ба намуди ғайрифаъол ӯ маънидоди М.Майяро мансуб медонад, яъне “экосайёҳӣ истифодаи захираҳои сайёҳии табиӣ ва маданиро ҳамоҳанг месозад, кӯмак мерасонад ва тақвият мебахшад. Ҳамаи ин дар заминаи дарки муҳимияти нигоҳдошти мероси фарҳангии маҳаллӣ ва захираҳои табиии минтақа баҳри сокинони маҳаллӣ ва сайёҳони оянда ба вуҷуд меояд” [97]. Ба сифати маънидоди экосайёҳии фаъол метавон андешаи Ҷамъияти байналмилалии муқовимат ба осебпазириро қабул намуд: “Экосайёҳӣ - бартарияти манфиатҳои сокинони маҳаллиро дар азхуднамоии сайёҳии ҳудуд ҳавасманд мегардонад, флора ва фаунаи маҳаллиро ҳимоя намуда, сокинони маҳаллиро баҳри нигоҳдошти муҳити зист” бо ҳавасмандгардонии иқтисодӣ таъмин менамояд [97].

Алҳол, муҳаққиқони сершумори ҷаҳонӣ, аз ҷумла ватанӣ ҳамчун хосиятҳои сайёҳӣ ҷанбаҳои зеринро ҷудо менамоянд:

– ҳамаи саёҳате, ки дар ҷараёни он сайёҳ муҳити зистро меомӯзад;

– саёҳате, ки дар он табиат сарвати асосӣ мебошад;

– даромад аз СЭ барои дастгирии молиявии ҳифзи муҳити зист равона мегардад;

– экосайёҳон дар амалҳое, ки барои нигоҳдошт ва барқарор кардани захираҳои табиати ваҳшӣ шахсан иштирок менамоянд;

– экотур ин намуди саёҳатест, ки дар он ҳамаи амалҳо аз лиҳози экологӣ нарм ё камзарар маҳсуб меёбанд.

Таҳқиқотҳои муайян собит месозанд, ки фарқият ва умумиятҳои мавҷуда дар маънидоди мафҳуми СЭ барои гирифтани маълумоти дақиқи омории рушди СЭ монеъ мешаванд. Бинобар ин, коршиносони ТУС дар ҳисоби даромад аз намудҳои сайёҳӣ бештар мафҳуми “сайёҳии ба захираҳои сайёҳии табиӣ майлдошта” ё худ “сайёҳии табиӣ” таваҷҷуҳ менамоянд, ки ба он СЭ-ро низ мансуб медонанд. Мавҷуд набудани фаҳмиши ягона ва маънидодҳои гуногунмазмун дар фаҳмиши вожаи “сайёҳии экологӣ” ширкатҳои сайёҳиро маҷбур намудааст, ки аз истифодаи васеи он худдорӣ намоянд, зеро гурӯҳҳои мухталифи истеъмолкунандагон онҳоро ҳар хел қабул менамоянд. Чунин ҳолат дар истифодаи вожаҳои дигаре, ки мазмунан бо СЭ наздиканд, низ дида мешавад. Масалан, сайёҳии табиӣ, сайёҳии нарм, сайёҳии сабз, сайёҳии масъулона, агросайёҳӣ ва намудҳои дигари ба экосайёҳӣ наздик, лекин фарқияти зиёддошта мебошад. Дар ин замина Президенти ҷамъияти экосайёҳӣ Д. Вестерн баён менамояд, ки: “ҳеҷ гоҳ фарқияти аниқи байни сайёҳӣ ва СЭ мавҷуд буда наметавонад. СЭ мебояд худро ҳамчун соҳаи пешбаранда муайян намуда, ҳамаи ҷиҳатҳои олии худро ба бозори сайёҳӣ пешниҳод намояд ва намунаи ибрат дар ҷаҳон бошад” [97]. Муҳаққиқ Маркус Эндикотт пешниҳод менамояд, ки мафҳумҳои болозикр бо ин тавр маҳдуд карда шавад: “СЭ - ин саёҳат бо таъсири пасти атнропогенӣ ба муҳити зист ё турҳо ба табиат мебошад. Алҳол, метавон нисбати экосайёҳии аслӣ ва экосайёҳии ноасл андеша кард. Ғайр аз он мафҳуми сайёҳии устувор мавҷуд аст, ки ғояи консепсияи банақшагирӣ ва пешгӯии натиҷаҳоро ба ҳафт авлоди оянда пеш мебарад” [97]. Маркус Эндикотт қайд менамояд, ки сайёҳии устувор, ҳамчун майдони фарох маданият, фарҳанг, муҳити зист ва ҳатто масъулияти молиявии индустрияи сайёҳиро бо ҳам алоқаманд менамояд. Бинобар ин, сайёҳии устувор мебояд сайёҳии аслӣ ва саргузаштиро дар бар гирад [97].

Сайёҳӣ ҳамчун тиҷорат ё индустрия дар замони муосир ба самти усулҳои масъули бурдани тиҷорат равона гардидааст, ки маҳсули он пайдоиши мафҳуми “сайёҳии масъул” мебошад. Дар давраи аввали пайдоиши ин мафҳум масъулияти иҷтимоӣ ва фарҳангии сайёҳӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта, соҳаи муҳити зист ё табиат аз мадди назар берун буд. Вожаи сайёҳии иҷтимоӣ мебояд ҳангоми саёҳат дар ҳудуди фарҳанги худдии сайёҳ ва сайёҳии фарҳангӣ ҳангоми саёҳат берун аз фарҳанги худӣ дониста шавад. Вожаи сайёҳии сабз бештар пайдоиши сиёсӣ дошта, ба фаъолияти ҳизбҳои сабз, сиёсатмадорон ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад. Масалан, коршиноси фаннӣ Х. Монтехано сайёҳии сабзро ҳамчун “фаъолияте, ки дар ҳамбастагӣ бо табиат, ҳаёт дар истроҳатгоҳҳо ё шаҳракҳо мегузарад”, маънидод менамояд. Муҳаққиқони дигар бошад дар ҳолатҳои зиёд сайёҳии сабзро ба сифати сайёҳии деҳот ё агросайёҳӣ қабул менамояд. Ҳол он, ки дар байни вожаҳои сайёҳии деҳот ва агросайёҳӣ умумият ва фарқияти зиёде муайян карда шудааст. Масалан, дар Италия се самти алоҳидаи агросайёҳӣ: табиат ва саломатӣ, хӯроки анъанавӣ ва варзишро ҷудо менамояд. Дар ин ҳолат танҳо самти аввала ба СЭ алоқамандӣ дошта, дар ҳудуди деҳот ё ҳудуди макони истироҳат, мамнуъгоҳҳо ё боғҳои миллӣ сурат мегирад.

Солҳои охир мафҳуми экосайёҳие, ки аз ҷониби Шурои машваратии Канада оид ба муҳити зист пешниҳод гардидааст, маъмул ва мавриди қабул гаштааст. Зеро, ин маънидод нигоҳҳои муосир ва услубҳои баҳодиҳӣ ба ҳодисаро муттаҳид менамояд ва аз ҷониби ташкилотҳои экосайёҳӣ васеъ истифода мегардад: Экосайёҳӣ - намуди сайёҳиест, ки ба дарки табиат алоқаманд буда, ба нигоҳдошти экосистема ва эҳтироми манфиатҳои сокинони маҳаллӣ алоқаманд аст.

Баррасии андешаҳои мухталифи болозикр имконият медиҳад, ки дар фаҳмиши мафҳуми экосайёҳӣ 3 қисмҳои таркибии асосӣ аниқ карда шаванд:

1. Дарки табиат, аз ҷумла саёҳат барои омӯзиши табиат, пайдоиши дониш, малака ва савияҳои нав дар сайёҳон;

2. Нигоҳдошти экосистема на танҳо рафтори гурӯҳи муайянро дар хатсайр, балки иштироки сайёҳон, туроператоронро дар барномаҳо, тадбирҳо оид ба ҳифзи муҳити зист пешбинӣ мекунад;

3. Эҳтироми манфиати сокинони маҳаллӣ - на танҳо лоиҳаи қонунҳо ва анъанаҳои маҳалҳо, балки саҳми сайёҳӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маконҳои сайёҳӣ. Метавон хулоса кард, ки дар ҳолати мавҷуд набудани яке аз ин қисмҳои таркибӣ мафҳуми СЭ вуҷуд дошта наметавонад.

Аз таҷрибаи фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз он ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ бармеояд, ки кор бояд на бо сатҳи замин, балки бо аҳолии он, яъне фаъолияти сокинони маҳаллӣ дар бунёд ва идоракунии муҳити зист, манзили зисти онҳо ва ояндаи фарзандони онҳо ҳавасманд карда шавад. Ба яке аз ин ҷузъҳо, дар бораи СЭ ҳарф задан ҷоиз нест. Дар ҷадвали 1.1 норасоиҳои ҷузъии мавҷуда дар таълифи таърифоти муосири СЭ гуруҳбандӣ ва имконияти ислоҳи онҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.1. - Норасоиҳои ҷузъии таърифоти муосири СЭ**

| Маънидод | Норасоӣ |
|---|---|
| Ташрифи боғҳои миллӣ ва иншоотҳои дигари табиӣ бо мақсади мушоҳида ва гирифтани ҳаловат аз намудҳои растаниҳо, ҳайвонот, инчунин фарҳанги маҳаллӣ | Ба эътибор нагирифтани манфиати сокинони маҳаллӣ, тағйироти экосистема |
| Саёҳати даркнамоӣ, ки донишҳо оид ба табиатро бой мегардонад, барои нигоҳдошти экосистема кӯмак мерасонад, якҷоя барои халалдор насохтани ҳаёти маскунони муҳити табиӣ мусоидат мекунад | Зуҳуроти беэътиборӣ ба манфиати сокинони маҳаллӣ |
| Сайёҳии масъулона, ки барои нигоҳдории объектҳои табиӣ ва беҳтарсозии некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ мусоидат мекунад | Дарки табиатро аз ҷониби сайёҳон инкор мекунад |
| Сайёҳие, ки саёҳат ба мавзеъҳои нисбатан дастнорасидаро дарбар мегирад ва бо мақсади таҳқиқот, ҳаловатёбӣ аз манзара, ҳайвоноти ваҳшӣ ва растаниҳои ёбоӣ, инчунин ёдгориҳои фарҳангӣ | Ба эътибор нагирифтани манфиати сокинони маҳаллӣ, тағйироти экосистема |
| Сайёҳие, ки ба қиёсан дастнорасида будани муҳити табиӣ асос ёфтааст, вайронкунанда намебошад, дар реҷаи менеҷменти адекватӣ амалӣ мешавад, барои ҳимояи давомнок ва идоранамоии ҳудудҳои ҳифзшаванда мусоидат мекунад | Зуҳуроти беэътиборӣ ба манфиати сокинони маҳаллӣ |

| Маънидод | Норасоӣ |
|---|---|
| | **Идомаи ҷадвали 1.1** |
| Сайёҳие, ки ба муҳити зист ҳассос аст | Зухуроти беэътиборӣ ба манфиати сокинони маҳаллӣ, тағйироти экосистема |
| Саёҳат бо мақсади дарки фарҳанг ва таърихи табиат, бардошти фоидаи иқтисодӣ, инчунин набудани таъсир ба экосистема | Зухуроти беэътиборӣ ба манфиати сокинони маҳаллӣ |

СЭ дар индустрияи ҷаҳонии замони муосир яке аз соҳаҳои зуд рушдёфтаистода ба ҳисоб меравад. Шарти нахустини СЭ дар табиат ташкил ва гузаронидани лаҳзаҳои истироҳат, нигоҳдории иқтисодиёту сиёсат ва истифодаи захираҳои рекреатсионӣ аст.

## 1.2. Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда

Барои рушди сайёҳӣ ва афзоиши ҳамасолаи теъдоди сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф меоранд, шиносоӣ бо ҷолибияти баланди объектҳо ва зуҳуроти беназири табиӣ ва экзотикӣ дар ҲТММ аҳамияти хосаро доро мебошанд. Масалан, агар ба давлатҳои ҷаҳон назар андозем, нисфи шумораи сайёҳоне, ки ба Амрикои Лотинӣ меоянд, танҳо ба мамнӯъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ ташриф меоранд. Маъмурияти бисёр боғҳо ва мамнуъгоҳҳои миллӣ экскурсияҳои экологиро ба як намоишгоҳи воқеӣ ва шавқовар табдил медиҳанд. Андешаи мазкурро таҷрибаи мавҷуда дар мисоли боғи миллии Йеллоустоун (ИМА) исбот менамоянд. Боғи миллии мазкур нахустин иншоот дар мақоми ҲТММ буда, ҳанӯз соли 1872 таъсис ёфтааст ва алҳол дар байни сайёҳон хеле маъмулу машҳур аст. Шумораи солонаи ташрифи сайёҳон ба ин иншооти СЭ беш аз 2 млн. нафарро ташкил медиҳад ва дар он тамоми шароитҳои зарурӣ, аз қабили чандин меҳмонхонаву таваққуфгоҳҳои оммавии мавсимию доимӣ, осорхона ва дигар марказҳои иттилоотӣ мунтазам фаъолият мекунанд [130, 1-М].

Боғ дар соҳилҳои дарёи Йеллоустоун дар ҳудуди се иёлот ҷойгир аст - Айдахо, Вайоминг (қисми зиёди боғ) ва Монтана буда, масоҳати он қариб 9 ҳазор км$^2$

мебошад. Давомнокии саёҳатҳо дар боғ бо дақиқаҳо ҳисоб карда мешавад ва бо давраҳои фаъолияти гейзер вобаста аст. Аксаран намоиши ашёҳои табиӣ, хусусан дар ғорҳо бо равшании ранга, мусиқӣ, намоишҳои театрӣ, намоишҳои манзараҳои зиндагии одамони абориген (зоти қадимаи маҳаллӣ) ташкил ва гузаронида мешавад.

Ин навъи СЭ дар Австралия низ бештар рушд ёфтааст. Боғи ботаникии сатҳи олии Сидней (Royal Botanic Garden Sydney) дар шаҳри Линфилди Австралия, як боғи зебои ҳудуди қисмати шимолӣ мебошад, ки танҳо дар ин боғ метавон заминҳои сурхранги хосро мушоҳида кард, ки бо растаниҳои хурд дар соҳилҳои дарёҳо ва шаршараҳои зебо фарқ мекунанд. Вақте, ки мавсими боришот фаро мерасад, ин гулӯгоҳҳо масоҳати азимро бо об таъмин мекунанд. Ҷаззобиятҳои асосии табиии ин боғ ҷангалҳои оддитарини соҳили дарёи Аделаида мебошанд, ки захираҳои табиии Боғи ботаникии сатҳи олии Сидней (Royal Botanic Garden Sydney)-ро бо ҳама нозукиҳои табиат муаррифӣ мекунанд. Ин намуди сайёҳиро дар миқёси ҷаҳон, одатан бо унвони “модели австралиягии рушди экосайёҳӣ” мешиносанд.

Дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи таҷрибаи мавҷуда дар самти ташкили СЭ дар ҲТММ метавон хулоса кард, ки саёҳат ба ҲТММ баҳри шиносоӣ ва даркнамоӣ ба иншоотҳои табиии дорои шароити тағйирнаёфта, яъне “ёбоӣ” (ваҳшӣ) меҳвари СЭ мебошад. Танҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани баъзе хусусиятҳои фарққунандаи саёҳат дар иншоотҳои номбурда нисбат ба тамоюли классикии СЭ имкон додааст, ки ин намуди саёҳат бо мафҳумҳои “модели австралиягӣ ё амрикоӣ”-и СЭ ҷудо ва шинохта шаванд.

Табиатистифодабарии самаранок ва устувор шарти муҳими ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти СЭ дар ҲТММ мебошад. Маҳз, ду шарти асосии ба ҳам алоқаманд метавонанд ҳифзи табиатро дар ин мавзеъҳо таъмин намоянд. Сатҳи баланди ташкилӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти СЭ, ки вазифаи масъулини ҲТММ маҳсуб меёбад ва риояи меъёру қоидаҳои рафтор аз ҷониби сайёҳон барои таъмини бехатарии сайёҳон ва рушди СЭ омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Қоидаҳои рафтор, ки риояи онҳо заруранд, хеле оддӣ буда, паҳлуҳои зеринро фаро мегиранд:

накандани растаниҳо, ҷамъ накардани сангу гӯшмоҳиҳо, роҳгардӣ дар ҷойҳои махсуси таъиншуда, напартофтани пасмондаҳои худ ва ғайра мебошанд.

Риояи меъёрҳои ғунҷоиши рекреатсионии ҳудуд шарти муҳими устувории фаъолияти сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Ғунҷоиши рекреатсионии ҳудуд, ин ҷамъи сарбории рекреатсионии ҳамаи иштирокчиён аст, ки ба андозаи муайян боиси таназзул ё вайроншавии ин мавзеъ мегарданд. Сарбории рекреатсионӣ, ин миқдори истироҳаткунандагон ба 1 га дар давоми давраи нашъунамо мебошад. Таъсири манфии рекреатсионӣ ба экосистемаҳои бешагӣ вобаста ба самтҳои зерин чунин таснифот карда мешаванд:

1. Истироҳат (рекреатсия)-и роҳӣ (коммуникатсионӣ) – бозпас гирифтани як қисми ҳудуд барои сохтмони роҳҳо, биноҳо ва ё иншооти варзишӣ;

2. Истироҳат (рекреатсия)-и истихроҷӣ – ғундоштани буттамеваҳову занбӯруғ, растаниҳои шифобахш, шикор ва моҳидорӣ;

3. Истироҳат (рекреатсия)-и будубошӣ – гузоштани хайма, оташ мондан, ғунучини ҳезум, поймол кардани пӯшиши хокӣ;

4. Истироҳат (рекреатсия)-и нақлиётӣ – ҳаракат бо нақлиёт аз бероҳаҳо, ки боиси зич гардидани қабати хокӣ, ифлосшавии ҳавою хок бо газу моддаҳои сӯзандаву молиданӣ мегардад;

5. Истироҳат (рекреатсия)-и вобаста ба сохтмони манзилҳои истиқоматии муваққатӣ;

6. Истироҳат (рекреатсия)-и бероҳ – гаштугузори сайёҳони зиёд бидуни роҳҳои махсус. Ин гуна истироҳат боиси вайроншавии таркиби гумусии хок ва ковокии он гардида, сифати ҳолати табиии экосистемаҳоро коҳиш медиҳад.

Рушди устувори ҷомеаи инсонӣ дар замони муосир ҷараёни бемайлони таҳаввулоти табиӣ мебошад, ки алҳол имконияти ҳамоҳангсозии нерӯ ва равандҳои рушди СЭ-ро дар ҳамҷоягӣ бо масъалаи нигоҳдошт, ҳифз ва барқароркунии захираҳои табииро дар заминаи принсипҳои нав фароҳам сохтааст.

Омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои ташкил, дараҷабандӣ ва иқтидори рекреатсионии ҲТММ, таснифоти онҳо, ҳифзи ҳудудҳои дастнорасида аз солҳои қаблӣ то ҳол, ки диққати олимони хориҷа ва ватаниро ба худ ҷалб намудааст. Бахусус, дар асарҳои

Д.Л. Арманд [20] оид ба баробарвазнии экологӣ, В.А. Борисов [35, 36] дар бораи дараҷаҳои байналмилалӣ ва истифодаи он дар таҷриба, А.Н. Иванов [57], В.П. Чижова [100, 101], О.О. Гурьевских [106] ҷиҳати ташкил намудани ҲТММ, Н.А. Исканов [58], Н.М. Забелина [51, 52, 53] дар бораи боғҳои миллӣ маълумоти муфассал оварда шудаанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти олимони аврупоӣ K. Miller [127] ва Adrian G. Davey [128] оид ба дараҷаҳои аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ қабулгардида маълумотҳои мушаххас медиҳанд. Барои омӯхтани флора ва фауна, ҲТММ-и ҶТ давоми асрҳои XX ва XXI саҳми олимони хориҷӣ ва ватанӣ басо назаррас аст. Масалан, олими рус Г.Н. Сапожников [89, 90] ҷиҳати омӯзиши парваришгоҳҳои ҷумҳурӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронидааст. Олимони тоҷик Х.М. Муҳаббатов, А.С. Ниёзов [80] ҲТММ-и мухталифи Тоҷикистон, М.К. Саидов [91], А. Давлатов [42], Р.Д. Диловаров [44] дар мамнуъгоҳ ва парваришгоҳҳои Тоҷикистон, хусусан “Бешаи палангон” ва “Искандаркӯл” таҳқиқоти хоса гузаронидаанд. Ҳ. Аброров [16], М. Собиров [121] дар бораи кӯлҳоюю ёдгориҳои табиии Тоҷикистони Марказӣ маълумоти мукаммалро пешниҳод менамоянд. Р. Баротов [24, 25, 28, 31] бошад, оид ба манбаъҳои ҷинсҳои маъданӣ ва ёдгориҳои геологии Тоҷикистон, М.И. Табаруков [122] оид ба ҳифзи захираҳои фароғатӣ-рекреатсионии Тоҷикистони Марказӣ таҳқиқот гузаронидаанд. Ш.Д. Гадоев [105] оид ба зарфияти СЭ-и мамнуъгоҳи “Даштиҷум” таҳқиқот бурдааст. Инчунин, С.А. Раҳимов [118] ҷанбаҳои иқтисодӣ-географии ҲТММ-и ҶТ-ро баҳодиҳӣ карда, самтҳо ва дурнамои рушди онҳоро муайян кардааст.

Масоили таснифи ҲТММ аз ҷониби олимони сершумор В.А. Борисов (1973) [35], П. Бишоп (2006) [33], А.Н. Иванов (2010) [57], Н.Ф. Реймерс (2010) [86] таҳқиқ ва пешниҳодҳои мушаххас баён гардидааст. Таснифи пешниҳоднамудаи олими рус В.А. Борисов аз нигоҳи фарогирии масъала ва ҷанбаҳои СЭ нисбатан аниқ ва саҳеҳтар буда, он бо 6 мубрамият ва муҳимият барои ташкили ҲТММ равона шудааст [35]:

1. Мақсад ва вазифаи ҳифзи муҳити зист дар мамнуъгоҳҳо.
2. Гуруҳбандии мамнуъгоҳҳо аз рӯи типи ландшафт.
3. Намуди мамнуъгоҳҳо аз рӯи нигоҳдории шароити табиӣ.

4. Андозаи ҲТММ-и табиӣ.

5. Мамнуъгоҳҳо аз ҷиҳати хусусияти ҳуқуқӣ – маъмурӣ.

6. Мамнуъгоҳҳои рекреатсионӣ ва хусусиятҳои онҳо.

Таснифи функсионалии ҳудудҳо, объектҳои табиии зинда ва ғайризинда низ аз ҷониби баъзе олимон пешкаш шудааст. Ин таснифот нисбатан ба меъёрҳои асосии илмӣ ҷавобгӯй буда, дар натиҷаи омӯзиши муносибати бисёрдараҷавии таксономӣ мураттаб гардидааст:

1. Пайдоиш (генезис)-и объекти ҳифзшаванда.

2. Мавқеи ҲТММ (илмӣ, таърихӣ, ҳифзӣ, маданӣ).

3. Дараҷаи ренсилии ҲТММ (мутлақ бо иштироки фаъолияти хосаш).

4. Мақоми ҲТММ (доимӣ, мавсимӣ, дар муҳлати муайян).

5. ҲТММ ва хусусияти онҳо (мавҷудияти экосистема-ландшафт).

6. Аҳамияти ҳифзии ҳудуд, объекти табиӣ (локалӣ, маҳаллӣ, минтақавӣ ҷумҳуриявӣ, байналхалқӣ).

7. ҲТММ ва мақоми он дар биосфера (аҳамияти илмӣ, таърихӣ, бавуҷудоии экосистема).

8. Аҳамияти илмӣ-амалӣ барои нигоҳдории шароити табиии намудҳои гуногуни организмҳо, инчунин феноменҳои табиии бебаҳои мамнуъгоҳ [33, 35, 57, 86].

Давлатҳои Фаронса, ИМА, Испаниё, Итолиё ва ғайра дар қатори дигар кишварҳои қабулкунандаи сайёҳон пешсафанд, пас экосайёҳҳо асосан аз кишварҳои тараққикарда ба мамлакатҳои дар ҳоли рушд қарордошта равона карда мешаванд. Ин кишварҳо, асосан дар минтақаҳои тропикӣ ҷойгир мебошанд, ки табиати он ҷо экзотикӣ, яъне ноошнои завқовар ё худ ғайриоддӣ буда, барои сокинони минтақаҳои дигар ҷолиб ва ҷаззоб мебошанд. Дар ин ҷо давлатҳои Лаос, Кения, Танзания, Эквадор, Коста-Рика, Непал, Австралия, Зеландияи Нав ва Африқои Ҷанубӣ пешсафанд. Дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва ИМА экосайёҳон аксаран дар дохили кишварҳои худ сафар мекунанд. Дар Хитой макони зиёди СЭ мавҷуд аст. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар миқёси ҷаҳон 1658 адад ҷангалзор ва 1757 минтақаҳои назди ҷангалӣ ва 6 боғи миллӣ ба сифати ҲТММ

муқаррар карда шуда, сарватҳои сатҳи ҷаҳонӣ дониста шудаанд. Дар ин радиф Боғи миллии “Ширкент”-и ҶТ ба руйхати мероси умумиҷаҳонии ғайримоддии ЮНЕСКО шомил гардонида шудааст. Дар бораи сатҳи СЭ дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил метавон гуфт, ки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ СЭ бештар дар Арманистон хеле рушд карда буд. Дар айни замон, СЭ дар тамоми кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил рушд ёфта истодааст [1-М].

Масалан, шумораи хоҳишмандони СЭ дар Русия ҳамасола ба ҳама ҳудудҳо афзоиш меёбад. Рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО панҷ объекти табиии Русия: ҷангалдори бокираи Коми, кӯли Байкал, вулқонҳои Камчатка, кухҳои тиллоии Олтой, Қафқози Ғарбиро дар бар мегирад. Дар ин минтақаҳо СЭ метавонад табиатро ҳифз кунад, шуғл ва рушди иҷтимоию иқтисодиро низ афзоиш диҳад. Ғайр аз он, дар Русия мавзеъҳои дигари барои СЭ ҷолиб низ вуҷуд доранд. Камёфт, арзишманд, аҷоиб, нотакрор ва табиати тағйирнаёфта, чун омилҳои махсусияти ҲТММ, бахусус мамнуъгоҳҳо маҳсуб мешаванд.

Тибқи таърифи ИБҲТ ба ҲТММ минтақаҳои хушкӣ ва ё баҳрҳо, ки махсус барои ҳифз ва нигоҳдории гуногунии биологӣ муқаррар шудаанд, инчунин захираҳои табиӣ ва ёдгориҳои мадании мақоми махсуси ҳуқуқӣ дошта, дохил карда мешавад [127]. Айни замон, қариб дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон намудҳои алоҳидаи ҲТММ мавҷуданд ва дар ҳар як давлат номгӯйи мушаххаси минтақаҳои ҳифзшаванда мавҷуд аст. Бо назардошти гуногунии шароити маҳаллӣ, таваҷҷуҳи ҷомеа ба минтақаҳои ҳифзшаванда ва бо мақсадҳои гуногун дар ҳар як давлат дараҷабандии ҲТММ ба миён омадааст. Вале, то ҳол бинобар фарогирии хеле васеъи ҲТММ, ҳоло ҳам таснифоти пурра ва комили дараҷаҳои дар ҷаҳон мавҷудбуда таҳия карда нашудааст.

Яке аз маъмултарин дараҷабандиро ин гуруҳҳои аз тарафи ИБҲТ пешниҳодшуда мебошад, ки дар конгрессҳои ин созмон давра ба давра баррасӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар Конгресси IV-уми боғҳои миллӣ ва ҳудудҳои ҳифзшаванда (Каракас, Венесуэла, 1992) дараҷаҳои зерин пешниҳод карда шуда буданд:

Ia. Резервати қатъии табиӣ.

Iб. Қитъаҳои табиии вайроннашуда (дастнорасида) – ҳифзи пурраи табиат.

II. Боғи миллӣ – ҳифзи экосистемаҳо ва СЭ.

III. Ёдгориҳои табиӣ – муҳофизати ҷойҳои тамошобоби табиӣ.

IV. Резерватҳои табиии идорашаванда – нигоҳдории маҳалли зист ва намудҳо тавассути идоракунии фаъол.

V. Ландшафтҳои муҳофизатшаванда (заминӣ ва баҳрӣ) – ҳифзи ландшафт ва истироҳатгоҳҳо.

VI. Захираи идорашавандаи резерватҳо – эҳтиёткорона истифода намудани экосистемаҳо, захираҳои табиӣ, ҳифзи экосистемаҳои ҳосилшудаи табиӣ.

Дар шакли ҷадвал таснифоти ИБҲТ, ки ба системадарории вазифаҳои асосии ҳудудҳои ҳифзшаванда асос ёфтааст, дар поён оварда мешавад (ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1.2. - Хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи идоракунӣ, вазифаҳои асосии ҲТММ**

| Вазифаҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда | Дараҷаҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ia | Iб | II | III | IV | V | VI |
| Таҳқиқоти илмӣ | 1 | 3 | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| Муҳофизати қитъаҳои дастнорасида (вайроннашуда) | 2 | 1 | 2 | 3 | 3 | - | 2 |
| Ҳифзи гуногунии биологӣ | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 |
| Нигоҳдории хадамоти экологӣ | 2 | 1 | 1 | - | 1 | 2 | 1 |
| Ҳифзи ҷойҳои тамошобоби табиӣ ва фарҳангӣ | - | - | 2 | 1 | 3 | 1 | 3 |
| Сайёҳӣ ва истироҳат | - | 2 | 1 | 1 | 3 | 1 | 3 |
| Маълумоти экологӣ | - | - | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| Истифодаи устувори захираҳои экосистема | - | 3 | 3 | - | 2 | 2 | 1 |
| Нигоҳ доштани анъанаҳо ва урфу одатҳои фарҳангӣ | - | - | - | - | - | 1 | 2 |

Эзоҳ: 1 – ҳадафи асосӣ; 2 – ҳадафи дуюмдараҷа; 3 – тамоили имконпазир; ( - ) – татбиқ карда намешавад

Дар сайёраи Замин охирҳои асри XX он қариб 44 ҳазор ҲТММ-и дараҷаҳои гуногун бо масоҳати қариб 13,6 млн км$^2$, ки 10,1% масоҳати хушкиро ишғол мекарданд, ба ҳисоб гирифта шуда буданд [127]. Минтақаҳои гуногуни ҷаҳон бо шумораи нобаробар ва масоҳати ҳудудҳои ҳифзшаванда тавсиф карда мешуданд.

Аз рӯи маълумоти Конгресси байналмилалӣ оид ба ҲТММ, дар давоми солҳои 1962-2013 шумораи ҲТММ дар сайёраи Замин аз 9214 то 102102 адад расидаанд ва масоҳати онҳо аз 2,4 млн. $км^2$ то 18,8 млн. $км^2$ зиёд гардидааст. Тибқи феҳрасти ҲТММ-и Созмони Милали Муттаҳид алҳол дар миқёси ҷаҳон 102102 адад ҲТММ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 68066 ҳудуди ҳифзшаванда мувофиқи дараҷаи ИБҲТ (67% аз шумораи умумӣ) ба қайд гирифта шудаанд. Шумораи ҲТММ-и боқимонда баробар ба 34036 адад бошанд, то ҳол ба дараҷаҳои мавҷудаи ИБҲТ мувофиқат кунонида нашудаанд ва дар маҷмуъ беш аз 3,6 млн. $км^2$ масоҳати рӯи заминро иҳота кардаанд.

Мувофиқи руйхати ҲТММ-и СММ соли 2022 дар миқёси ҷаҳон қариб 269,667 ҳазор объекти ҳифзшаванда бо масоҳати 22,5 млн. $км^2$, яъне 16,6% ҳудуди сатҳи хушкӣ ва 28,1 млн. $км^2$ ё 7,7% сатҳи обиро дар бар мегирад. Аз соли 1962 то соли 2022 шумораи ҳудудҳои ҳифзшаванда 29 маротиба ва масоҳати онҳо 9 маротиба зиёд шудааст.

Мувофиқи маълумоти ЮНЕСКО дар ҷаҳон 669 мамнуъгоҳи биосферӣ, аз он ҷумла 16 объекти наздисарҳадӣ дар 120 давлати ҷаҳон мавҷуд аст. Шумораи ҲТММ сол то сол зиёд гардида истодаанд, ки ин пеш аз ҳама ба таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба табиати дастнорасида ва олами набототу ҳайвонот, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сайёраи Замин аст, инчунин татбиқи ҳадафҳои рушди устувор дар мамлакатҳои гуногун равона гардидааст [0].

Таваҷҷуҳи аҳолӣ дар Тоҷикистон ба соҳаи СЭ дар ҲТММ, бахусус боғҳои миллӣ, парваришгоҳу мамнуъгоҳҳо бо мақсади тамошои ҷолибияти объектҳо ва зуҳуроти беназири табииву экзотикӣ торафт меафзоянд. Бинобар маълумоти Муассисаи давлатии ҲТММ-и ҶТ мувофиқи соли 2023 дар Тоҷикистон нигоҳдории гуногуннамудии биологӣ (13 000 намуди ҳайвонот ва беш аз 4 500 намуди растаниҳои гулдор) [61] дар ҳудуди се мамнуъгоҳи давлативу як резервати биосферӣ бо масоҳати умумии 173 320 га (дар маҷмуъ 1,2%), чаҳор боғҳои миллӣ ва табиию таърихӣ 2 606 805 га (19,1%), 13 парваришгоҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта зиёда аз 313 260 га (2,1%) ба амал бароварда мешавад [80, 82, 11-М] (расми 1.2).




**Расми 1.2. - Харитаи географии ҲТММ-и ҶТ**

Мувофиқи маълумоти расмии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 31.12.2023 дар ҳудуди кишвар ҳамагӣ се мамнӯъгоҳҳо (1.Бешаи палангон, 2.Даштиҷум, 3.Зарринкӯл), як резервати биосферии Ромит ва 13 адад парваришгоҳҳо (1.Искандаркӯл, 2.Ориён, 3.Дараи Сабз, 4.Макони суғур, 5.Зарафшон, 6.Сиёҳкӯҳ, 7.Камароб, 8.Сангвор, 9.Даштиҷум, 10.Чилдухтарон, 11.Алмосӣ, 12.Помир, 13.Баҳри Норак) фаъолият доранд. Инчунин, дар ҳудуди ҶТ чор адад боғҳои миллӣ, яъне Боғи миллии Тоҷикистон, Боғи табиӣ-таърихии “Ширкент”, Боғи табиии “Сарихосор” ва Боғи табиии миллии “Яғноб” таъсис дода шудаанд, ки реҷаи махсуси муҳофизатӣ ҷорӣ карда шудааст.

Инчунин, се зонаи табиии рекреатсионӣ, зиёда аз 20 минтақаи табиии истироҳатӣ-табобатӣ ва зиёда аз 160 ёдгории табиӣ мавҷуданд. Ин нишондод 22%-и ҳудуди Тоҷикистонро ташкил дода, ба 0,5% ҲТММ-и сайёра рост меояд (ҷадвали 1.3) [82, 11-М, 12-М, 19-М].

Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27-уми ноябри соли 2014 №1159) мансубият ба дараҷаҳои ИБҲТ дар кишвари мо чунин арзёбӣ карда шудааст [5]:

– дараҷаи Ia – мамнуъгоҳҳои давлатӣ;

– дараҷаи Iб – вуҷуд надорад;

– дараҷаи II – боғҳои табиӣ, миллӣ, минтақавӣ;

– дараҷаи III – ёдгориҳои табиӣ;

– дараҷаи IV – парваришгоҳҳои табиӣ; дараҷаи V ва VI – вуҷуд надорад.

**Ҷадвали 1.3. - ҲТММ-и мақоми давлатидоштаи Тоҷикистон**

<table>
<tr><th>Номгуй</th><th>Дараҷаҳои ИБҲТ</th><th>Шумора</th><th>Майдон, га</th><th>Ҳудуди Тоҷикистон, %</th><th>Тахассуси табиӣ</th></tr>
<tr><td>Мамнӯъгоҳҳои табиии давлатӣ</td><td>Ia</td><td>3</td><td>157 220</td><td rowspan="2">1,2</td><td rowspan="2">75 % комплексӣ<br>25 % зоологӣ</td></tr>
<tr><td>Резервати биосферӣ</td><td>Ia</td><td>1</td><td>16 100</td></tr>
<tr><td>Боғҳои миллӣ ва табиию таърихӣ</td><td>II</td><td>4</td><td>2 606 805</td><td>19,1</td><td>75 % комплексӣ<br>25 % ландшафтӣ</td></tr>
<tr><td>Парваришгоҳҳои давлатӣ</td><td>IV</td><td>13</td><td>313 260</td><td>2,1</td><td>15 % ландшафтӣ<br>31 % комплексӣ<br>38 % зоологӣ<br>8 % куҳӣ-ҷангалӣ<br>8 % ботаникӣ</td></tr>
<tr><td>Ёдгориҳои табиӣ</td><td>III</td><td>160</td><td>-</td><td>-</td><td>-</td></tr>
<tr><td>Минтақаҳои табиии истироҳатӣ-табобатӣ</td><td>-</td><td>зиёда аз 20</td><td>-</td><td>-</td><td>-</td></tr>
<tr><td>Минтақаҳои табиии рекреатсионӣ</td><td>-</td><td>3</td><td>-</td><td>-</td><td>-</td></tr>
<tr><td>ҲТММ</td><td></td><td></td><td>3,1 млн га</td><td>22</td><td></td></tr>
</table>

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф дар асоси [80, 82, 118]*

Рушди системаи ҲТММ-и Тоҷикистон таърихи дурудароз дорад. Ба он мазорҳо (қабристони муқаддас), дарахтони алоҳида, чашмаҳо, ҳавзаҳои ҷолиб, мавзеъҳои баромад ва кушоди ҷинсҳои махсуси куҳӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. То солҳои 50-уми қарни гузашта аҳолии минтақа ба шароити куҳистон мутобиқат пайдо карда, худудҳои куҳиро азхуд мекарданд, вале баробари он ҳаҷми ғунҷоиши экологиро низ ба инобат мегирифтанд.

Айни ҳол, азхудкунии куҳҳои Тоҷикистон дар муқоиса ба қарнҳои гузашта босуръат идома дорад. Ҳазорҳо нафари аҳолӣ аз минтақаҳои куҳӣ ба водиҳо

кӯчонида шудаанд ва табиати қисми зиёди ин мавзеъҳо коҳиш ёфта, ба эрозия, ифлосшавӣ бо пестисидҳо, партовҳои истеъмолию истеҳсолӣ дучор гардидаанд. Аз ин рӯ, бо мақсади нигоҳдории гуногуннамудии биологӣ дар кишвар маъмурияти ҲТММ таъсис дода шудаанд. Онҳо барои нигоҳдории тавозуни экологӣ, гирифтани маълумоти илмӣ ва далелҳои раванди ҳодисаҳои табиӣ дар минтақа, таъсири омилҳои антропогенӣ ва истифодабарӣ бо мақсади маърифати экологӣ ва ташвиқу тарғибот хизмат менамоянд. Дар ҶТ ҲТММ-ҳое, ки ба ҳифзи намудҳои нодир, эндемикӣ, генофонди ҳайвонот ва растаниҳо, экосистемаҳои камёфт, боғҳои миллӣ, парваришгоҳҳо, минтақаҳои рекреатсионӣ ва ғайра равона гардидаанд, таҳти таваҷҷуҳи хосаи мақомоти давлатӣ қарор гирифтааст. Инчунин, воридоти баъзе объектҳои табиӣ ба категорияи махсус муҳофизатшаванда, аз қабили кӯлҳо, ҳавзаҳо, объектҳои реликтӣ, қадима, палеонтологӣ, минералогӣ, палеоботаникӣ, боқимондаҳои ҳосилаҳои геологӣ ва геоморфологӣ аз сиёсати устувори экологии Ҳукумати ҷумҳурӣ дарак медиҳад.

Гуруҳи дигари ҲТММ фонди давлатии табиии мамнуъгоҳӣ мебошад, ки эталонҳои экосистемаҳои табиӣ, ландшафтҳо, ҳосилаҳои нодир ва ҷолиби табиӣ, гуногуннамудии захираҳои биологӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ба қатори он мамнуъгоҳҳои давлатӣ, ёдгориҳои табиӣ, қисмҳои алоҳидаи боғҳои миллӣ, боғҳои ботаникӣ ва баъзеи объектҳои махсусҳифзшаванда шомиланд.

**Мамнӯъгоҳи табиӣ** тибқи банди 3-и моддаи 1-уми Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” - ҳудуди замин ё муҳити об, ки аз фаъолияти хоҷагидорӣ пурра гирифта шуда, барои нигоҳдорӣ ва омӯзиши комплексҳои табиии хос ва нодир, генофонди набототу ҳайвонот, гузаронидани мониторинги ҷараёни равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ пешбинӣ гардидааст [5, с.1]. Мақсади таъсиси он мавзеъҳои аз таъсири антропогенӣ тағйирёфтаро дар ҳолати аввалааш нигоҳ доштан ва ҳифз кардан аст. Дар тамоми давлатҳои ҷаҳон ҲТММ-и гуногун таъсис дода мешаванд, аз он ҷумла, дар ҶТ се мамнӯъгоҳ ташкил карда шудааст. Майдони умумии мамнӯъгоҳҳои дар ҶТ мавҷуда ба 157 220 га мерасад (ҷадвали 1.4):

**Ҷадвали 1.4. - Номгӯ ва тавсифи мухтасари мамнӯъгоҳҳои давлатии ҶТ [80, 82, 105]**

| Номи мамнӯъгоҳ | Санаи таъсис | Масоҳат, га | Тобеъияти маъмурӣ-ҳудудӣ | Ҳадафи мамнӯъгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| Бешаи палангон | 4.11.1938 | 49786 | вилояти Хатлон, ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён ва Ҷайҳун | ҳифзу нигоҳдорӣ ва барқароркунии олами набототу ҳайвонот: гавазни бухорой, тазарв, кафтор, рӯбоҳи тӯқайзор |
| Даштиҷум | 7.09.1983 | 19700 | вилояти Хатлон, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ҷамоати Сари-Чашма | нигоҳдорӣ ва рушди устувори зиндагӣ ва таҳаввули бузи пармашох (морхур), ягона дар Осиёи Миёна |
| Зарринкӯл | 14.03.2000 | 87770 | ВМКБ, ноҳияи Мурғоб | ҳифзу нигаҳдорӣ ва барқароркунии олами ҳайвоноти гӯсфанди кӯҳӣ, паланг, суғур |

**Резервати биосферӣ** тибқи банди 5-и моддаи 1-уми Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” - қитъаи экосистемаи замин ва об ё ҳамбастагии онҳо, ки ба Шабакаи ҷаҳонии резерватҳои биосферӣ дохил гардида, барои ҳифзи арзишҳои табиӣ ва фарҳангӣ, истифодаи устувори замин, аз ҷумла заминҳои таъиноти кишоварзӣ, фонди ҷангал, ҲТММ ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот пешбинӣ шудааст [5, с.1], ки дар ҶТ як резервати биосферӣ ташкил карда шудааст (ҷадвали 1.5):

**Ҷадвали 1.5. - Резервати биосферии ҶТ [118]**

| Номи резервати биосферӣ | Санаи таъсис | Масоҳат, га | Тобеъияти маъмурӣ-ҳудудӣ | Ҳадафи резервати биосферӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ромит | 8.11.1959 | 16100 | НТҶ, шаҳри Ваҳдат | тадқиқу ҳифзи намудҳои нодири фауна ва флора, аз қабили гавазни бухорой, уқоби морхӯр, хирси маллаи тиёншонӣ |

**Боғи табиӣ** тибқи банди 4-и моддаи 1-уми Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” - ҳудуде, ки комплексҳои табиии дорои аҳамияти махсуси экологӣ, таърихӣ ва эстетикиро дар бар гирифта, барои

мақсадҳои ҳифзи муҳити зист, рекреатсионӣ, илмӣ ва фарҳангӣ пешбинӣ шудааст [5, с.1]. Номгӯйи боғҳои давлатии ҶТ, ки дар феҳристи ягонаи давлатии ҲТММ ба қайд гирифта шудаанд дар ҷадвали 1.6 оварда шуда, тавсифи мухтасари онҳо низ баён ёфтаанд.

**Ҷадвали 1.6. - Боғҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [80, 82, 118]**

| Номи боғ | Санаи таъсис | Масоҳат, га | Тобеъияти маъмурӣ-ҳудудӣ | Ҳадафи боғ |
|---|---|---|---|---|
| Боғи миллии Тоҷикистон | 20.07.1991 | 2611674 | ноҳияҳои Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Мурғоби ВМКБ ва ноҳияҳои Тавилдара ва Лахши НТМ | таъмини устувории мувозинаи гуногунии биологии табиат, ҳифзи нигоҳдории олами ҳайвоноту набототи нодир ва маҷмӯи манзараҳои нотакрор, ёдгориҳои бебаҳои табиат |
| Боғи табиию таърихии “Ширкент” | 12.09.1993 | 3000 | НТҶ, ноҳияи Турсунзода, ҷамоати Работ | нигоҳ доштани генофонди беҳамтои фауна ва флора, инчунин нақши сумҳои динозавр |
| Боғи табиии “Сарихосор” | 25.10.2003 | 3805 | вилояти Хатлон, ноҳияи Балҷувон, ҷамоати Сари Хосор | таъмини нигоҳдории ҷангалҳои паҳнбарг ва мезофилии Тоҷикистони Марказӣ ва маҷмааи ҳайвоноти он |
| Боғи табиии миллии “Яғноб” | 02.05.2019 | 575,4 | вилояти Суғд, ноҳияи Айнӣ | нигоҳ доштани генофонди беҳамтои фауна ва флора, экосистема, сарватҳои табиӣ ва таърихӣ |

**Парваришгоҳи табиӣ** тибқи банди 6-и моддаи 1-уми Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” - ҳудуде, ки бо мақсади нигоҳ доштан муайян ҷудо гардидааст [5, с.1]. Фарқияти парваришгоҳҳо аз мамнуъгоҳҳо дар он аст, ки дар парваришгоҳҳо фаъолияти инсон, яъне корҳои интихобии хоҷагию саноатӣ, ки ба мувозинати экологӣ хатар надоранд, иҷозат дода шудааст.

Парваришгоҳҳо вобаста ба мақсад ва таъиноти мақсадноки ҳифз ба гуруҳҳои биологии маҷмӯӣ ва инфиродӣ, палеонтологӣ, гидрологӣ, геологӣ, минералогӣ, ландшафтӣ тақсим мешаванд. Нисбат ба давру макон онҳоро ба гуруҳҳои бисёрмуддат, шикорӣ, манзаравӣ, кӯлӣ, парандавӣ, сайёдӣ, фаунаю флоравӣ тақсим

мекунанд. Мувофиқи баъзе нишондиҳанда ҳоло дар кураи Замин зиёда аз 2500 парваришгоҳ вуҷуд дорад. Дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ миқдори парваришгоҳҳо 500 адад буда, дар ҳудуди Тоҷикистони мо 13 адад таъсис ёфта ва амал карда истодааст, ки 313 260 га масоҳати умумӣ дорад. Масоҳати умумии он 2,1%-и ҳудуди ҶТ ва қариб 10%-и масоҳати ҲТММ-и Тоҷикистонро ишғол менамояд [80, 82, 118, 2-М].

Шароити табиию иқлимии ҶТ хеле гуногун аст. Зиёда аз 93% ҳудуди кишвари мо кӯҳсор аст. Вобаста ба гуногунии шароити иқлимӣ дар ҳудуди ҶТ намудҳои зиёди растанию ҳайвоноти гуногунро метавон дучор шуд. Гуногуннамудии растаниҳо ва ҳайвонот ба иқлим ва ба кӯҳҳои ҷавони кишварамон, ки яке аз Марказҳои пайдоиши растаниҳои маданӣ мебошад, зич алоқаманд аст. Бо мақсади ҳифзи олами бойи гуногуннамуди набототу ҳайвонот дар ҶТ 13 парваришгоҳ дар солҳои гуногун ва дар ноҳияҳои мухталиф ташкил шудаанд. Парваришгоҳҳои ҷумҳурӣ ба чунин гуруҳҳо: 15% ландшафтӣ, 31% комплексӣ, 38% зоологӣ, 8% кӯҳӣ-ҷангалӣ ва 8% ботаникӣ тақсим карда мешаванд (диаграммаи 1.1).




**Диаграммаи 1.1. - Тавсифи намудӣ ва таносуби ҳудудии парваришгоҳҳои ҶТ (ба санаи 01.01.2024) [118]**

Аз ҳама калонтарин парваришгоҳ “Помир” (масоҳаташ 66 916 га) буда, аз ҳама хурдтарин “Зарафшон” (масоҳаташ 2 380 га) маҳсуб меёбад. Ҳадафҳои мушаххас ва тафсири мухтасари парваришгоҳҳои Тоҷикистон дар ҷадвали 1.7 инъикос гардидааст [80, 2-М].

**Ҷадвали 1.7. - Парваришгоҳҳои давлатии Тоҷикистон [80, 82, 118]**

| Номи парваришгоҳ | Соли таъсисёбӣ | Масоҳат, га | Тобеъияти маъмурӣ-ҳудудӣ | Ҳадафи парваришгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| Дараи Сабз | 1959 | 18266, 99 | вилояти Суғд, ноҳияи Шаҳристон | муҳофизат ва эҳёи арчазорҳо ва ҳифз намудани олами набототу ҳайвоноти нодир |
| Искандаркӯл | 1969 | 27874 | вилояти Суғд, ноҳияи Айнӣ | ҳифз намудани мавзеъҳои аҷоибу зебо, арчазор, бузи кӯҳӣ ва дар маҷмуъ табиати нотакрори ин водӣ |
| Ориён | 1972 | 4120 | вилояти Суғд, ноҳияи Айнӣ | муҳофизат ва эҳёи арчазори нишебиҳои қаторкуҳи Зарафшон |
| Зарафшон | 1976 | 2380 | вилояти Суғд, шаҳри Панҷакент | парвариш ва ҳифзи популятсияи табиии зернамуди нодиртарини тазарви (фазан) зарафшонӣ |
| Макони суғур | 1977 | 15049 | вилояти Суғд, ноҳияи Ашт | ҳифзу эҳёи намуди суғури Мензбир, ки ба Китоби сурхи Тоҷикистон дохил карда шудааст |
| Чилдухтарон | 1959 | 14500 | вилояти Хатлон, ноҳияи Муминобод | ҳифз намудани гуруҳи ҳайвонот, навъҳои нодири бодом, арчазор, растаниҳои доруворӣ, ландшафтҳои кӯҳӣ |
| Камароб | 1970 | 9000 | НТҶ, ноҳияи Рашт | ҳифз ва барқарорнамоии намудҳои нодири олами набототу ҳайвонот, ба монанди хирси маллаи тиёншонӣ |
| Сиёҳкӯҳ | 1972 | 14400 | вилояти Хатлон, ноҳияҳои Фархор ва Ҳамадонӣ | ҳифзи экосистемаи эфемерҳо, пистазорҳо, инчунин ҳайвонҳои нодири вахшӣ, ба монанди кафтори рахдор, юзи осиёӣ, оҳуи даштӣ, оҳуи бухороӣ, ки ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудаанд |
| Даштиҷум | 1972 | 50100 | вилояти Хатлон, | ҳифзи популятсияи бузҳои пармашох (оҳуи морхӯр) ва барқарор намудани экосистемаҳои беша |

**Идомаи ҷадвали 1.7**

| Номи парваришгоҳ | Соли таъсисёбӣ | Масоҳат, га | Тобеъияти маъмурӣ-ҳудудӣ | Ҳадафи парваришгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | ноҳияи Шамсиддини Шоҳин | |
| Баҳри Норак | 1984 | 30000 | вилояти Хатлон, шаҳри Норак | нигоҳ доштани экосистемаҳои кӯҳии экологӣ дар минтақаи обанбори Норак ва омӯзиши такомули минбаъдаи онҳо |
| Сангвор | 1972 | 50900 | НТҶ, ноҳияи Сангвор | нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳайвонот, наботот ва буттаҳои гуногун |
| Алмосӣ | 1983 | 6000 | НТҶ, ноҳияи Шаҳринав ва шаҳри Ҳисор | нигоҳубин ва эҳёи захиравии пурқимматтарин намуди растаниёти Тоҷикистон (унгернияи Виктор), ки ба Китоби сурх дохил шудааст |
| Помир | 1972 | 66916 | ВМКБ, ноҳияи Мурғоб | ҳифзи мавзеъҳои баландкуҳ, растаниҳои дар шароити иқлими сард мутобиқшуда |

**Ёдгории табиӣ** тибқи банди 7-и моддаи 1-уми Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” - объекти табиии нодир, барқарорнашаванда ва аз ҷиҳати экологӣ, илмӣ, эстетикӣ ва фарҳангӣ пурарзиш маҳсуб меёбанд [5, с.1]. Ёдгориҳои табиии Тоҷикистонро бо назардошти хусусияти табиӣ ба гуруҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: 1.Ёдгориҳои геологӣ; 2.Ёдгориҳои гидрогеологӣ; 3.Ёдгориҳои глятсиологӣ; 4.Ёдгориҳои палеонтологӣ; 5.Ёдгориҳои минералогӣ; 6.Ёдгориҳо-ландшафтҳои алоҳида.

Ёдгориҳои табиӣ дар кишвари мо аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд ва аксарияти онҳо нодиру камёфт маҳсуб меёбанд, ки миқдори умумии онҳо 162 ададро ташкил медиҳад. Масалан, шаршараҳои бузург, сангҳои азиме, ки дар натиҷаи фарсоиш пайдо шудаанд, ҷойҳои метеоритафтода ва ҳоказо. Ёдгориҳои Чилдухтарон, шаршараҳои Искандардарё, Чилучорчашма, кӯҳҳои намакини Хоҷамӯъмину Хоҷасартез (н.Восеъ), харсанги бузурги Чороғтош (н.Мурғоб), ғори Конимансур (Тоҷикистони Шимолӣ), изи пои диназаврҳо дар деҳаи Ревад

(н.Айнӣ), дар Ширкент (н.Шаҳринав), манораи сангини деҳаи Анзоб (н.Айнӣ) аз зумраи ёдгориҳои табии Тоҷикистон ба ҳисоб меравstatic [80, 6-М].

Дар ҶТ раванди таъсиси ҲТММ ва таъмини фаъолияти мунтазами он ҷараёни мусбат дошта бошад ҳам, алҳол таъмин нагардидани реҷаи воқеии ҳифз, саривақт гузаронида нашудани баруйхатгирии шумора ва таркиби намудии ҳайвоноту наботот, набудани механизми ягона ва ҳатмии маблағгузорӣ ва амсоли онҳо боиси нисбатан камсамар гаштани онҳо шуда истодаанд.

Маълумотҳои оморӣ, илмӣ, ҳисоботӣ ва дигари овардашуда шаҳодат медиҳанд, ки табиати бойю рангоранги ҶТ бо тамоми ҷузъҳои таркибиаш дорои захираҳои бузурги рекреатсионӣ, хусусан дар ҲТММ мебошад. Исбот гардидааст, ки алҳол ва дарояндаи наздику дур истифодаи оқилонаи захираҳои рекреатсионӣ, аз ҷумла ҲТММ заминаи меҳварии рушди устувори иқтисодиёт ва болоравии некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ мегарданд. Вале, ошкор карда шудааст, ки доир ба таъсири СЭ ба муҳити ҲТММ ва арзёбии тағйироти баамаломада, ки масъалаи муҳим ва мубрами илмӣ аст, то ҳол дар дараҷаи кофӣ таҳқиқот гузаронида нашудааст. Инчунин, таҳқиқи вазъи кунунии маҷмӯаҳои табиӣ ва мавқеи ҲТММ дар иқтисодиёт ва ҳам таъсир ба ҳудудҳои ҳамшафати онҳо мебояд мавриди омӯзишу таҳқиқотӣ қарор дода шаванд. Мутаассифона, мушкилоти хосаи давраи гузариши иқтисоди эмпирикӣ ва иқтисоди бозорӣ ташаккули бозори СЭ-и ватаниро маҳдуд намудааст ва алҳол, СЭ дар марҳалаи аввали ташаккул қарор дорад. Аз ин лиҳоз, муайян кардани хусусиятҳои ин раванд дар ҳолати кунунӣ муҳимият ва таҳқиқоти муаллифро таъкид ва тасдиқ менамояд.

Суръати нисбатан баланди рушд дар боғҳои миллии мамлакат бештар ба назар мерасад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар минтақаҳои кишвар ҷиҳати барқарору эҳё намудани намудҳои гуногуни ҲТММ-и аҳамияти минтақавидошта, аз қабили боғҳои табиӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Зеро, онҳо барои рушди СЭ имконияти бештар доранд. Ҳамзамон, онҳо дар нигоҳдории гуногуннамудии биологӣ низ саҳми назаррасро соҳибанд.

## Хулосаи боби якум

1. Соҳаи сайёҳӣ аз ҷумлаи соҳаи сердаромади иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар ташаккулёбии ММД, тавозуни савдои беруна, таъмини шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ нақши арзанда мебозад.

2. Шакли нави сайёҳӣ, яъне сайёҳии экологӣ (экосайёҳӣ; ecotourism) давоми солҳои 80-уми асри XX дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон ташаккул ёфта, он чун саёҳат бо мақсади муайяни экологӣ, яъне шиносоӣ бо захираҳои табиӣ, таъмини ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо бо қонеъ гардонидани ҳиссиёти табиатдӯстӣ ва ғамхоронаи инсон дониста мешавад.

3. Дар доираи Ҳадафҳои ҳазорсолаи рушди устувор танҳо рушди бемайлони СЭ метавонад таъсири манфии сайёҳии анъанавӣ ба муҳити зистро коҳиш диҳад ва ақидаҳои мавҷудаи ҷомеаро доир ба ин муаммо дигаргун намояд.

4. Бо сабаби зиёд гардидани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба табиати дастнорасида ва олами набототу ҳайвоноти ваҳшӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сайёраи Заминанд, шумораи ҲТММ дар миқёси давлатҳои ҷаҳон сол то сол тадриҷан зиёд гардида, ҷалби сармояҳо аз манбаҳои гуногун бештар гардида истодааст.

5. Мувофиқи таснифоти қабулгардидаи ҷаҳонӣ дараҷабандии ҲТММ дар ҳудуди Тоҷикистон мутобиқ ба дараҷаҳои Iа, II, III, IV буда, дараҷаҳои Iб, V ва VI дар ҳудуди кишвар ошкор ва муайян карда нашудаанд.

6. Мушкилоти давраи гузариши иқтисод ба иқтисоди бозорӣ то ҳанӯз имкон надодааст, ки бозори СЭ-и ватанӣ дар ҲТММ дар сатҳи зарурӣ шакл гирад ва алҳол дар марҳилаи аввали ташаккулёбӣ қарор дорад.

## БОБИ 2. ТАВСИФИ ТАБИӢ-ГЕОГРАФИИ ЛАНДШАФТҲОИ ЭКОСАЙЁҲӢ-РЕКРЕАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

### 2.1. Шароити табиӣ-географӣ ва геоэкологии маҳал

*Тавсифи табиӣ-географӣ.* Шароити табиию географии вилояти Суғдро қисми ғарбии водии Фарғона, бо даштҳои доманаи куҳҳо ва нишебиҳои пуштаҳои назди он, ки ба Тоҷикистон мансуб аст, инчунин водии Зарафшонро фаро мегирад. Ҳудуди вилояти Суғд дар шимолу шарқ бо қаторкуҳҳои Фарғона ва дар қисми шимолу ғарб ба қаторкуҳҳои Қурама иҳота шудааст ва масоҳати умумии минтақа 25,2 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад, ки аз ғарб ба шарқ бо масофаи 300 км ва аз шимол ба ҷануб 230 км тӯл кашидааст. Нуқтаи баландтаринаш дар қаторкуҳи Қурама қуллаи “Бобои об” - 3769 м, дар ҷануб қуллаи “Чимтарға” дар қаторкуҳи Зарафшон - 5489 м ва дар қаторкуҳи Туркистон қуллаи “Аҳромшакл” – 5509 м аст. Ҳудуди вилоят асосан аз теппагию куҳсор иборат аст ва он аз сатҳи баҳр 300 то 5509 м баланд мебошад. Аз ҳама ҷойи пасттарин соҳили дарёи Сир буда, дар ғарб 250 м (дар дашти Мирзочӯл) ва дар қисми шимолу шарқӣ 400 м баланд нисбат ба сатҳи баҳр аст. Дар қисми шимолии вилоят қаторкуҳи Қурама (қуллаи баландтарини он – Бобои об, 3769 м) ва куҳи Муғул (қуллаи баландтарини он – Музбек, 1624 м) доман паҳн кардаанд (расми 2.1).




Расми 2.1. - Харитаи табиии вилояти Суғд [88]

Чӣ тавре ки аз харитаи табиии вилоят (расми 2.1) маълум мегардад, қаторкуҳи Қурама ба самти ҷанубу ғарбӣ тадриҷан паст шуда меравад. Бояд тазаккур дод, ки дар қисми ҷанубу ғарбии қаторкуҳи Қурама ба самти шимолу ғарбӣ куҳҳои Зарнисор ва ба самти ҷанубу ғарбӣ куҳи Қаромазор тӯл кашидаанд.

Масоҳати байни қаторкуҳи Қурама ва куҳи Муғулро пастхамии Мирзоработ ишғол намудааст, ки ин ду кухро аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Дар қисми шимолии обанбори "Баҳри Тоҷик" куҳи Оқбел, дар қисми ҷанубӣ ва ҷанубӣ – ғарбии ноҳияи маъмурии Конибодом - куҳи Қаротоғ доман паҳн кардаанд. Аз баландии Рухак то қаторкуҳи Туркистон ба самти ҷануб релефи маҳал торафт баланд шуда меравад. Қаторкуҳи аз шарқ кӯндаланг хобидаи Туркистон ба самти ғарб мисли девори бузург водии Фарғонаро аз водии Зарафшон ҷудо мекунад. Баландии он дар ғарб 3163 м нисбат ба сатҳи баҳр, дар марказ (ағбаи Шаҳристон) 3351 м аст. Дар шарқ қуллаи баландтарини он Аҳромшакл ба 5509 метрро иқомат афрохтааст [88].

Водии Зарафшон дар байни қаторкуҳҳои Туркистону Зарафшон ва Ҳисор ҷойгир шуда, қисми шарқиаш андаке васеъ (1-3 км) ва рӯ ба самти ғарб дар маҳалли ҳамвориҳои Панҷакент бари он ба 15 км мерасад. Қаторкуҳҳои номбурда аз ҳама баландтарин дар вилояти Суғд ба ҳисоб рафта, аз рӯи синну соли геологӣ нисбатан ҷавон аст ва қуллаҳои нӯгтезро ташкил медиҳанд [99].

Аз водии Зарафшон ба маркази вилоят ва ҷумҳурӣ роҳи автомобилгард мегузарад, ки он ду ағбаи баландро бо ҳам мепайвандад: яке ағбаи Шаҳристон (3351 м) ва дигаре ағбаи Анзоб (3372 м) мебошад. Ҳоло нақбҳои "Шаҳристон" ва "Истиқлол" алоқаи вилоятро бо пойтахт ва бо минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурӣ устувор ва доимӣ гардонидаанд [99].

Дар қаламрави вилояти Суғд қариб ҳамаи шаклҳои релефи сатҳи хушкӣ: ҳамвориҳо, теппаву баландиҳо, доманакуҳҳо, пасткуҳҳову баландкуҳҳоро мушоҳида кардан мумкин аст.

*Сохти геологӣ.* Дар давраҳои гуногуни геологӣ (аз эраи каледонӣ то алпӣ) марзи вилоят чандин бор тағйир ёфта, нахустин ҳаракатҳои куҳпайдошавӣ дар қаторкуҳҳои Қурама ва куҳи Муғул рӯй додаанд.

Дар қаламрави вилоят таҳшиниҳои қадимтарин ба эраи палеозой (550 млн. сол пеш) мансуб мебошад. Дар ибтидои ин эра дар ҷои кунунии қаторкуҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Қурама дар қишри замин якчанд фурӯхамида – геосинклинал ба вуҷуд меояд. Дар ин хамидаҳо қабати ғафси оҳаксанг, регсанг ва гил бо боқимондаҳои ҳайвоноти баҳрӣ боқӣ мондаанд [14].

Дар мобайн ва охири эраи палеозой (250 – 300 млн. сол муқаддам) дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникӣ қабати ҷинсҳои такшонӣ ба чиншавӣ гирифтор мегардад ва аз қаъри бахр боло баромада, дар ҷои ҳозираи Тоҷикистони Марказӣ ва Қурама ноҳияи куҳии хушкиро ташкил медиҳанд. Бо баробари ҳаракатҳои кухҳосилшавӣ дар қишри Замин тарқиш ва шикастани қабатҳо ба вуҷуд омада, моддаҳои гудохтаи дохили Замин – магма ба боло мебарояд. Магма дар қабатҳои чуқури қишр хунук ва сахт шуда, ҷинсҳои куҳии интрузивиро ҳосил мекунад. Баъзан, магма аз кафидаҳои пӯсти замин, ҳамчун вулқон фаввора зада, ба рӯи замин мебарояд ва он сахт шуда, боиси ҳосилшавии ҷинсҳои кухии эффузивӣ шудааст [14].

Ба вуҷуд омадани аксарияти конҳои маъданӣ ба хунукшавӣ, сахтшавӣ ва ба таври булӯрӣ (кристаллӣ) тағйир ёфтани магма вобаста аст. Куҳҳои палеозой дар ҳудуди вилоят дар давоми чандин миллион сол оҳиста – оҳиста фарсуда ва об шуста шуда, ба масоҳати ҳамвор ва ё теппадор мубаддал меёбад.

Дар эраи мезозой, ки 240 млн. сол муқаддам оғоз ёфта буд, дар ҳудуди вилоят тез – тез ивазшавии муҳити (шароити) баҳрӣ ва хушкӣ ба амал меояд. Дар ибтидои эра дар ҷои ҳозираи водиҳои Фарғона ва Зарафшон халиҷҳои баҳрӣ пайдо шуда, дар онҳо оҳаксанг, гилҳо - намак ва боқимондаҳои набототу ҳайвонот таҳшин мешавад. Онҳо ашёи асосии ҳосилшавии ангиштсанг ва нафт мегарданд.

Дар охири эраи мезозой дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникӣ халиҷҳои баҳрӣ бардошта шуда, ба хушкӣ табдил меёбад ва ҷой – ҷой таҳшиниҳо ба чинҳо мубаддал мешавад.

Дар давраи палеогени эраи кайнозой (70 млн. сол пеш) баҳр ҷойҳои пастӣ, ҳавза ва фурӯхамидаҳои байникуҳиро ишғол мекунад. Сипас, куҳҳосилшавии алпӣ сар шуда, дар натиҷа ҳавзаҳои баҳрии палеогенӣ пурра хушк мешаванд. Дар ин давра бардошташавии бошиддат, хусусан дар Тоҷикистони Марказӣ (дар ҳудуди

қаторкуҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор) рух медиҳад. Дар натиҷаи хӯрдашавии релефи баландкуҳ дар доманаи куҳҳои қадим ғуншавии гилҳо, рег ва сангрезаҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар ибтидои давраи охирин – чаҳорякумин (1-2 млн. сол пеш) аввал сустар ва минбаъд ба андозае тезтар бардошташавии куҳҳои ҳамворшуда ва ҳавзаҳо ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷаи ин ҳаракатҳои тектоникӣ, фаъолияти фарсоиши (эрозионии) дарёҳо ва бодхӯрдашавӣ ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 1 млн. сол пеш ба минтақаи баландкуҳ мубаддал гардид [99].

Олимони муосири тоҷик Х.М. Муҳаббатов [78], С.Я. Абдураҳимов [13], Р.Б. Баротов [29] ва дигарон исбот менамоянд, ки дар замони ҳозира ҳам, дар ҳудуди Ҷумҳурӣ ҷараёни куҳпайдошавӣ идома дошта, бардошташавии ҳам худи куҳҳо ва ҳам доманакуҳии онҳо мушоҳида мешавад. Аз рӯи маълумоти олимон қаторкуҳҳои Ҳисор ва Қаротегин соле 2 - 3 см бардошта шуда истодаанд. Дар воқеъ, зилзилаҳои (заминларзаҳо) дар ҳудуди вилоят (ва на танҳо дар вилоят) тез-тез рӯйдиҳанда, маҳз натиҷаи ин ҳаракатҳои тектоникӣ мебошад. Тоҷикистон гарчанде кишвари куҳӣ аст, он дар минтақаи шадиди заминларза ҷойгир шудааст. Ин ҳодисаи даҳшатноки табиат ба сари мардум ҳодисаҳои харобиоварро ба бор овардааст. Масалан, марказҳои асосии заминҷунбиҳои ҳалокатовари асри XX ва ибтидои асри XXI дар Тоҷикистон: деҳаи Қаротоғ - соли 1907, кӯли Сарез - соли 1911, деҳаи Ҳоит - соли 1949, Исфара - соли 1966, Помири Ҷанубӣ - соли 1966, деҳаи Яшилкӯл - соли 1968, деҳаи Ғарм - соли 1969, шаҳри Гулистон (Қайроққум) - соли 1985, деҳаи Шарора (Ҳисор) - соли 1989, шаҳри Данғара - соли 1998, деҳаи Рашт - соли 2007, деҳаи Рӯшон - соли 2015) ва ғайра ба мушоҳида расидаанд [13].

*Ландшафтҳо*. Мавқеи бузургро дар фаҳмиш ва истифодаи хосиятҳои ландшафтҳо чунин тавсифҳо, мисли гуногунияти ландшафтҳо, ландшафтҳои баръало намоён, беҳамто, экзотикӣ, эстетикӣ, бароҳатӣ ва ҳоказо дар бар мегиранд, ки ба сифати меъёри асосӣ гуногунии намуди манзараҳо ва хусусиятҳои онҳо қабул шудаанд. Тавсифҳои зерин: кушодагии уфуқҳо, паҳншавӣ ва чуқурии онҳо алҳол аз ҷониби олимони табиатшиноси хориҷӣ ва ватанӣ баҳодиҳӣ карда шудаанд. Намудҳои онҳо ва ландшафтҳое, ки сатҳи барфӣ-пиряхиро пӯшонидаанд дар расми

2.2, ҷадвали 2.1 тавсифи умумӣ ва сатҳӣ гардидаанд, ки аниқу дақиқ будани маълумотҳои овардашударо собит месозад.




**Расми 2.2. - Харитаи ландшафтҳои табиии вилояти Суғд [124]**

**Ҷадвали 2.1. - Тавсифи ландшафтҳои табиии вилояти Суғд**
**(бо таҳрир ва иловаи муаллиф)**

| Тавзеҳ | Тасвир |
|---|---|
| | **Ҳамворӣ-теппагӣ, доманаи куҳ ва пасткуҳӣ-ҳамворигии биёбонии эфемерӣ (320 - (400) 600 м), ((400) – 600 – 900 м)** |
| **1** | Ботлоқҳо аз алафҳои ботлоқие, ки дар обанбари сатҳи обаш на он қадар баланд сабзидаанд. |
| **2** | Алафҳои паст ва пудинагӣ-дарахтони бисёрсолаи ксерофитӣ дар терраса (зина)-и пролювиалӣ-аллювиалии хокҳояшон хокистарранги равшан – 320-600 м. |
| **3** | Биёбонҳои регсангӣ бо алафҳои калон дар регҳои нимсахтбудаи ҳамвориҳо ва террасаҳои каме ҷудошудаи пуштаҳо рӯидаанд. Хокҳои хокистарранг хос буда, қисми зиёди ҳудуд барои кишти зироатҳо тавассути обёрии сунъӣ мувофиқ. |
| **4** | Биёбонҳои Карабарчковӣ ва Сарзанак дар даштҳои нишебии доманаи куҳҳо бо хокҳои шӯр ва қисман хокистарранг. |
| **5** | Ландшафти антропогенӣ дар ҳамвориҳои аллювиалӣ ва пролювиалӣ-аллювиалии бетағйир, суст ва миёна тақсим шуда, ба шаҳракҳо, шаҳрҳо, заминҳои корам. |

| | |
|---|---|
| | **Идомаи ҷадвали 2.1** |
| **6** | Ландшафти биёбонии ҳамвориҳои хамидаи назди нишебии куҳӣ, баландиаш 400-556 м-ро ташкил дода, хокаш шӯр ва қисман хокистарранги тира. |
| **7** | Ландшафти биёбонии явшони суғдӣ ва ҳамвориҳои хамидаи пастхамӣ бо хоки хокистарранги кушод. |
| **8** | Ландшафти антропогенӣ дар террасаҳои маҷроии дарёҳо. Наботот эфемерӣ-явшонӣ бо боқимондаи биёбонӣ, нимбуттагӣ, бо қитъаи гиёҳи хӯшадори калони нимсаваннагӣ буда, хокаш хокистарранги равшан. |
| **9** | Сангҳо дар нишебиҳои гуногунрангро фаро гирифта, нabототи сирак бо бартарии майдабарги ксерофитӣ ва бештар буттаи хордор хос аст. Хокаш аз гаҷ бой. |
| **10** | Ландшафт аз буттаҳо ва ҷангалзорҳои ксерофитӣ дар нишебиҳои каме баланд, теппа ва нишебии куҳҳо бо хокҳои тира, хокистарранги равшан. |
| **Ҷангали дашти пасткуҳӣ-миёнакуҳӣ (900-3000 м)** | |
| **11** | Ландшафт аз буттаҳо ва ҷангалзорҳои ксерофитӣ дар нишебиҳои каме баланд, теппа ва нишебии куҳҳо бо хокҳои тира, хокистарранги равшан. |
| **12** | Ландшафти хӯшадорҳои калон ва пиёзбехӣ-ҷавӣ дар доманакуҳҳо (900-1500 м - макроэкспозитсияи ҷанубӣ) ва нишебиҳои релефҳои теппаҳо (1500-1700 м - макроэкспозитсияи шимолӣ) ҷойгир буда, хоки хокистарранги тира, мутобиқ барои кишти зироатҳои лалмӣ ва обӣ. |
| **13** | Ландшафти антропогенӣ қитъаи хӯшадори калони нимсаваннагӣ дар ҳамвориҳо ва конусҳои калони барориши ва водии куҳӣ фарогир буда, хокҳои хокистарранти сиёҳ ва муқаррарӣ – 600-1500 м. |
| **14** | Ландшафти ксерофитӣ дар нишебиҳои ноҳамвор, теппаҳо, нишебиҳои куҳӣ, плантатсияҳои омехта (1500-1700 м) бо хоки хокистарранги сиёҳ, чарогоҳҳо, манбаъҳои чӯбу тахта ва ашёи хоми доруворӣ. |
| **15** | Арчазорҳо дар ивазшавии пайваста буда, хокаш қаҳваранги равшан. |
| **16** | Ландшафти даштӣ аз силугиёҳ бо якҷояшудаи явшони хӯшадор-гуногунбутта аст. Дар макроэкспозитсияи шимолӣ хокҳо намуди қаҳваранги куҳии равшан, дар макроэкспозитсияи ҷанубӣ хокҳо намуди қаҳваранги куҳии равшан бо ҳампайвандии хоки куҳии ҷанзалҳои арчазор (2300-3000 м). |
| **17** | Ландшафти антропогенӣ дар зинаҳои маҷро ва қисман маҷроҳои дарё бо хоки намуди куҳӣ, қаҳваранги равшан бо ҳампайвандии ҷангалҳои арчазор. Наботот биёбонӣ, галофитӣ ва нимбуттагӣ. |

| | |
|---|---|
| | **Идомаи ҷадвали 2.1** |
| **18** | Ландшафти ксерофитии буттазор бо арчазори сийрак дар нишебиҳои каме баланд, теппа ва нишебии куҳҳо бо хокҳои намуди куҳӣ, қаҳваранги равшан бо ҳампайвандии ҷангалҳои арчазор. |
| | **Ландшафтҳои баландкуҳӣ, минтақаҳои субалпӣ ва алпӣ** |
| **19** | Ландшафти алафҳои хордор (3000-3500 м) дар нишебиҳои хушки санглох, дар қисмати поёнии баландкуҳ, чарогоҳ ба назар мерасанд, ки ҳангоми маҳдуд намудани майдони алафҳои хордор чарогоҳи хуб шуда метавонанд. |
| **20** | Ландшафти баландкуҳи алпӣ (аз 3500-4100 м). Қисми бисёри ҳудудро сангҳои фурӯрехта ва харсангҳо ташкил медиҳад. Растаниҳо дар зинаҳои гуногуни шаклгирӣ қарор доранд. Чарогоҳи тобистонаи мушкилистифодабаранда ба ҳисоб меравад. |
| **21** | Майдони барфу пиряхҳо давомнок нестанд, ноҳамворанд. Наботот ва хок вуҷуд надорад. |

Чи хеле ки аз маълумоти инъикосёфтаи ҷадвали 2.1 бармеояд дар нишебиҳои хушки сангдор, дар қисмати поёнии баландкуҳ, чарогоҳ ба назар мерасанд, ки ҳангоми маҳдуд намудани майдони алафҳои хордор чарогоҳи хуб шуда метавонанд. Инчунин, қисми бисёри ҳудудро сангҳои фурӯрехта ва харсангҳо ташкил медиҳад. Майдони барфу пиряхҳо давомнок нестанд, ноҳамворанд (расми 2.3).



**Расми 2.3. - Сангҳои фурӯрехта, харсангҳо ва ҷараёни обшавии барфу пиряхҳо (дар мисоли ҳудуди парваришгоҳи «Дараи Сабз»)**

**Сарчашма:** *акси муаллиф*

Таҳти мафҳуми ландшафтҳои техногенӣ – қитъаҳои қишри замин, ки он ҷо мавқеи геокимиёвии фаъолияти инсон ҷой дорад, фаҳмида мешавад.

Ландшафтҳои техногенӣ – ин мавзеъест, ки истихроҷ ва коркарди захираҳои маъданӣ ба роҳ монда мешавад. Ин ландшафтҳои иншооти муҳимми хоҷагии халқанд, ки ба фаъолияти инсоният вобастагӣ доранд. Ландшафтҳои антропогенӣ метавонанд, ки ба категорияҳои зерин: ландшафтҳои ноҳияҳои заминҳои ғайрикорам, ландшафтҳои заминҳои корам, ландшафтҳои чарогоҳӣ, ландшафтҳои хоҷагии ҷангал, ландшафтҳои саноати куҳӣ, ландшафтҳои ҷойгиршавии шаҳрҳо ва ландшафтҳои рекреатсионӣ тақсим карда шаванд [39].

Таҳти мафҳуми ландшафти табиӣ-техногенӣ ҳамҷояшавии ҳудудии комплексҳо бо модификатсияи техногении комплексҳои табиӣ ва азнавҳосилшавии хоси техногенӣ фаҳмида мешавад, ки ба таври пурра ландшафтҳои табиӣ ва ё намуди онҳоро дар раванди истеҳсолот вайрон ва дигаргун кардаанд, фаҳмида мешаванд [39].

Баҳри муайян намудани минтақаҳое, ки сарбории техногении фаъол доранд, дар навбати аввал номгӯйи сарчашмаҳои потенсиалии ҳудудҳои заҳролудгашта дақиқ карда мешаванд. Моддаҳои заҳролудкунандаи кимиёвӣ барои ҳар як корхонаҳои саноатӣ ва категорияи хавфи онҳо мутобиқи стандарти давлатӣ муайян карда мешаванд.

Хулосаҳои ниҳоии марҳилаи пешакии таҳқиқот ошкор намудани минтақаҳое, ки дар муносибати заҳролудшавии заминҳо номусоиданд ва баҳодиҳии намунавии майдонҳо ва фаъолнокии заҳролудшавиро дар ин минтақаҳо аниқ менамояд. Қитъаҳои ҳудудро бо талаботи баланди заҳролудшавии онҳоро муайян мекунад ва стратегияи гирифтани намунаҳоро дар марҳилаи аввали харитакашӣ муаррифӣ месозад [39], ки дар объекти таҳқиқотӣ чунин хусусиятҳо ба мушоҳида нарасид.

*Пиряхҳо.* Манбаи ғизогирии ҳамаи дарёҳою кӯлҳои вилоят боришот – борону барф, пиряхҳои қаторкуҳҳои Туркистону Зарафшон ва Тиёншон (дар баландиҳои 3500-4000 м аз сатҳи бахр) ба ҳисоб рафта, қисми асосии онҳо дар қисмати шарқии қаторкуҳҳои Туркистон ва Зарафшон ҷойгир аст [84, 13-М].

Тибқи маълумотҳои охирин маҷмӯи пиряхҳои куҳии водии Зарафшонро ба чунин марказҳои яхбандӣ ҷудо менамоянд:

а) саргаҳи ҳавзаи дарёи Мастчоҳ (Зарафшон) 587 пирях мавҷуд аст, ки 179,21 $км^2$ масоҳат доранд;

б) куҳистони Фон ва ё Ғазнаю Чимтарға;

в) саргаҳи ҳавзаи дарёи Яғноб (Гулбоз) якҷоя бо Фон 460 пирях буда, 133,29 $км^2$ масоҳатро ишғол мекунанд;

г) саргаҳи дарёҳои Киштуту Моғиён дорои 174 пирях мебошанд, ки 43,26 $км^2$ масоҳатро фаро гирифтаанд. Ҳамагӣ, дар қисмати куҳии Зарафшон 1227 пирях вуҷуд дорад, ки 655,76 $км^2$ масоҳатро дарбар гирифтаанд.

Дар шимолу шарқии қаторкуҳи Зарафшон пиряхи Даҳанданг (2,2 км дарозӣ, 2,0 $км^2$ масоҳат) ҷойгир шуда, байни солҳои 1958-1977 69 м пеш рафтааст, вале байни солҳои 1977-1991 ба андозаи 180 м таназзул ёфт. Пас, ба ҳисоби миёна соле 13 м қафонишинӣ кардааст.

Дар шохаи тарафи чапи пиряхи Зарафшон (760 м дурӣ) пиряхи Парах ҷойгир буда, он низ дар ҳолати таназзулёбӣ қарор дорад.

Пиряхи калонтарин дар ҳудуди вилояти Суғд пиряхи Зарафшон (27,8 км дарозӣ ва бо шохаҳояш 132,6 км) ном дошта, ҳоло соле то 60 см ақиб гаштааст.

Мувофиқи пешгӯии яхшиносон майдони пиряхҳои ҷумҳурӣ дар даҳсолаи охир нисбатан кам шуда истодаанд [13-М], ки аз омилҳои табиӣ (аз рахи фирнавӣ паст ҷойгиршавӣ), омилҳои антропогенӣ ва баланд шудани ҳарорати ҳаво вобаста мебошад.

Дар қаторкуҳҳои Туркистон пиряхҳо асосан дар қисмати шарқии он ҷойгиранд. Шумораи зиёди онҳо дар нишебиҳои шимолии қаторкуҳ мавқеъ доранд. Ҷараёнҳои пиряхҳои Зарафшон ва миқдори ками пиряхҳои хурд танҳо дар нишебиҳои ҷанубу шарқии қаторкуҳи Туркистон ҷойгиранд [84] (расми 2.4).

Аз харитаи минтақаҳои фаъоли характери пиряхӣ ва геокринологидошта (расми 2.4) аён аст, ки дар қисмати шарқии қаторкуҳи Туркистону Зарафшон пиряхҳои зиёди андозаҳои гуногун (2-3 км) дучор меоянд.




**Расми 2.4. - Харитаи геокриологии минтақа [88, 99]**

Маълумоти ҷадвали 2.2 гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳолат ва пайдошавии пиряхҳо дар ҳудуди таҳқиқотӣ дар сатҳи паст омӯхта шудаанд ва онҳо дар қисмати наздиктарини қаторкуҳҳо ва болооби водиҳо ҷойгиранд ва моренаҳову таҳшиниҳои флювиоглятсионалиро шабоҳат доранд.

**Ҷадвали 2.2. - Тақсимоти пиряхҳо аз рӯйи ҷойгиршавии нишебиҳо ва тавсифи морфометрӣ [84]**

| Нишебии қаторкуҳ | Баландии миёнаи қаторкуҳ, м | Шумораи пиряхҳо | Майдони умумии яхбандӣ, км$^2$ | Масоҳати миёнаи пиряхҳо, км$^2$ | Дарозии миёнаи пиряхҳо, км |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар нишебиҳои қаторкуҳи Туркистон | 4190 | 234 | 317,9 | 1,4 | 2,0 |
| Нишебии шимолии қаторкуҳи Зарафшон | 4140 | 273 | 205,5 | 0,8 | 1,3 |
| Нишебии ҷанубии қаторкуҳи Зарафшон | 4140 | 41 | 12,2 | 0,3 | 0,9 |
| Нишебии шимолии қаторкуҳи Ҳисор | 3980 | 235 | 106,5 | 0,5 | 1,1 |
| Куҳҳои Дудон, куҳҳои Фон | 3990 | 109 | 44,6 | 0,4 | 1,0 |
| Ҳамагӣ | | 892 | 686,7 | 0,8 | 1,4 |

Дар мавзеи бештари таҳшиниҳои пиряхӣ онҳоро дар ин ё он сатҳ дарёҳо шустаанд ва танҳо қисмати ками онҳо боқӣ мондаанд. Моренаҳо худ маҳсули фаъолияти пиряххо маҳсуб меёбанд. Дар ин ҷо моренаҳо заифсементшуда ва ё маводи ковоки сайқалнододаи бе қабати порагиро мемонанд. Пораҳо, харсангҳо ва сангпораҳо бо маводи шағалмайда ва региву гилӣ омехта гардидаанд [37].

*Шароити геоэкологӣ.* Бо назардошти кишвари куҳӣ будан ва бо сабаби шароити душвори табиию географӣ сарзамини ҶТ мавзеи осебпазири ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ мебошад. Офатҳои табиӣ асосан ба обҳо ва гармшавии иқлим (обхезӣ, борони сел, лағжиш) алоқамандaнд, ки он ҳар сол ба харобиҳои зиёди иқтисодӣ, бесарпаноҳ мондани шумораи зиёди одамон ва фавти зиёд оварда мерасонад. Ғайр аз он, дар натиҷаи фаъолияти харобиовари офатҳои табиӣ, аз ҷумла обхезӣ, селҳо иншоотҳои ҲТММ-и ҶТ низ осеб дидаанд, ки метавон парваришгоҳҳои “Зарафшон” (расми 2.5), “Алмосӣ”, Боғи табиӣ-таърихии “Ширкент”-ро мисол овард.




**Расми 2.5. - Харитаи хатарҳои эҳтимоли табиӣ дар ҳудуди парваришгоҳи “Зарафшон” [118]**

Дар вилояти Суғд миқдори офатҳои табиӣ дар як сол ба 350 маротиба мерасад. Қисми бештари чунин ҷараёнҳоро намуди лағжиш, сел ва обхезӣ (77%) ташкил медиҳад, ки аз онҳо 55% дар ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент ба амал меоянд (расми 2.6) [118, с.59].




**Расми 2.6. - Ҷараёнҳои геодинамикии хатарноки потенсиалӣ ва эҳтимолӣ дар вилояти Суғд**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф дар асоси [118]*

**Сел.** Дар ҳудуди мавзеи таҳқиқотӣ ҳодисаҳои эҳтимолии хавфи омадани селоба дар қисмати миёнакуҳӣ вуҷуд дорад. Давомнокии ҷараёнҳои селӣ аз рӯйи масоҳат дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин то 25%-ро ташкил медиҳад. Давраи ҳосилшавии ҷараёнҳои сел аз моҳҳои апрел оғоз гардида, то моҳи ноябр идома меёбад. Ҷараёнҳои селӣ асосан аз овардани лойқаҳо ва сангпораҳои ғализ ва берун аз он алоқамананданд.

Давоми мушоҳидаҳо ошкор гардид, ки дар аксарияти ҳудуди таҳқиқотӣ мабаъҳои ҳосилшавии селҳои характери гравитатсионӣ-фурӯғалтӣ ва инчунин, эрозионӣ-денудатсионидошта ташкил медиҳанд.

Пайдошавии ҷараёнҳои селии обӣ-сангӣ асосан дар нишебиҳо бо шустани қабурғаҳои обҷамъшавӣ ва баровардани мавод дар таҳшиниҳои қаърирo пуркарда ба амал меоянд. Пайдошавии селҳо эрозионӣ, гоҳҳо – эрозионӣ-пошхӯрдавӣ мешаванд ва дар манбаъҳои фаъоли хурӯҷкунӣ пайдоиши эрозионӣ - денудатсионӣ ва обӣ - аккумулятивӣ, гоҳҳо гравитатсионӣ доранд.

Натиҷаҳои воқеии мушоҳидаҳо ва маълумотҳои мавҷуда исбот менамоянд, ки дар ҲТММ-и вилояти Суғд пайдошавии ҷараёнҳои сел аҳён-аҳён зоҳир мегардад.

Ҳолати мазкур ба ҳаҷми боришот ва шакли боридани онҳо алоқаманд буда, ҷараёни характерноки пайдоиши сел дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” боиси фаромадани тарма ва кандашавии ҷинсҳои кӯҳӣ (харсангҳо) мегардад.

**Ярчҳо.** Дар ҲТММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон боришоти табиӣ аз даҳаи дуюми моҳи феврал то даҳаи якуми моҳи май дар ҳаҷми зиёд меборад ва пӯшиши хокӣ ва ҷинсӣ имконияти фурӯбарии пурраи онро надорад. Ҳолати мазкур сабаби зуҳуроти ҳодисаи фаромадани ярч, аз мавзеи хобида ба мавзеи дигар кӯчидани массаи ҳаҷман бузурги ҷинсҳои кӯҳӣ ва модарӣ мебошад, ки то 73%-и он дар вақти шаб ба амал меояд. Маълумотҳои оморӣ ва илмӣ далолат медиҳанд, ки ҳодисаи ярч бештар дар ҳудуди мамнуъгоҳи “Даштиҷум”, резервати биосферии “Ромит”, қисмати Боғи миллии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Сангвор ва ВМКБ, боғҳои табиии “Ширкент” ва “Сарихосор” ба вуҷуд меояд. Гарчанде ки мавзеи ҷойгиршавии парваришгоҳи “Макони суғур” ва мамнӯъгоҳи “Зарринкӯл” дар минтақаҳои кӯҳии дорои ҷинсҳои таҳшинии давраи чорум мебошанд ва ба ҷараёни ҳосилшавии ярч моил нестанд, дар мавзеъҳои номбурда баъзе солҳо зуҳуроти ярч ба қайд гирифта шудааст. Маълумотҳои дахлдор оид ба зуҳуроти офатҳои табиӣ дар мисоли парваришгоҳи “Макони суғур” дар расми 2.7 инъикос ёфтаанд ва дар дигар ҲТММ-и ҶТ чунин ҳолат ба қайд гирифта нашудааст.




**Расми 2.7. - Харитаи хатарҳои табиӣ дар парваришгоҳи “Макони суғур” [118]**

Одатан, андешидани тадбирҳои мубориза бар зидди зуҳуроти ярч чораи хеле мураккаб ва душвор буда, дар аксарияти ҳолатҳо ба саршавии ҷараёни ҷарипайдошавӣ оварда мерасонад. Баъзан барои рафъи обҳои зеризаминӣ ва ҳифзи пӯшиши хокӣ аз зуҳуроти ҷарипайдошавӣ ва ярч бунёди шабакаи заҳркашро тавассути қубурҳои сӯрохдор тавсия медиҳад. Вале, бо сабаби обшавии босуръати барф дар фасли баҳор ва боришоти бошиддат системаи зикрёфта самараи хуб намедиҳад. Бунёди системаи заҳрбур ва заҳркашҳои кушод ва пӯшида барои паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ хеле самараовар мебошанд. Инчунин, дар нишебиҳои моил ба ҷараёни ярч сохтани ҷуйборҳои обпарто дар чуқурии 2,5-3 м аз эҳтимолияти зуҳуроти раванди ярч эмин мемонанд.

Мебояд қайд кард, ки барои пешгирӣ ва ё тадбири зидди ярч андешидани тадбирҳо ҷиҳати боздошти ҷараёни эрозия, аз ҷумла ҷарипайдошавӣ тавассути шинонидани бутта ва нимбуттаҳои серреша мувофиқи мақсад дониста мешавад.

**Тарма, жола ва сангрезаҳо.** Зиёда аз нисфи масоҳати кишвар дар баландии 3000 м аз сатҳи бахр ҷойгир шудааст. Дар фасли зимистон дар кӯҳҳо барфҳои зиёд меборад, нишебии онҳо рост, баланд, серхарсанг, қариб ки олами растаниҳо дида намешавад: ин ҳама баъди боридани борон ё ин ки баъди обшавии барфҳо ва фаромадани тарма ба назар мерасад.

Дар ҷумҳурии мо мавзеи тарманафаро танҳо шимол – қисми ғарбии водии Фарғона ва ҷанубии вилояти Хатлон мебошад. Боқимонда ҳудудҳоро шартан ба 6 минтақаҳои тармафаро ҷудо кардан мумкин аст: ҳавзаи Зарафшон, нишебии ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Помири Шарқӣ ва Помири Марказӣ.

Муҳити хатари тармафароии ҲТММ-и ҶТ Боғи миллии Тоҷикистон дар ВМКБ ва қисмҳои он дар ноҳияҳои Сангвор ва Лахш, Боғи табиӣ-таърихии “Ширкент”, Боғи табиии “Сарихосор”, резервати биосферии “Ромит”, парваришгоҳҳои “Камароб”, “Зарафшон”, “Дараи Сабз” (расми 2.8), “Сангвор”, “Алмосӣ” ва “Даштиҷум” мебошанд.

**Амнияти радиатсионӣ ва захролудшавӣ.** Шароити геоэкологии вилояти Суғд бо сабаби рушди соҳаҳои саноати маъдантозакунӣ, истеҳсоли маводҳои сунъӣ, соҳаи кишоварзӣ бо истифодаи ҳаҷми бузурги моддаҳои кимиёвӣ ва ғайра баъд аз

солҳои 60-уми асри XX мавриди тазъиқи шадиди антропогенӣ қарор дорад ва аксаран фишор дар намуди техногенӣ ва офатҳои сунъии маҳаллӣ ба амал меоянд.




**Расми 2.8. - Харитаи минтақаҳои тармафарой̣, барфпӯш, сангрезаҳо, хокрезаҳо ва лағжиши вилояти Суғд**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф дар асоси [118]*

Зеро, дар ҳудуди маъмурии вилоят (дуртар аз ҳудуди маҳали таҳқиқот) даҳҳо корхонаҳои бойгардонии куҳӣ-маъдантозакунӣ мавҷуданд, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ намудҳои зиёди партовҳои истеҳсолиро ғун мекунанд, ки дорои миқдори зиёди радионуклидҳо, намакҳои металлҳои вазнин (кадмий, сурбу руҳ) ва ҳамчунин моддаҳои заҳрнок (сианидҳо, кислотаҳо, силикатҳо, нитратҳо, сулфатҳо) мебошанд. Инчунин, дар ҳудуди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд, яке аз партовгоҳҳои калонтарини ҶТ барои гӯронидани боқимондаи моддаи кимиёвӣ, аз ҷумла пеститсидҳо, зарфҳои холишуда ва аз истифода беруншуда, таҷҳизоти олудаи моддаҳои заҳрнок ва ҳоказо мавҷуд мебошад, ки баъд аз барқарорсозии кулл ва мутобиқсозӣ ба талаботи экологӣ аз соли 2003 (боздошти фаъолият давоми солҳои 1990-2002) инҷониб аз нав фаъолият намуда истодааст. Ин партовгоҳ, ки дар масоҳати 1,4 га паҳн шудааст, танҳо давоми солҳои 1981-1989 беш аз 5550 тонна моддаҳои қаттоли заҳрнокро қабул ва гӯронидааст. Муайян карда шуд, ки аз ҳаҷми зикрёфта беш аз 1500 тоннаи онҳоро дусти ДДТ (духлордуметилсеэтан)

ташкил медиҳад, ки истеҳсол, истифода ва ниоҳдории он бо қарори СММ ҳанӯз соли 1971 инҷониб дар миқёси ҷаҳон манъ карда шудааст. Дар миқёси Тоҷикистон ғайр аз партовгоҳи Конибодом танҳо як партовгоҳи дигари заҳрхимикатҳо, воқеъ дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон амал менамояд, ки дар ҳудуди он бештар аз 16 ҳазор тонна пеститсидҳои сахттаъсир, аз ҷумла дусти ДДТ гӯронида шудааст. Маврид ба зикр аст, ки дар ин партовгоҳҳо заҳрҳои қаттол ба монанди гексохлоран, бутифос, купрозан, фозалон ва ғайра гӯронида шудаанд, ки то ҳол технологияи безараргардонии мутлақи онҳо мавҷуд нестанд.

Мушкилоти дигари таъсиррасон ба муҳити геоэкологии вилояти Суғд, аз ҷумла ҲТММ мавҷудияти хатари ифлосшавии муҳити табиӣ бо моддаҳои радиофаъоли хусусияти радиатсионидошта алоқаманд аст. Дар партовгоҳҳои радиоактивӣ ва заҳрноки ҳудуди мавзеъ чунин унсурҳо ва пайвастагиҳои онҳо, мисли уран, торий, радий бо давраи гуногуни нимтақсим (аз садҳо то ҳазорон сол) мавҷуданд.

Мушкилоти геоэкологии партовгоҳҳои мазкур эҳтимолияти баланди хатарро ба вуҷуд меоварад, ки ба зуҳуроти боришоти шадид, ярч ва фурӯғалтиҳо, шамолҳои сахт, сел ва ҳодисаҳои дигари табиӣ алоқаманд буда, дар ҳолати ба муҳит ворид гардидани онҳо дар намуди газ, моеъ ва сахт метавонад ҳудудҳои мавзеъҳои мухталифи вилояти Суғдро бо моддаҳои заҳрнок ва радионуклидҳои фаъол заҳролуд намояд (расми 2.9) [1, 18].




**Расми 2.9. - Нақшаи ҷойгиршавии маҳфузгоҳҳои КВД “Фулузоти нодири Тоҷикистон”**

Вазъи кунунии хатари радиатсионӣ аз ҳолати геоэкологии маҳфузгоҳҳои КВД “Фулузоти нодири Тоҷикистон” вобаста аст, ки шумораи онҳо дар ҳудуди вилояти Суғд ҳамагӣ 9 адад буда, ҳаҷми партовҳои радиофаъоли дар периметри онҳо ҷойгиршуда беш аз 55 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Маълумоти муфассал оид ба тавсифи сатҳи хатари радиатсионӣ аз мавҷудияти партовгоҳҳо дар ҷадвали 2.3 оварда шудааст, ки эҳтимолияти баланди хатарро таъкид менамояд.

**Ҷадвали 2.3. - Тавсифи партовгоҳҳои КВД “Фулузоти нодири Тоҷикистон” [55]**

| Номгӯи маҳфузгоҳ | Макони маҳфузгоҳ | Давраи истифодабарӣ, солҳо | Минтақаи санитарию муҳофизатӣ/масоҳат, м/га | Ҳаҷми фоиданоки маҳфузгоҳ (куб.м)/%-и пуршавии он | Сатҳи радиатсия дар минтақаи дидбонгоҳ, мР/с | Миқдори партовҳо, ба ҳисоби тонна/Кюри |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳфузгоҳи Деҳмой | Бӯстон | 1963 | 400/90,0 | $20x10^6$ / 82 | 40-250 | $36.0x10^6$ / 4218 |
| Маҳфузгоҳи рӯ ба рӯи Беморхонаи маркази ноҳияи Б.Ғафуров | Бӯстон | 1945-1950 | 54.5/4/0 | $2.4x10^6$ / 100 | 20-60 | $4.0x10^5$ / 159 |
| Маҳфузгоҳи харитаҳои 1-9 | Бӯстон | 1949-1967 | 50.0/18.0 | $2.6x10^6$ / 100 | 20-60 | $3.034x10^6$ / 779 |
| Маҳфузгоҳи 1-2 | Истиқлол | 1945-1959 | 50.0/24.7 | $9.9x10^5$ / 100 | 40-60 | $1.688x10^6$ / 218 |
| Маҳфузгоҳи 3 | Истиқлол | 1947-1963 | 50.0/11.06 | $1.06x10^6$ / 100 | 40-60 | $1.8x10^6$ / 232 |
| Маҳфузгоҳи 4 | Истиқлол | 1949-1965 | 50.0/18.76 | $2.4x10^6$ / 100 | 40-60 | $4.13x10^6$ / 510 |
| Маҳфузгоҳи партови сехи №3 (кӯл) | Истиқлол | 1949-1965 | 50.0/2.86 | $6.9x10^4$ / 100 | 40-60 | $1.169x10^6$ / 152 |
| Хоктудаҳои фабрикаи кам маъдан | Истиқлол | 1950-1965 | 50.0/3.35 | $1.2x10^6$ / 100 | 40-30 | $2.03x10^4$ / 253 |

| Номгӯи маҳфузгоҳ | Макони маҳфузгоҳ | Давраи истифодабарӣ, солҳо | Минтақаи санитарию муҳофизатӣ/масоҳат, м/га | Ҳаҷми фоиданоки маҳфузгоҳ (куб.м)/%-и пуршавии он | Сатҳи радиатсия дар минтақаи дидбонгоҳ, мР/с | Миқдори партовҳо, ба ҳисоби тонна/Кюри |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Идомаи ҷадвали 2.3** | | | | | | |
| Маҳфузгоҳи №2 | Адрасмон | до 1991 | 50.0/2.5 | $\frac{2.4x10^5}{100}$ | 50-60 | $\frac{4.0x10^5}{160}$ |
| Кони 3 (4 адад) | Хуҷанд | 1976-1985 | 50.0/5.9 | $\frac{2.0x10^5}{66}$ | 60-80 | $\frac{3.5x10^5}{110}$ |

Мебояд қайд кард, ки шумораи муайяни маҳфузгоҳҳо дар наздикии маҳалҳои аҳолинишин (ҷамоатҳои деҳоти Ғозиён ва Исфисори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳрҳои Бӯстон ва Истиқлол, шаҳраки Адрасмони шаҳри Гулистон) ва минтақаҳои наздисоҳилии дарёи Сир воқеъ гардидаанд. Солҳои пешин гирду атрофи бисёр маҳфузгоҳҳо симхор ё деворҳои муҳофизатӣ надоштанд ва ҳатто аломатҳои огоҳикунанда насб нашуда буданд. Аз ин лиҳоз ва бо сабаби набудани маърифати экологӣ, аҳолии маҳалҳои атроф дар ин мавзеъҳо ба чаронидани чорво машғул мегаштанд. Ҳол он, ки тавассути ҷараёни бодҳои мавсимӣ, намояндагони олами ҳайвонот (алалхусус парандаҳо) ва ҳоказо паҳншавии зарраҳои дорои боқимондаи захрҳо ва моддаҳои радиоактивӣ ба қитъаҳои замини атроф ба амал омада, боиси васеъшавии ҳудуди таъсир, яъне афканишоти радиоатсионӣ ва таъсири он ба аҳолӣ мешавад.

Солҳои Истиқлоли давлатии ҶТ тавассути боло бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ, ҷалби маблағҳои грантӣ ва ҳоказо дар маҳфузгоҳҳои “Деҳмой”, “Маҳфузгоҳи 1-2”-и шаҳри Истиқлол тадбирҳои рӯйпӯшкунии сатҳи болоии маҳфузгоҳҳо бо маводҳои инертӣ амалӣ карда шудаанд. Мутобиқи маълумоти корпоратсияи “Росатом” сатҳи афканишоти радиатсия ва таъсири манфии он ба аҳолӣ давоми солҳои 2015-2024 дар маҳфузгоҳҳои ҶТ то 3-8 маротиба коҳиш дода шудааст. Андешаҳои муайяне пешниҳод гардиданд, ки маҳфузгоҳҳои мавҷуда ба маҳалҳои дигар кӯчонида шаванд. Гарчанде, ки тадбири мазкур аз лиҳози экологӣ ва ҳифзи санитарии аҳолӣ хеле муфид бошад ҳам, аввало бо сабаби ҳаҷми бузурги

харочоти молиявӣ ва баъдан хатари олудашавии муҳити табиии мавзеъҳои нав бо боқимондаҳои хусусияти радиатсионӣ дошта гузаронидани он мувофиқи мақсад дониста намешавад [1, 18].

Давоми таҳқиқотҳо муайян карда шудааст, ки объекти таҳқиқотӣ, яъне ҲТММ-и вилояти Суғд, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар масофаҳои хеле дур аз маҳфузгоҳҳо ҷойгир буда, хавфу хатари олудашавии маҳали таҳқиқот бо партовҳои хусусияти радиатсионидошта ва таъсири манфӣ ба аҳолӣ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, мавҷудияти маҳфузгоҳҳои дар ҷадвали 2.4 ба ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ монеъ шуда наметавонад (расми 2.10).




**Расми 2.10. - Харитаи вазъи геоэкологии муҳити табиии вилояти Суғд**

Бо истифода аз маълумотҳои таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф кӯшиш карда шуд, ки дараҷаи таъсири маҳфузгоҳҳои хусусияти радиатсионидошта ва ҳоказо ба муҳити зисти ҲТММ-и вилояти Суғд бо истифодаи системаи 3-хола мавриди арзёбии геоэкологӣ қарор гирад (ҷадвали 2.4).

## 2.2. Тавсифи умумии захираҳои обӣ, аҳамияти рекреатсионӣ ва сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ

Фазои СЭ-и вилояти Суғдро зебоии табиати нотакрор, аз қабили кӯлҳои Искандаркӯл, кӯли Морон, кӯли Калон, Моҳкӯл, кӯлҳои Аловиддин, Ҳазорчашма ва Марғзор, чашмаҳои шифобахш, осоишгоҳҳои табобативу истироҳатӣ ва парваришгоҳҳои табиӣ ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 2.4. - Арзёбии дараҷаи таъсири омилҳои табиӣ ва техногенӣ ба флора ва фаунаи ҲТММ-и вилояти Суғд (3-балла) [118]**

**(бо иловаи муаллиф)**

| Номи ҲТММ | Обхезӣ, селхо ва лағжиш | | Хавфи баромадани кӯлҳои баландкуҳ | | Тарма, жола, сангборишҳо | | Биёбоншавӣ | | Сӯхторҳои аз сабабҳои табиӣ | | Ифлосшавии химиявӣ | | Кӯрукшиканӣ – шикор ва моҳидорӣ | | Ҷамъоварии беиҷозати растаниҳои худрӯй, буттамева, занбӯруғҳо | | Фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ | | Зарар аз нақлиёт ба ҲТММ | | Зарар аз комплекси истиқоматии ҲТММ | | Зарар аз фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҲТММ | | Зарар аз фаъолияти илмӣ ба ҲТММ | | Таҳдидҳои характери биогеобаҳодиҳӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа | фл | фа |
| Парваришгоҳи “Макони суғур” | 3 | 3 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Парваришгоҳи “Дараи Сабз” | 2 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Парваришгоҳи “Ориён” | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Парваришгоҳи “Зарафшон” | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 3 | 3 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Парваришгоҳи “Искандаркӯл” | 3 | 3 | 2 | 2 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 1 | 1 | 1 | 1 | 3 | 3 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Боғи табиии миллии “Яғноб” | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |

Хати гидрографии маҳали таҳқиқот хеле мураккаб ва дорои хусусиятҳои табиӣ мебошад, ки маълумоти мухтасар дар бораи онҳоро метавон аз расми 2.11 дарёфт кард. Муайян карда шудааст, ки захираҳои обии маҳалро дарёҳои Сир ва Зарафшон бо шохобҳои фаровон бо теъдоди зиёда аз 230 адад ташкил медиҳанд. Ғайр аз он, чашмаҳои шифобахши дорои обҳои маъданӣ (Хавотоғ (Истаравшан), Оби Шифо (Исфара)), гарм, лойқаю ҳоказо мавҷуданд, ки ҳамчун макони хизматрасонии экосайёҳӣ-рекреатсионӣ истифода бурдани онҳо имконпазир аст [59, 104].




**Расми 2.11. - Харитаи гидрографии маҳали таҳқиқот**

Масалан, *осоишгоҳи Ҳавотоғ.* Осоишгоҳи мазкур аз маркази вилоят - шаҳри Хуҷанд дар километри 96-ум, дар шаҳри Истаравшан воқеъ аст. Масофа аз шаҳри Истаравшан то ба осоишгоҳ 24 км-ро ташкил медиҳад ва дар баландии 600 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Обҳои маъдании осоишгоҳ асосан таркиби карбонатӣ, сулфурогидрогенӣ ва радонӣ доранд. Дар ин мавзеъ, соли 1948 ба хотири дарёфти захираҳои нафт пармачоҳи амудии чуқуриаш 1300 м кофта шуд. Дар натиҷаи ба роҳ мондани корҳои геологӣ - иктишофӣ аз дохили чоҳ оби термалӣ фаввора зада баромад. Мутахассисони соҳа пас аз омӯзиши ҳаматарафаи таркиби кимиёвиву физикии он дақиқ карданд, ки ин об хусусиятҳои фаъоли шифобахшӣ дорад.

Алҳол осоишгоҳи Ҳавотоғ фаъолияти мунтазам дошта, ҳамасола чандин ҳазор сайёҳону истироҳаткунандагонро қабул мекунад. Осоишгоҳи мазкур дорои 155 кати муоличавӣ буда, дар он ҷо шахсони гирифтори меъдаву рӯда, системаи асаб, мушаку устухон ва дигар бемориҳо муолиҷа мегиранд. Таркиби оби осоишгоҳ хлоридӣ, гидрокарбонати нитрогенӣ, метан ва радонӣ мебошад, ки ҳарорати он ба $51^0$-$55^0$С баробар аст.

Омӯзиши сарчашмаҳо нишон дод, ки обҳои гарми маъдании Ҳавотоғ ба намуди обҳои гарми натрий – хлориддор бо маъданнокии 4 г/л маҳсубанд, ки ба обҳои сарчашмаи Ессентуки наздиканд. Дар як литри об: нитроген – 5560%, гази карбон – 20-45%, оксиген – 0,1-1%, гидроген – 0,01-0,9%, гелий – 0,5-1,5%, метан – 1-2% мавҷуданд. Таркиби микроунсурҳои об: хлор – 2000мг/л, оҳан – 300 мг/л, бор – 14 мг/л, фтор – 4,9 мг/л, стронсий – 0,015 мг/л, литий – 0,015 мг/л ва ваннадий – 0,001 мг/л-ро ташкил медиҳад. Ҳарорати моҳҳои апрел-июн +15-$30^0$С ва моҳҳои сентябр-октябр +20-$30^0$С аст.

Дар ин осоишгоҳ тарзи муолиҷа ба намуди қабули ваннаҳо, душҳи рӯдаҳо, муолиҷа бо буғи радонӣ ва дигар усулҳои наву замонивии амроз ба роҳ монда шудааст. Иқлими осоишгоҳ мулоим, зимистони сербарфу шамол, тобистони салқин, хушк ва баҳри муолиҷаи беморон ва барқароркунии саломатии мардум мусоидаткунанда аст.

*Осоишгоҳи Зумрад.* Осоишгоҳ аз лиҳози маъмурӣ ба шаҳри Исфара тааллуқ дорад. Осоишгоҳи мазкур, яке аз мавзеъҳои зеботарини вилоят маҳсуб ёфта, чун осоишгоҳи табиӣ (дар баландии 940 м аз сатҳи баҳр) шинохта шудааст. Яке аз сабабҳои бунёди ин осоишгоҳ мавҷуд будани чашмаи оби шифоии “Обишифо” аст, ки ҳанӯз соли 1972 дар мавзеи имрӯзаи осоишгоҳи “Зумрад” бунёд гардида буд. Осоишгоҳ аз соли 1976 инҷониб фаъолият мекунад ва дорои 460 кати муоличавӣ аст. Дар замони муосир бошад, дар ин осоишгоҳ дар як баст то 500 нафар беморон муолиҷа мегиранд, ки теъдоди онҳо дар як сол то ба 8500 нафар мерасад. Имрӯз дар осоишгоҳи мазкур 3 бинои истиқоматӣ, 2 котеҷ, 3 бинои табобатӣ, қасри “Шифокорон” (барои 300 нафар), китобхона, чойхонаи “Сино”, осорхона, ошхона, озмоишгоҳи биокимиёвӣ, шуъбаи ташхис ва дандонпизишкӣ барои беморону

муҳтоҷон хизмат мекунанд. Соҳаи хизматрасонии осоишгоҳ сол то сол ривоҷ ёфтаву васеъ гардида истодааст. Имрӯз дар осоишгоҳи “Зумрад” ба беморони дилу раг (шараёни хун, миокардитҳо, атеросклероз, камхунии дил, тромбофлебит ва ғайра), узвҳои такя ва ҳаракат (тарбод, остеохондроз, остеоартрозҳо, остит, бурсит ва ғайра), силсилаи асаб (атеросклерози рагҳои майна, арахноидит, энсефалит, полиомиелит, сарсом, неврастения ва ғайра), касалиҳои занона (илтиҳоби бачадон, бенаслӣ, эндометрит, аднексит, колпит ва ғайра), илтиҳоб ва захми меъда, амрози ҷигар, талхадон, гурда, роҳҳои пешоб ва ғайра дармон бахшида мешавад [59]. Табибони ҳозиқи осоишгоҳ аз усулҳои пешрафтаву тараққикардаи замонавии муолиҷа бо оби маъданӣ (обшифоӣ), варзиш, парҳез, лойқаи шифобахш, лойқабарқ, озокерит (муми куҳӣ), нафталан, барқшифоӣ, магнитдармонӣ, масҳ, сӯзандармонӣ ва ғайра истифода намуда, беморонро муолиҷа мекунанд.

Инчунин, дар вилояти Суғд чашмаҳои шӯр мавҷуданд, ки аз байни ҷинсҳои куҳии намакдор баромада, аз онҳо лойқаи шифобахш ба вуҷуд омадааст ва яке аз онҳо кӯли шӯри Оқсукон дар ноҳияи Ашт аст.

*Кӯли шӯри Оқсукон.* Кӯли мазкур дар ҳудуди вилоят ягона кӯли шӯри шифобахш маҳсуб ёфта, аз ҷиҳати маъмурӣ ба ҳудуди ноҳияи Ашт тааллуқ дорад. Кӯли Оқсукон дар километри 22-юми роҳи мошингарди байни Шайдон – Оқсукон ҷойгир гашта, масофа то маркази вилоят - шаҳри Хуҷанд 82 км-ро ташкил медиҳад. Кӯли Оқсукон дар доманаи қаторкуҳи Қурама, дар пастхамии 130 м аз сатҳи баҳр баланд ҷойгир буда, иқлими континенталӣ дорад ва ҳарорати миёна дар моҳи июн +29 дараҷа (дар баъзе рӯзҳои гарм то ба +38 дараҷа), дар моҳи январ -1 дараҷа паст мефарояд, мебошад. Андозаҳои кӯли Оқсукон чунин аст: дарозии максималиаш 13 км, паҳноиаш то ба 2 км ва масоҳаташ ба 8,82 км$^2$, дар баъзе мавридҳо то ба 12 км$^2$ мерасад. Чуқурии оби кӯл ба 0,7 м баробар аст ва умқи он хело ҳамвору рост мебошад [59].

Ғизои асосии кӯлро оби чашмаву дарёҳои мавсимӣ ва боришот ташкил медиҳанд. Дар қисмати ҷанубии куҳи Қизилҷар чашмаҳои шӯр фаввора зада, сойи Қароконро ташкил медиҳанд ва шуроба ба қисмати ғарбии кӯли Оқсукон ҷорӣ ва ворид мешаванд.

Дар фасли гармои тобистон кулли чашмаҳои шӯри доманаи кухҳои Оқбелу Қизилчар хушк мешаванд. Ҳолатҳое мешаванд, ки дар баҳорон ҳангоми боришоти сахту шиддатнок, обҳои ширини атмосферӣ тавассути сойи Даҳана ва дигар сойҳои паҳлуӣ ба кӯли Оқсукон ҷорӣ мешаванд.

Миёнаи фасли тобистон қисми ғарбии кӯл ва дар интиҳои фасли тобистон қисми шарқии он мехушкад ва сатҳи болоии онро қабати тунуки 2-5 сантиметраи намак пӯшонида мегирад.

Оқсуконкӯл мавзеъест, ки лойқаи он дорои сифати баланди шифобахшӣ (93 намуди унсури кимиёвӣ: хлориди натрий, сулфати натрий, кислотаи силикат, пайвастаҳои алюминий, оҳан, карбонатию сулфатӣ, инчунин унсурҳои алоҳида аз қабили магний, бор, калий, фосфор ва ғайраҳо) буда, дар қатори беҳтарин лойқаҳои давоии Танбукан (Пятигорск), Одесса, Сакӣ ва дигарон дохил мешавад.

Мутобиқ ба далелҳои И.И. Исмоилов [59] ҳанӯз охирҳои асри XIX то ибтидои асри XX ҳамасола ба хотири табобат ба кӯли Оқсукон беш аз 50 000 нафар одам омада мерафтанд. Мутобиқи андешаи ӯ амбулаторияи табобатии Оқсукон дар як вақт то 200 – 250 нафар дардмандони дорои касалиҳои узвҳои такягоҳу ҳаракат, рагу пай ва дигар бемориҳоро ба муоличa фаро гирифта метавонад.

Ғайр аз он, кӯли Оқсукон манбаи хуби истеҳсоли намак (ҳамасола 35 ҳазор тонна намак) ҳам маҳсуб ёфта, талаботи аҳолии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон аз он ҷумла, вилоятҳои Фарғона, Андиҷон, Ҷиззах, Самарқанд ва Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро бо ин маводи хӯрокаи муҳими рӯзғор таъмин менамуд.

Олимони бузурги соҳаи геологияи Тоҷикистон, академик Р.Б. Баротов ва В.П. Новиков (1984) [25] зимни омӯзишу таҳқиқи қабатҳои миосении (нимаи аввали неоген) ҳавзаи Оқсукон исбот кардаанд, ки дар таркиби оби кӯл намаки зиёд мавҷуд аст. Ба ҳамагон аён аст, ки дар кишвари мо ҳамасола муассисаҳои нави табобатӣ дарҳои худро барои беморону муҳтоҷон боз карда истодаанд. Асоси табобати қисми зиёди беморон лойқаи давоӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки истифода ва сарфаи лойқа рӯз то рӯз меафзояд. Ба хотири наслҳои оянда онро сарфаю сариштакорона бояд истифода бурд.

Дар ин мавзеъ, олимону муҳаққиқон захираи боқимондаи лойқаи давоиро ҳар гуна ҳисоб кардаанд. Мутобиқи тадқиқоти соли 1950, ки аз ҷониби В.А. Бедер ва Н.М. Чуршина дар Оқсукон гузаронида шуда буд, онро нишон дод, ки захираи боқимондаи лойқаи шифобахши ин мавзеъ нисбат ба таҳқиқоти соли 1932 гузаронида шуда, 30% поён рафтааст ва ҳоло дар кӯл 33210 $м^3$ ё ба миқдори 62430 тонна лойқаи давоӣ боқӣ мондааст. Захираи боқимондаи кӯли Оқсукон барои 50 соли оянда мерасад [59].

Дар байни мавзеъҳои мувофиқ ба сайёҳӣ кухҳои Фон машҳур буда, он миёни теппаҳои қаторкуҳҳои Зарафшону Ҳисор ҷойгир буда, аз Киштутдарё то Фондарё тӯл кашидааст. Кухҳои Фон яке аз кухҳои баландтарини кишвар ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди он як зумра кӯлҳои зебоманзар, ки мавзеи асосии эҳтимолӣ барои ташкили СЭ мебошанд, мавҷуданд (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5. - Тавсифи кӯлҳои маҳали таҳқиқот**

| Номгӯйи кӯлҳо | Артерияи обӣ | Масоҳат, $км^2$ | Дарозӣ, м | Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ҳафткӯл | дарёи Моғиён | 1110 | 68400 | шаҳри Панҷакент |
| Кӯли калон | дарёи Артуч | 159 | 17400 | шаҳри Панҷакент |
| Кӯлҳои Аловиддин | дарёи Фон | 3230 | 126 | ноҳияи Айнӣ |
| Искандаркӯл | Искандардарё | 958 | 29400 | ноҳияи Айнӣ |

*Мавзеи Ҳафткӯл.* Ҳафткӯл аз лиҳози маъмурӣ ба ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд дохил шуда, артерияи обиашро асосан дарёи Моғиён ташкил медиҳад ва шохоби калонтарини дарёи Зарафшон (68 км дарозӣ, 1100 $км^2$ ҳавзаи обғундор) аст. Дарёи Моғиён аз дарёчаи Қаросу сарчашма гирифта, дар баробари ҷорӣ шудан номи Дараи Калонро ба худ мегирад. Шимолтар аз деҳаи Ғезани поён, аз тарафи рост ба ин руд дарёи Шинг ҳамҷараён гашта, номи Моғиёнро мегирад, ки кӯлҳои зебоманзар дар шохоби калони он – Шингдарё (14,2 км дарозӣ ва 454 $км^2$ майдони ғизогирӣ) воқеанд [103].

Ҳафткӯли Шингдарё дар байни кухпораҳои танг мавқеъ гирифтааст. Ҳангоми аз қисмати поёни Шингдарё ба саргахи он роҳ пеш гирифтан зарур меояд, ки пайроҳаҳои азими байни дараро паси сар намуда, сӯйи кӯлҳои мавзеъ ҳаракат намуд. Ҷойгиршавии ҳафт кӯли мавзеи Шинг тариқи зайл: (аз сарчашмаи

Шингдарё ба самти поён): Ҳазорчашма, Марғузор, Хурдак, Нофин, Ҳушёр, Соя ва Миҷгон буда, фосилаи ҷойгиршавии кӯлҳо ба 842 м рост меояд.

Дар ҳавзаи дарёи Моғиён 16 кӯл, ки ҳар яке беш аз 1 га масоҳат дорад, ҷойгиранд. Пайдоиши ин кӯлҳо асосан дар натиҷаи фурӯравии куҳпораҳо, ҳангоми ба миён омадани заминҷунбиҳо рух додаанд.

*Кӯли Калон.* Аз лиҳози тақсимоти маъмурӣ кӯли мазкур ба деҳаи Артучи ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ мутааллиқ аст. Кӯли Калон аз лиҳози геологӣ дар доманаи шимолу ғарбии куҳҳои Фон, дар саргаҳи дарёи Артуч, ки онро Уреҷдарё меноманд, воқеъ гаштааст [14-М]. Кӯли Калон аз сатҳи баҳр дар баландии 2832 м воқеъ буда, дорои дарозии 1 500 км ва паҳноии 600 м аст. Чуқурии кӯл ба ҳисоби миёна 2,4 м-ро ташкил дода, чуқурии амиқтаринаш ба 11,8 м ва ҳаҷми обаш ба 2,05 млн $м^3$ мерасад. Пайдоиши Кӯли Калон асосан пиряхӣ-моренагӣ буда, таҳти таъсири равандҳои пиряхҳои азими замони пеш пайдо шудааст.

*Кӯлҳои мавзеи Аловиддин.* Дар ин ҷо маҷмӯи кӯлҳо ба мушоҳида мерасанд, ки дар ҳавзаи чапи шохоби дарёи Фон, ки онро Пасрӯд меноманд, воқеъ гаштаанд. Дарёи Пасрӯд 28,4 км дарозӣ дошта, ҳавзаи обҷамъшавии он 371 $км^2$ мебошад. Бояд зикр кунем, ки ҳавзаи мазкур дорои 4 кӯлест, ки ҳар якеи он масоҳати як гектарро ишғол менамоянд. Бо назардошти кӯлҳои хурдҳаҷм дар ин ҷо бо шумораи зиёди кӯлҳоеро дучор меоем, ки анқариб 15 тоанд. Баландии ҷойгиршавии ин кӯлҳои хурд аз сатҳи баҳр 2600-3540 м-ро ташкил медиҳанд. Дар ин мавзеъ дараҳои хурду дарозмасоҳат хело зиёданд, ки то ба 4-5 км мерасанд. Дарёҳои чун Турзул, Иммат, Бодхона, Сурхоб, Хоҷаи Китоб, Гурмазор, Ревад, Ағба, Чапдара аз баландиҳои дараҳо ҷорӣ гашта, дарёи Пасрӯдро ҳосил мекунанд.

*Искандаркӯл.* Дар миқёси Тоҷикистони Марказӣ Искандаркӯл яке аз кӯлҳои бузурги минтақа маҳсуб меёбад, ки масоҳати умумии он ба 3,4 $км^2$ баробар аст. Андозаҳои кӯл чунин аст: дарозӣ 3,26 км, паҳноиаш 2,9 км, ҳаҷми обаш 172 млн. $м^3$, баландиаш 2255 м нисбат ба сатҳи баҳр ва чуқуриаш 72 $м^3$. Оби дарёҳои Саратоғ, Ҳазормеш, Сарема ва Панҷчашма ба кӯли Искандар мерезанд [91].

Искандаркӯлро аз самти ҷануб шохаҳои қаторкуҳи Ҳисор ва аз самти шимол бошад, шохаҳои қаторкуҳи Зарафшон иҳота кардаанд.

Дар масъалаи пайдоиши кӯл ва замони ҳосилшавии он миёни олимону муҳаққиқон фикру назари мухталиф ҷой дорад. Назарияҳои пайдоиши кӯлро бархе аз олимони соҳавӣ ба ҷараёнҳои пиряхӣ шабоҳат медиҳанд. Зумраи дигар бар онанд, ки кӯл дар натиҷаи лағжиши кухпораҳо ба миён омадааст. Дар мавриди замони пайдоиши кӯл низ фикрҳову назарияҳо гуногунанд. Бархе аз олимон бар онад, ки кӯл 10-12 ҳазор сол пеш пайдо шудааст ва дигар гуруҳи муҳаққиқон ин нишондодро ҳатто ба 50-60 ҳазор сол пеш шарҳ медиҳанд.

Як гуруҳ олимони соҳа-географон бар он ҳастанд, ки дар давраи тараққиёти чаҳорякумини геологӣ кухҳои атрофи кӯлро пиряхҳои бузургу азим пӯшонида буданд. Бо мурури замон ин пиряхҳо ба тавассути дараҳо ҳаракат карда, маҷрои дарёи Саратоғро гирифтаанду то ба саргаҳи ҳозираи Искандаркӯл расидаанд. Дар натиҷа таҳшиниҳои гуногуни геологӣ, ки аз шағалу сангпораҳои хурду бузург таркиб ёфта буданд, ба сарбанди кӯл асос гузоштаанд. Дар замони яхбандии бузург дар соҳили чапи Искандардарё кухпораи азиме поин омада таҳшониҳоро пӯшонидаву табақаи дуввуми сарбандро ташкил доданд. Дар оқибат сатҳи оби кӯли Искандар ба 150 м боло баромад. Искандаркӯл воқеан дар минтақаи ҳаракатҳои тектоникӣ ҷой гирифтааст. Дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникӣ қисмати шимолии кӯл оҳиста баланд ва қисмати ҷанубии кӯл поён рафтааст ва бешубҳа ин ҳолат ба васеъшавии майдони кӯл оварда расонидааст.

Сайёҳ А. Мустаҷир (с.1870) дар нигоштаи худ “Рӯзномаи сафари Искандаркӯл” чунин овардааст: “...садди (сарбанди) Искандаркӯл ду бор гирифтори кафиш гардидааст...”. Дар ҳақиқат ин зикрҳои сайёҳро олимони дигар низ тасдиқ кардаанд [8-М]. Соли 1985 андешаи П.И. Никулин бар он буд, ки вайроншавии садди қадимаи Искандаркӯл ба таври ногаҳонӣ рух додааст. Мутобиқ ба нишондоди П.И. Никулин дар ибтидои вайрон шудани сарбанди кӯл 700 млн. $м^3$ ва дар ду давраи баъдина то 100 млн. $м^3$-и ҳаҷми об аз сарбанд берун омадаанд [91, 8-М]. Р.И. Селиванов (с.1962) баръакс чунин мешуморад, ки вайроншавии банди қадимаи Искандаркӯл тадриҷан рух додаст. Андешаву ақидарониҳои Р.И. Селиванов воқеан ҳам, асоси устувори илмӣ доранд, зеро агар сарбанди қадимаи Искандаркӯл ба таври фоҷиавӣ вайрон мегашт, он гоҳ дар ду соҳили Искандардарё нақшҳои

селобаи бузургу харобиовар боқӣ мемонданд, вале он нақшҳо ҳангоми таҳқиқоти худ мушоҳида нагардид [8-М].Мавзеи Искандаркӯл ва гирду атрофи он алҳол ба истироҳатгоҳу мавзеъҳои фароғатии мардум табдил ёфтааст, ки ҳифзи табиати ин мавзеъро барои насли оянда зарур ва ҳатмӣ тақозо мекунад (расми 2.12).



**Расми 2.12. - Манзараи Искандаркӯл**

Кӯли Искандар, ки макони ҷолиби СЭ шуда метавонад, дар ҳудуди парваришгоҳи давлатии “Искандаркӯл” ҷойгир шудааст ва ҷузъи таркибии он маҳсуб меёбад. Мебояд қайд кард, ки манзараи зебою нотакрори ин мавзеъ захираи бузурги рекреатсиониро доро буда, эҳтимоли дарояндаи наздик макони бузурги сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ гардад. Вале, мавҷудияти ҳаҷми зиёди об мутахассисони соҳаи энергетикаро водор намудааст, ки ҷиҳати бунёди нерӯгоҳи барқии обӣ лоиҳаҳо тарҳрезӣ намоянд. Чунин ҳолат аз як тараф боиси баланд рафтани тазъйиқи антропогенӣ ба вазъи геоэкологии маҳал шавад, аз ҷониби дигар пайдоиши обанбор ё идоракунии ҳаҷми мавҷудаи об, дастрасии нерӯи барқи арзон ва омилҳои дигари табиию антропогенӣ боиси рушди СЭ дар ин маҳал шуда метавонад.

## 2.3. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳамчун объекти рушди сайёҳии экологӣ

Вилояти Суғд алҳол аз ҷиҳати нигоҳдории гуногуннамудии биологӣ дорои панҷ парваришгоҳу як боғи табиии миллӣ (ҷадвали 2.6) бо масоҳати умумии 107 690 га

буда, ҳифзи намояндагони олами набототу ҳайвонот ва ландшафтҳои табиӣ ҳадафҳои асосии онҳо мебошад (расми 2.13) [80, 82, 118, 2-М].

**Ҷадвали 2.6. - Тавсифи мухтасари ҲТММ-и вилояти Суғд [80, 82, 118, 2-М]**

| Номи ҲТММ | Санаи таъсис | Масоҳат, га | Тобеъияти маъмурӣ-ҳудудӣ | Ҳадафи парваришгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| Парваришгоҳи “Макони суғур” | 30.12.1977 | 15049 | ноҳияи Ашт | муҳофизату барқарорсозии шумораи намуди суғури Мензбир, ки ба Китоби сурхи Тоҷикистон дохил шудааст |
| Парваришгоҳи “Дараи Сабз” | 09.05.1959 | 18266,99 | ноҳияи Шаҳристон | муҳофизат ва барқарорсозии арчазорҳо ва ҳифз намудани олами набототу ҳайвоноти нодир |
| Парваришгоҳи “Ориён” | 01.03.1972 | 4120 | ноҳияи Айнӣ | муҳофизат ва барқарорсозии арчазори нишебиҳои қаторкуҳи Зарафшон |
| Парваришгоҳи “Зарафшон” | 10.06.1976 | 2380 | шаҳри Панҷакент | парвариш ва ҳифзи популятсияи табиии нодиртарини зернамуди тазарв (фазан)-и зарафшонӣ |
| Парваришгоҳи “Искандаркӯл” | 12.12.1969 | 27874 | ноҳияи Айнӣ | ҳифз намудани мавзеъҳои аҷоибу зебо, арчазор, бузи куҳӣ ва дар маҷмуъ табиати нотакрор |
| Боғи табиии миллии “Яғноб” | 02.05.2019 | 40000 | ноҳияи Айнӣ | нигоҳ доштани генофонди беҳамтои фауна ва флора, экосистема, сарватҳои табиӣ ва таърихӣ |
| Масоҳати умумӣ | | 107690 | | |




**Расми 2.13. - Мавқеи географии ҲТММ-и вилояти Суғд**
**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

ҲТММ-и вилояти Суғд дар алоқамандӣ бо баландии ҷойгиршавӣ нисбат ба сатҳи баҳр то ҳол мавриди таснифот аз ҷониби олимону мутахассисон қарор дода нашудааст. Бинобар ин, муаллифи диссертатсия дар такя ба принсипҳои таснифоти Х.М. Муҳаббатов [116] ҷуръат намудааст, ки ҷойгиршавии амудии ҲТММ-и вилояти Суғдро ба шакли тасниф дарорад ва хусусиятҳои релефро низ ба эътибор гирад. Маълумотҳои дахлдори истифодаи ин услуб дар ҷадвали 2.7 инъикос ёфтаанд ва саҳми муносиби муаллиф дар омӯзиши шароити геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 2.7. - Ҷойгиршавии амудии ҲТММ-и вилояти Суғд, метр аз сатҳи баҳр**

| Номи ҲТММ | Баландӣ аз сатҳи баҳр ва намуди релеф | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 300-600, ҳамворӣ | 601-900, доманаи кух | 901-1600, пасткух | 1601-2800, миёнакух | 2801-4500, баландкух | Зиёда аз 4501, минтақаи ниналӣ |
| Парваришгоҳи “Макони суғур” | | | + | + | + | |
| Парваришгоҳи “Дараи Сабз” | | | + | + | + | |
| Парваришгоҳи “Ориён” | | | | + | + | |
| Парваришгоҳи “Зарафшон” | | | + | + | + | |
| Парваришгоҳи “Искандаркӯл” | | | | + | + | + |
| Боғи табиии миллии “Яғноб” | | | | + | + | |

**Сарчашма:** *муаллиф тартиб додааст*

**Парваришгоҳи давлатии “Искандаркӯл”** дар асоси Қарори Шурои Вазирони ҶШСТ аз 12-уми декабри соли 1969 дар ҳайати Муассисаи хоҷагии ҷангали ноҳияи Айнӣ бо мақсади нигоҳ доштан ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот бо масоҳати 27874 га ташкил карда шудааст.

Амплитудаи баландии ҳудуди парваришгоҳ аз 2200 то 4600 м аз сатҳи баҳрро ташкил дода, ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво + 6,5$^0$С, ҳарорати миёнаи моҳи хунуктарин (январ) -5,8$^0$С, аз ҳама гармтарин (июл) +18,5$^0$С мебошад. Минимуми мутлақи ҳарорат -31$^0$С дар моҳи январ ва максимуми мутлақ +32$^0$С дар моҳи июл буда, боришоти миёнаи солона 258 мм-ро ташкил медиҳад, ки асосан ба мавсими зимистону баҳор рост меояд.

Дар ҳудуди парваришгоҳ минтақанокии амудии пӯшиши хокӣ мушоҳида карда мешавад. Дар нишебиҳои қаторкуҳҳо хокҳои ҷигарранг ва дар нишебиҳои дастнорас хокҳои баланди куҳӣ бешагӣ дучор меоянд. Нақши растаниҳои буттагӣ дар ҳифзи хок ва эрозияи бодӣ ниҳоят калон аст, зеро дар нишебиҳое, ки пӯшиши растании бешагӣ хос аст, раванди эрозияи хок қариб мушоҳида намегардад. Вале, изҳои фаъолияти эрозионии бодҳои мавсимӣ қайд карда шудаанд.

Пӯшиши растанигии парваришгоҳ ниҳоят гуногун буда, асосан: буттагӣ, дарахтӣ, хордори субалпӣ, болиштакӣ ва эфедравӣ иборатанд. Майдони бешазор 4,2 ҳаз. га буда, 14,6%-и ҳудуди парваришгоҳро дар бар мегирад. Махсусан, арча: арчаи зарафшонӣ *(Juniperus seravschanica),* нимкурамонанд *(Juniperus semiglobosa)* ва туркистонӣ *(Juniperus turkestanica)* дар баландии зиёда аз 2000-3200 м аз сатҳи баҳр 70%-и майдони бешазорро ишғол кардааст. Синни миёнаи арчазор тақрибан 230 солро ташкил медиҳад.

Пӯшиши алафӣ дар арчазорҳо сийрак буда, аз анҷибар *(Geranium),* чинорак *(Ranunculus),* ғеша *(Carix pachystylis),* силугиёҳ *(Festuca sulcata),* арзанак *(Phleum),* чанголак *(Thalictrum)* ва ғайраҳо иборат аст. Дар марғзорҳо буттаҳои тоқаи мушолҳо *(Lonicera),* хуч *(Rosa)* ва зирк *(Ribes)* дида мешавад.

Парваришгоҳи Искандаркӯл дар нишебии шимолии қаторкуҳи Ҳисор ҷойгир шуда, ба таркиби қисмати тоҷикии минтақаи куҳии зоогеографии Осиёи Марказӣ дохил мешавад ва байни Помиру Тёншони Ғарбӣ мавқеи мобайниро ишғол мекунад. Дар ин ҷо олами ҳайвоноти бою гуногунранг дучор мешавад. Дар асоси баҳисобгирии ҳарсолаи саршумори ҳайвонот дар соли 2019-ум дар ҳудуди парваришгоҳ 286 сар бузи куҳии сибирӣ *(Capra sibirica),* 29 сар бабри барфӣ *(Uncia uncia),* 520 адад кафтар *(Columba),* 86 сар хирс *(Ursidae),* 94 адад мурғи ҳилол *(Tetraogallus),* 867 адад кабк *(Perdix),* 91 адад уқоб *(Uquila),* 116 сар гург *(Canis lupus),* 104 сар рӯбоҳ *(Vulpes vulpes),* 494 сар заргӯш *(Lepus)* ба қайд гирифта шудаанд.

Давоми соли 2019 ба парваришгоҳи Искандаркӯл (14.01.2020) 426 нафар сайёҳи хориҷӣ, 250 нафар сайёҳи ватанӣ саёҳат кардааст. Аз ҳисоби сайёҳони хориҷӣ

4158,95 сомонӣ, ватанӣ 1445 сомонӣ дар маҷмуъ 5603,95 сомонӣ маблағ ба суратҳисоби муассиса ворид шудааст.

**Парваришгоҳи давлатии “Ориён”** (собиқ Сойвота) дар асоси Қарори Шурои Вазирони ҶШСТ аз 1-уми марти соли 1970 бо мақсади нигоҳ доштану аз нав барқарор кардани майдони арчазор дар қисми шимолии водии Зарафшон - сарҳади минтақаи Ҳисору Дарвоз дар баландии 2000 то 3000 м аз сатҳи баҳр бо масоҳати 4120 га ташкил карда шудааст. Он ба ҳайати муассисаи хоҷагии ҷангали ноҳияи Айнӣ дохил шуда, дар ҳудуди минтақаи куҳистон ҷойгир аст ва иқлими континменталӣ дорад. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво + 6,5$^{0}$С, ҳарорати миёнаи моҳи хунуктарин -5,8$^{0}$С, аз ҳама гармтарин +18,5$^{0}$С буда, минимуми мутлақ -31$^{0}$С дар моҳи январ ва максимуми мутлақ +32$^{0}$С дар моҳи июл маҳсуб меёбад.

Дар маҳале, ки парваришгоҳ ҷойгир шудааст, боришот кам буда, хушкии ҳаво мушоҳида мешавад. Ҳаҷми асосии боришоти атмосферӣ дар фаслҳои зимистону баҳор меборад ва дар нишебиҳои ҷануби қаторкуҳи Ҳисор, тақрибан ба 600-1200 мм дар як сол баробар мебошад. Фасли баҳор боронҳои тези бошиддат сабабгори фаромадани ҷараёни сел мешаванд, ки дар оқибат ба шусташавии заррахои ҳосилхези хок мусоидат мекунад.

Аз ҳудуди парваришгоҳ дарёи на он қадар бузург мегузарад, ки Вота ном дорад. Он дорои чанд шохаҳо буда, ғизогирии барфӣ ва пиряхӣ дорад. Ҳудуди парваришгоҳ дар ҳар ду ин дарё доман паҳн кардааст.

Дар ҳудуди парваришгоҳ минтақанокии амудии пӯшиши хокӣ мушоҳида карда мешавад. Дар нишебиҳои қаторкуҳҳо хокҳои ҷигарӣ ва дар нишебиҳои дастнорас хокҳои баланди бешагӣ ба назар мерасад. Нақши растаниҳои буттагӣ дар ҳифзи хок ва эрозияи бодӣ ниҳоят калон аст, зеро дар нишебиҳое, ки пӯшиши растании бешагӣ хос аст, эрозияи хок қариб дида намешавад.

Растаниҳои асосии беша ин арча аст, ки намудҳои зеринро ташкил медиҳад: арчаи зарафшонӣ *(Juniperus seravschanica),* арчаи туркистонӣ *(Juniperus turkestanica)* ва арчаи нимкурамонанд *(Juniperus semiglobosa).* Дар қисмати муайяни ҳудуд мушолҳо *(Lonicera),* фаркҳо *(Acereae),* хучзор *(Rosa),* каркас *(Celtis)* ва бодоми бухороӣ *(Prunus bucharica)* вомехӯранд.

Дар баландии аз 2000 то 2200 м аз сатҳи баҳр явшонҳо *(Artemisia sp.),* шӯра *(Salsola),* арчаи зарафшонӣ *(Juniperus seravschanica),* бодоми бухороӣ *(Amygdalis bucharica),* заранги Регел *(Acer regelii),* олучаи холдор *(Cerasus verrucosa)* ва эфедра *(Ephedra sp.);* дар баландиҳои то 3000 м аз сатҳи баҳр, арчаи нимкурамонанд *(Juniperus semiglobosa),* мушолҳо *(Lonicera),* хуч *(Rosa),* ирга *(Amelanchier)* ва эфедра *(Ephedra sp.);* аз баландии 3800 м (минтақаи субалпии кушод) растаниҳои хордор рушд менамояд.

Дар ин ҷо арчазор 80%-и масоҳати ҷангали парваришгоҳро ташкил дода, асосан арчаҳои нимкурамонанд ва туркистонӣ паҳн шудааст.

Олами ҳайвоноти парваришгоҳ мутобиқ ба намуди минтақаи куҳистонӣ аст. Дар парваришгоҳи давлатии табиии “Ориён” аз сабаби на он қадар васеъ будани масоҳати парваришгоҳ намудҳои олами ҳайвонот камтар мебошад. Аз намояндагони олами ҳайвонот бошад, дар ин мавзеъ мутобиқ ба натиҷаи баҳисобгирии саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ дар соли 2019-ум 21 сар хирс *(Ursidae),* 75 адад уқоб *(Uquila),* 56 сар гург *(Canis lupus),* 87 сар рӯбоҳ *(Vulpes vulpes),* 20 сар хуки ваҳшӣ *(Sus scrofa),* 130 сар заргӯш *(Lepus),* зиёда аз 1000 адад кафтар *(Columba),* 460 адад кабк *(Perdix)* ба қайд гирифта шудаанд. Мебояд таъкид кард, ки камшавии саршумори ҳайвонот ва парандагон мушоҳида карда нашудааст.

**Парваришгоҳи давлатии “Зарафшон”** дар асоси Қарори Шурои Вазирони ҶШСТ аз 31-уми декабри соли 1975 таҳти № 360 ва Қарори Ҳукумати шаҳри Панҷакент аз 10-уми июни соли 1976 таҳти № 175 дар майдони 2380 га ташкил карда шудааст.

Парваришгоҳ дар қисми шимолу ғарбии ҷумҳурӣ, поёноби дарёи Зарафшон ҷойгир буда, ба ҳудуди водии Зарафшон дохил мешавад. Марзи парваришгоҳ қисми на он қадар калони пастхамии дарёи Зарафшонро аз деҳаи Сӯҷина то болооби дарё, яъне деҳаи Майкатаро дар бар мегирад.

Фасли зимистон то баландиҳои 1500-1600 м аз сатҳи баҳр мулоим ва то 2900-3000 м аз сатҳи баҳр муътадили хунук ва болотар аз он ниҳоят хунук аст ва давомнокии зимистон 30-40 рӯзро ташкил медиҳад.

Пӯшиши хокӣ ва набототии парваришгоҳи “Зарафшон” гуногун буда, бо мураккабии релеф, боришот, ҳарорати ҳаво вобаста аст. Маҳз, пӯшиши хокӣ ва набототии ин маҳал хати гузариш аз минтақаи хушки ксерофитии шимоли Тоҷикистон ба нишебиҳои ҷануби намноки қаторкуҳи Ҳисор ҳисобида мешавад.

Дар ҷазираҳои васеи резишгоҳи дарёи Зарафшон ва ҳудудҳои назди соҳилии он тӯқайзор ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар баъзе аз қисматҳои соҳили дарё анбуҳи ангат ва тамарикс месабзанд. Парваришгоҳи давлатии “Зарафшон” аз ҷиҳати аҳамияти ҳифз мақоми давлатӣ дорад. Мақсади асосии ташкили парваришгоҳ, ин ҳифз ва зиёд намудани саршумори тазаври зарафшонӣ *(Fasanius colchicus)* мебошад. Макони аслии тазаври зарафшонӣ буттазорҳои наздисоҳилӣ ба шумор меравад, ки он аз ангат *(Hippophaё),* тамарикс *(Tamarix),* бед *(Salix)* иборат буда, ҷои паноҳбарии паранда ба ҳисоб меравад.

Таркиби намудии олами ҳайвоноти парваришгоҳро харгӯши толай *(Lepus tolai),* саги обӣ *(Lutra lutra),* қашқалдоқ *(Meles meles),* шағол *(Canis aureus),* рӯбоҳ *(Vulpes vulpes),* ҷайра *(Hystrix leucura satunini),* муши обии мутобиқшуда *(Ondatra zibethicus),* оҳуи бухороӣ *(Cervus elaphus bastrianus)* ташкил медиҳанд.

Маълумотҳои илмӣ-оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз дар солҳои 1980 аз мамнӯъгоҳи “Ромит” ба парваришгоҳ 14 сар оҳуи бухороӣ оварда шуда, дар тавораи махсус нигоҳубин мекарданд. Бо сабаби дигари фавт шудани шумораи муайяни онҳо дар ҳудуди парваришгоҳ оҳуҳоро озод сар доданд. Алҳол, мувофиқи баҳисобгирӣ дар ҳудуди парваришгоҳ зиёда аз 700 сар оҳу маскан доранд.

**Парваришгоҳи давлатии “Макони суғур”** дар ҳайати Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи Ҳ. Сармусоқови ноҳияи Ашт ташкил гардидааст ва фаъолият менамояд, ки дар қисми шимоли Тоҷикистон ҷойгир аст. Барои муҳофизати олами ҳайвонот ва ҷангалзорҳо парваришгоҳи “Оқтош” бо қарори Шурои Вазирони ҶШСТ аз 30-юми декабри соли 1977 таҳти №390 ташкил карда шудааст. Дар асоси Қарори Раиси ноҳияи Ашт таҳти №59 аз 14-уми июли соли 2016 парваришгоҳи “Оқтош” тағйири ном карда, ба парваришгоҳи “Макони суғур” табдил дода шуд.

Майдони умумии парваришгоҳ 15049 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он майдони 3480 га дар ҳудуди хоҷагии ҷангали ба номи Н. Ҳувайдуллоев ҷойгир шудааст. Фаъолияти парваришгоҳи номбурда бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29-уми октябри соли 2015 таҳти №621 "Дар бораи фаъолияти минбаъдаи парваришгоҳҳои табиии Агентии давлатии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати ҶТ" [3] аз нав ба муҳлати даҳ сол то соли 2025 дароз карда шудааст.

Парваришгоҳ ба ҳудуди қаторкуҳи Қурамаи Тоҷикистони Шимолӣ мансуб шуда, дар шимол бо шохаи қаторкуҳи Қурама, дар ҷануб бо дарёи Сир ҳамсарҳад буда, аз ғарбу шарқ дар қисмати сарҳадии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷойгир шудааст.

Қаторкуҳи Қурама аз шимолу шарқ ба ҷанубу ғарб тӯл кашида, баландии шонаи қаторкуҳ қариб 2500 м ва баландии минималӣ дар резишгоҳи дарёи Сир 250-400 м аз сатҳи баҳр мебошад [9-М]. Дар болои резишгоҳи дарёи Сир террасаҳои наздисоҳилӣ, баъд аз он адирҳо ва нишебиҳои қаторкуҳ ҷойгиранд. Дар пастиҳои минтақаи куҳӣ давомнокии давраи гармӣ аз 200 то 260 рӯзро ташкил дода, давомнокии давраи гармии ҳарораташ аз +10$^{0}$С боло – 220-160 рӯзро дар бар мегирад [9-М].

Растаниҳои қаторкуҳи Қурама ксерофитӣ мебошанд. Дар ин ҷо минтақаҳои зерини набототӣ фарқ карда мешаванд:

- 350-1000 м аз сатҳи баҳр минтақаи биёбонӣ, ки дар он явшони суғдӣ *(Artemisia sogdiana)* бештар месабзад. Дар баландиҳо эфемероидҳо бартарӣ доранд.
- 1000-1800 м аз сатҳи баҳр биёбонҳое, ки аз эфемерҳо бой буда, дар ин ҷой бодомча *(Amygdalus spinosissima),* олуча *(Prunus cerasus),* хуч *(Rosa)* ва ғайра ба назар мерасанд. Ин минтақа бештар аз боришот ғизо мегирад ва растаниҳои буттагӣ бартарӣ доранд.
- 1800-2300 м аз сатҳи бахр минтақаи арчазори сийрак аст. Дар ин ҷо 2 намуди арча: зарафшонӣ *(Juniperus seravschanica)* ва нимкурамонанд *(Juniperus semiglobosa)* дида мешавад.
- 2500-3200 м аз сатҳи баҳр минтақаи дашти растаниҳои силугиёҳ ва болиштаки холдор *(Silene acaulis)* мебошад. Набототи минтақаи мазкур бо тарзи

тасмаи маҳдуд дар қисмати қуллаи қаторкуҳ мавқеъ гирифтааст. Ба ин дашт мавҷудияти хокҳои майдазарра тааллуқ дошта, дар минтақаи паҳншавии болиштаки холдор *(Silene acaulis)* пӯшиши хокии серсанг ва сангрезадошта паҳн шудаанд.

- 3200-3700 м аз сатҳи баҳр минтақаи болиштакиҳо *(Silene acaulis)* марғзори алафҳои паст ва дашт ба ҳисоб меравад. Пӯшиши набототи табиии ин минтақа ба ҳифз ниёз доранд, зеро аҳамияти зиддиэрозиёнӣ доранд.

Парваришгоҳ барои муҳофизат ва зиёд намудани суғури Мензбир *(Marmota menzbieri)*, ки ба Китоби сурхи ҶТ ворид гардидааст, фаъолият менамояд. Чунин макон дар қаторкуҳи Қурама ягона маконест, ки намуди суғур ҳифз карда мешавад [61, 81].

Аз олами ҳайвонот гург *(Canis lupus)*, рӯбоҳ *(Vulpes vulpes)*, заргӯш-толай *(Lepus tolai)*, кабк *(Alectoris kakelik)* вомехӯрад. Таркиби намудии парандагонро чарғи дайр *(Falco tinunculus)*, зоғчаи алпӣ *(Pyrrhocorax graculus)*, кабӯтари кабуд *(Columba livia)*, парандаи нилобӣ *(Myophonus coeruleus)* ва ришдор *(Gypaetus barbatus hemachalanus)* ташкил медиҳанд.

Мебояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон ҷалби ҲТММ ба СЭ масъалаи нисбатан нав аст. Бинобар ин, барои омӯзиши имкониятҳои ташкил ва рушди СЭ, таҳлилу ташхис ва арзёбии воқеӣ ба сифати объекти таҳқиқотӣ парваришгоҳи “Дараи Сабз” қарор гирифтааст. Инчунин, масъалаҳои саҳми СЭ дар мустаҳкам намудани иқтидори парваришгоҳ, рушди хоҷагии маҳаллӣ, алоқамандӣ бо ҳифзи муҳити зист, азхудкунии захираҳои рекреатсионии он ба миён гузошта шуд.

Дар ҲТММ агар, принсипи минтақабандии функсионалӣ (минтақаҳои мутлақо мамнуъро аз истифодаи рекреатсионӣ ихтисор карда, дар минтақаҳои дигар шакл ва миқдори ташрифгаронро ба низом даровардан) истифода карда шавад, пас СЭ шакли воқеии маърифатнокшавии экологии аҳолӣ, ҷалби онҳо барои нигоҳдориии гуногуншаклии биологӣ шуда метавонад [110].

**Хулосаи боби дуюм**

Маълумоти баррасигаштаи боби мазкур имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин баён карда шаванд:

1. Шароити геоэкологии муҳити табиии вилояти Суғд аз пастхамиҳо ва ҳамвориҳо, асосан дар водии дарёҳои калон ва сойҳо (дар баландиҳои аз 300 то 1500 м) иборат буда, бештар аз ҷинсҳои таҳшинӣ ва канданиҳои фоиданоки маъмули умум, аз қабили шағал, рег, гил таркиб ёфтаанд. Инчунин, минтақа дорои захираи бойи рекреатсионӣ, аз ҷумла ҲТММ мебошад, ки заминаи боэътимоди рушди сайёҳӣ, алалхусус СЭ ҳисобида мешавад.

2. Захираҳои рекреатсионӣ, аз ҷумла ҲТММ барои рушди сайёҳӣ, алалхусус СЭ мавҷуд бошанд ҳам, то ҳол масъалаи таҳқиқнашуда боқӣ мемонад. Ҳолати мазкур зарурати таҳқиқи масъаларо ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти рушди СЭ-ро тақозо менамояд.

3. Барои ташкил ва рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд мебояд шароити географӣ-табиӣ, хусусиятҳои иқлимӣ, геоэкологӣ, захираҳои рекреатсионӣ, мавҷудияти воқеии инфрасохтор ва сатҳи омодагии аҳолӣ ба хизматрасонӣ ва ҳоказо ба инобат гирифта шаванд.

4. Мавҷудияти кӯлҳои сершумор, аз ҷумла кӯли Оқсукон бо лойқаи шифобахш дар ҳолати гузаронидани тадбирҳои гуногуни ташкилӣ, иқтисодӣ ва тарғиботӣ метавонанд макони рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ бошанд. Вале, масъалаи мазкур то ҳол аз омӯзишҳои махсус берун мондааст ва ба таҳқиқоти хоса ниёз доранд.

# БОБИ 3. АРЗЁБИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ – ГЕОЭКОЛОГИИ ПАРВАРИШГОҲИ “ДАРАИ САБЗ” БО МАҚСАДИ ТАШКИЛИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ

## 3.1. Таснифоти сарватҳои табиии парваришгоҳи “Дараи Сабз”

Парваришгоҳи “Дараи Сабз” таъиноти ботаникӣ дошта, бо пешниҳоди олимони Институти ботаникаи Академияи илмҳои ҶТ (имрӯза Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) дар асоси Қарори Шурои Вазирони ҶШСТ аз 9-уми майи соли 1959 таҳти №186 бо мақсади нигоҳдории арчазорҳо дар ҳайати Муассисаи хоҷагии ҷангали “Шаҳристон”-и ноҳияи Шаҳристон ташкил гардидааст. Баъдан, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29-уми октябри соли 2015 таҳти №621 “Дар бораи фаъолияти минбаъдаи парваришгоҳҳои табиии давлатии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати ҶТ” [3], мутобиқи моддаи 31 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” [5] ва моддаи 51-уми Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” [6] бо мақсади ҳифзи олами набототу ҳайвоноти нодир ва дар зери хатари маҳвшавӣ қарордошта, беҳбуд бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи парваришгоҳҳои табиӣ-давлатӣ Ҳукумати ҶТ қарор қабул кард, ки муҳлати фаъолияти минбаъдаи парваришгоҳи табиии давлатии “Дараи Сабз”-и ноҳияи Шаҳристон то соли 2025 тамдид карда шавад.

**Тавсифи табиӣ-географӣ.** Ҳудуди парваришгоҳи ботаникии “Дараи Сабз” (собиқ Кусавлисой) дар қисми шимолии қаторкӯҳи Туркистон ва ағбаи Шаҳристон дар баландии 2700-3000 м аз сатҳи баҳр таъсис дода шудааст. Мавқеи географии парваришгоҳи “Дараи Сабз” 3903713411 арзи шимолӣ ва 6804012611 тӯли шарқиро ташкил дода, масоҳати умумии он 18266,99 гектарро дар бар мегирад. Он дар қисмати ҷанубу ғарбии ҳудуди маъмурии ноҳияи Шаҳристон ҷойгир буда, аз шимол бо деҳаи Фирдавсӣ, аз ҷануб бо ноҳияи Айнӣ ҳамшафат, аз шарқ бо мавзеи Хуррамдараи ноҳияи Шаҳристон ва аз ғарб бо ҳудуди маъмурии вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад (расми 3.1). Нуқтаи баландтарини ҳудуди парваришгоҳ ағбаи Шаҳристон буда, 3800 м баландӣ дорад ва аз ҳама нуқтаи пасттарини парваришгоҳ дар баландии 1200 м ҷойгир аст. Қисмати

мобайнии парваришгоҳ ба ду мавзеъ: Ҷумавлисой ва Кусавлисой ҷудо шудааст, ки аз байни онҳо сойи Кусавлӣ ҷорӣ мешавад [21-М, 22-М].




**Расми 3.1. - Харитаи ҳудудии парваришгоҳи “Дараи Сабз”**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Аз масоҳати умумии парваришгоҳи “Дараи Сабз” (18266,99 га) 15253,96 га ҷангалу бешазор, 17 га замини корам, 650,2 га чарогоҳ, 128 га заминҳои зери об, 11 га роҳҳо ва пайраҳаҳои чорвогузар, 1,18 га заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва боқимонда 2205,65 гектарро заминҳои дигар ташкил медиҳанд (диаграммаи 3.1, ҷадвали 3.1) [21-М, 22-М].




**Диаграммаи 3.1. - Тавсифи категорияҳои истифодаи замин дар парваришгоҳи “Дараи Сабз”**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон*

**Ҷадвали 3.1. - Тақсимоти масоҳати умумии парваришгоҳи “Дараи Сабз” вобаста ба категорияҳои замин**

| Майдони умумӣ, га | Замини корам, га | Чарогох, га | Тақсимоти чарогох дар истифодаи мавсими тобистона, га | Алафзор, га | Ҷангалу бешазор, га | | | Заминҳои зери об, га | | | Роҳҳо ва пайроҳаҳои чорвогузар, га | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо, га | Дигар заминҳо, га | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | *ҳамагӣ* | *майдонҳои дарахтдор* | *майдонҳои бедарахт* | *ҳамагӣ* | *дарёю сойҳо* | *каналҳо, ҷӯйборҳо, заҳбурҳо* | | | *ҳамагӣ* | *шағалзамин* | *дигар заминҳои дар кишоварзӣ истифоданашуда* |
| 18266,99 | 17,0 | 650,2 | 650,2 | 667,2 | 15253,96 | 3533 | 11720,96 | 128 | 125 | 3 | 11 | 1,18 | 2205,65 | 1296,5 | 909,15 |

**Сарчашма:** *Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон, 2023*

**Гидрология.** Заминҳои зериобии парваришгоҳи “Дараи Сабз” 128 га-ро ташкил дода, аз он 125 га дарёю сойҳо ва 3 га ба каналҳо, ҷӯйборҳо, заҳбурҳо рост меоянд. Шабакаи гидрологии парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро Кусавлисой, Олтикӯлсой, Ҷавалисой, Мирзолянсой, Иртегермансой ташкил медиҳанд (расми 3.2).




**Расми 3.2. - Гидрографияи парваришгоҳ**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

**Иқлим.** Иқлими минтақа муътадили континенталии кӯҳӣ буда, баробари ба баландӣ ҳаракат кардан тадриҷан тағйир меёбад. Ҳарорати миёнаи солона 4,4⁰С буда, моҳи хунуктарин - январ ва гармтарин - июл мебошад ва аз рӯи нишондиҳандаҳои мушоҳидашуда ҳарорати рӯзона дар майдонҳои арчазори минтақаҳои миёна моҳи июл то 25 – 26⁰С мерасад. Ҳарорати миёнаи моҳона ва шабонарӯзии обу ҳаво дар моҳҳои май-сентябр, ки ба давраи ташкили сайёҳии мавсимӣ рост меояд, аз 9,3 то 10,4⁰С-ро ташкил медиҳад (диаграммаи 3.2):




**Диаграммаи 3.2. - Ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ дар моҳҳои май-сентябр**

**Сарчашма:** *маълумоти Маркази обуҳавосанҷии вилояти Суғд, шаҳри Гулистон, 2023*

Давоми моҳҳои тобистон ҳарорати ҳаво дар нишебиҳои кухӣ баробари градиентҳои амудӣ то 0,6 – 0,7⁰/100м поён меравад. Дар минтақаҳои баландкуҳ тобистон низ обу ҳаво тағйирёбанда буда, рӯзҳои гарми соф якбора ба боди боронӣ ва ҳатто боридани барф табдил меёбад. Аввалин сардиҳо аз 20-уми сентябр оғоз гардида, рӯзҳои бебориш ҳамагӣ то 95 – 96 рӯзро ташкил медиҳанд (ҷадвали 3.2).

**Ҷадвали 3.2. - Ҳарорати миёнаи моҳона ва солонаи обу ҳаво (⁰С)**

| Ҳудуди ҷойгиршавӣ | Моҳҳо | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV | V | VI | VII | VIII | IX | X | XI | XII | Солона |
| Ағбаи Шаҳристон | -11,4 | -10,3 | -5,7 | -0,5 | 4,0 | 7,5 | 10,5 | 9,9 | 5,8 | 0,3 | -3,7 | -7,9 | -0,1 |
| Парваришгоҳи «Дараи Сабз» (2300 м) | -8,0 | -6,6 | -0,5 | 4,5 | 9,3 | 13,3 | 15,8 | 15,2 | 10,4 | 4,5 | -0,4 | -4,6 | 4,3 |

**Сарчашма:** *Маркази обуҳавосанҷии вилояти Суғд, шаҳри Гулистон, 2023*

Боришоти миёнаи солона зиёда аз 300 мм буда, дар баландкӯҳҳо то 400 мм баробар мешавад. Натиҷаи таҳқиқоти А.А. Коннов (1966) мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуда, муайян гардид, новобаста аз зуҳуроти мавсими хушксолӣ дар баъзе солҳо, дар минтақаи нашъунамои арчазор мувозинати солонаи намнокӣ дар умум қимати манфиро доро аст ва баробари фаромадан ба мавзеъҳои поён тадриҷан пастравии намӣ эҳсос карда мешавад (диаграммаи 3.3).




**Диаграммаи 3.3. - Тақсимоти боришот дар пастхамии шимолии қаторкуҳи Туркистон дар давраи нашъунамо**

**Сарчашма:** *Маркази обуҳавосанҷии вилояти Суғд, шаҳри Гулистон, 2023*

**Пӯшиши хокӣ.** Дар ҳудуди парваришгоҳ намуди морфологии релефи миёнакӯҳӣ ба мушоҳида мерасад. Он дар ҳудуди баландиҳои аз 1200-1500 м то 3000 м аз сатҳи баҳр хобида, ба минтақаи хоки ҷигарранги кушод бо ҷинсҳои эолӣ мансуб аст.

**Олами наботот ва ҳайвонот.** Тибқи тақсимоти минтақаи биогеографӣ ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба ноҳияҳои биогеографии Ҳисору Дарвоз монанд аст. Баландии мутлақ дар нуқтаҳои обтақсимкуни қаторкуҳ 2700-2800 м мебошад. Растаниҳои даштӣ дар ин ҷо бартарӣ доранд ва аз мобайни кӯҳҳо бо ксерофитҳои ҷангалӣ иваз мешаванд.

Дар ин мавзеъ се намуди арча нашъунамо меёбад, аз ҷумла арчаи зарафшонӣ *(Juniperus seravschanika),* арчаи туркистонӣ *(Juniperus turkestanika),* арчаи нимкурашакл *(Juniperus semiglobosa)* бартарӣ доранд.

Бо истифода аз маълумоти омории ба даст овардаи муаллиф ва модели сифрии андозаи пикселҳояш 30м харитаи паҳншавии фазогии арчаҳоро вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр бо истифода аз барномаи QGIS сохта шудаанд. Таҳлили маълумотҳо аниқ кардааст, ки дар паҳншавии фазогии арчаҳо тақрибан 5%-ро арчаҳои туркистонӣ *(Juniperus turkestanika),* 20%-ро арчаҳои зарафшонӣ *(Juniperus seravschanika)* ва боқимонда 75%-ро арчаҳои нимкурамонанд (саурарча) *(Juniperus semiglobosa)* ташкил медиҳанд.

Арчаи зарафшонӣ *(Juniperus seravschanika)* дар пешкуҳҳои баландиашон 1600 - 2400 м аз сатҳи бахр, дар нишебиҳои ҷанубӣ бештар месабзанд (расми 3.3).




**Расми 3.3. - Харитаи паҳншавии фазогии дарахтони арчаҳои зарафшонӣ (ранги сабз)**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Арчаи туркистонӣ *(Juniperus turkestanika)* бештар дар қисми болоии минтақаи бешагӣ, сарҳади болоӣ 2300-2400 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад. Дар ин ҷо арчаҳо дар нишебиҳои гуногун, воҳаҳо ва шонаҳои обтақсимкунак нашъунамо доранд (расми 3.4).




**Расми 3.4. - Харитаи паҳншавии фазогии дарахтони арчаҳои туркистонӣ (ранги сабз)**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Арчаи нимкурашакл (саурарча) *(Juniperus semiglobosa)* дар минтақаҳои баландии мутлақ 2000 – 3000 м аз сатҳи бахр дар шароитҳои гуногуни нишебиҳои каҷу килеб (кӯндаланг), ки бештар намноку гарманд, дучор мешаванд. Баландии мутлақ 2600 – 2800 м аз сатҳи баҳр мебошад (расми 3.5) [21-М, 22-М].

Арчаҳои зарафшонӣ *(Juniperus seravschanika)* дар қисмати пасткуҳи парваришгоҳ, арчаҳои туркистонӣ дар миёнакуҳҳо ва саурарча дар баландкуҳҳо доман паҳн кардаанд.




**Расми 3.5. - Харитаи паҳншавии фазогии дарахтони арчаҳои нимкурашакл (саурарча) (ранги сабз)**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Дар қисмати шарқии куҳҳои парваришгоҳ арчаҳо зич доман паҳн кардаанд, ки ба намнокии баланди минтақа алоқаманд мебошад (расми 3.6).

Зичии арчазорҳо дар дараи Охтангӣ, сойҳои ҳамшафати парваришгоҳ, ба монанди Ревоҷлисой, Бурагенсой ва дигарҳо дар сатҳи қаноатбахши хоҷагидорӣ барқарор карда шудаанд.

Дар айни замон, ҳолати кунунии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба талаботи Кодекси ҷангали ҶТ [2] ва меъёрҳои Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" [5] ҷавобгӯ мебошад ва аз тарафи кормандони Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали "Шаҳристон"-и ноҳияи Шаҳристон корҳои назоратӣ, муҳофизатӣ ва биотехникӣ бурда мешавад. Дар тӯли соли 2022 дар парваришгоҳ бунёди ҷангал ба майдони 2 га ба иҷро расонида шуд, ки аз ин 1 га

бунёди плантатсияи буттамеваи хуч *(Rosa conina)* ва 1 га бодоми талхдона *(Prunus dulcis var. amara)* мебошад.



**Расми 3.6. - Паҳншавии дарахтони арчазори зич (қисми шарқӣ)**

**Сарчашма:** *акси муаллиф*

Дар қисмати ғарбии кухҳо бошад, вобаста ба намнокии паст ва ҳарорати баланди офтобӣ арчаҳо тоқа-тоқа паҳн шудаанд (расми 3.7).



**Расми 3.7. - Паҳншавии дарахтони арчазори сийрак (қисми ғарбӣ)**

**Сарчашма:** *акси муаллиф*

Намояндагони асосии олами набототи парваришгоҳ растаниҳои зерин: хуч *(Rosa conina),* зирк *(Berberia hetetrobotryae),* эфедра *(Ephedra equsetina),* ғеша *(Carex pachystylis),* ревоҷ *(Rheum Maximoviczii),* момогул *(Camponulaceae),* мятлик *(Poa lubrica),* пиёзи анзур *(A. Rosenbachianum),* бузулник *(Ligularia altissima),* гули қоқу *(Taraxacum glaucivirens)* ва ғайра мансубанд.

Инчунин, дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" 10-12 намуди растаниҳои шифобахш, аз ҷумла: зирк; пудинаи куҳӣ; санҷиди зард месабзанд, ки барои шамолкашӣ даво мебошанд. Масалан, бӯимодарон - барои тоза кардани ҷигар; гули бобуна - барои шамолкашӣ ва ҳар сол ба миқдори 500 кг ба муассисаҳои тиббӣ дастрас карда мешаванд; эфедра (завоса) – барои мадҳушкунӣ дар соҳаи тиб истифода мебаранд ва дар таркиби ҳамаи антибиотикҳо маводи зарурӣ маҳсуб меёбад; вешим – барои шамолкашии роҳи нафас ва дарди гулӯ; решаи тиллоӣ – барои ором кардани асаб, пурқувват кардани дилу мушакҳо ва ғайра.

Аз гунаи буттамеваҳо асосан дар мобайни сойҳо ва тарафҳои обтобрӯяи куҳҳо паҳн шудаанд. Дар парваришгоҳ аз буттамеваҳо хуч *(Rosa)* дида мешавад, ки барои паст кардани фишори хун хизмат мерасонад. Инчунин, пудинаи куҳӣ *(Trigonella)* барои муътадил намудани фишори хун фоидаовар аст ва дар парваришгоҳ васеъ паҳн шудааст.

Бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд баҳри беҳдошти парваришгоҳ, зиёд кардани хазинаи намуди арчазорҳо, зиёд кардан ва мутобиқ кунонидани дигар намуди арчаҳо дар парваришгоҳ намуди арча - коҷи кабут бо теъдоди 1500 адад ва коҷи тиёншонӣ *(Picea schrenkiana)* ба миқдори 1500 адад аз Федератсияи Русия оварда, дар ин ҷо парвариш карда шуда истодааст. Инчунин, 1000 адад тӯс *(Betula)* низ ба ин мавзеъ мутобиқ кунонида шуд. Солҳои охир тадриҷан зиёдшавии майдони арчаҳо дида мешавад. Зеро мавзеъи асосии ҷангалпӯши Тоҷикистон ҷангали Шаҳристон ба ҳисоб рафта, майдони он 23 095 гектарро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки майдони 1 га ҷангал метавонад то 200 нафар одамро бо оксиген таъмин кунад.

Олами ҳайвоноти парваришгоҳ дорои мансубият ба хусусияти бешазори кӯҳӣ аст. Дар ин мавзеъ намудҳои китобисурхӣ, чун гурбаи туркистонӣ *(Felix Lynx*

*isabellina)*, бабри барфӣ *(Uhcia uncia)* ва хирси малла *(Ursus arctos Isabellinus)* зиндагонӣ мекунанд. Инчунин, намудҳои рӯбоҳ *(Vulpes vulpes)*, барсук *(Meles meles)*, бурги сибирӣ *(Carpa sibirica)*, суғур *(Martes foina)*, хук *(Sus scrofa)* маскуншавандагони муқаррарии парваришгоҳ маҳсуб меёбанд.

Аз намояндагони орнитофауна бештар уқоби тиллоӣ *(Aguila chrys)*, кабк *(Alektoris kakelik)*, бум *(Bubo bubo)*, шӯрнӯли алпӣ *(Corvus monedul)*, акка *(Pica pica)*, ҳудҳуд *(Upupa epops)*, вагтаили сафед *(Motacilla alba)*, шоҳин *(Sylvia nisori)*, парандаи кабуд *(Myophonus caeruleus)* ва дигарон дучор мешаванд. Дар ин ҷо парандаи тити рангоранг *(Leptopoecile sophia)* низ вомехӯрад, ки ба қатори намудҳои маҳвшаванда ва нодири Китоби сурхи Тоҷикистон ворид гардидааст (ҷадвали 3.3, расми 3.8.) [61, 81, 21-М, 22-М].

**Ҷадвали 3.3. - Саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандагони парваришгоҳи “Дараи Сабз” ва тағйироти он давоми солҳои 2018-2023**

| Намуди ҳайвонот | Саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандагон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сол | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Бузи куҳии сибирӣ | 12 | 10 | 10 | 12 | 20 | 29 |
| Силовсин | 8 | 6 | 4 | 5 | 7 | 7 |
| Хирси маллаи тёншонӣ | 6 | 5 | 2 | 4 | 9 | 9 |
| Ҷайраи ҳиндӣ | 4 | 6 | 4 | 4 | 6 | 6 |
| Мурғи ҳилоли тибетӣ | 8 | 12 | 10 | 14 | | |
| Кабӯтар | 200 | 150-200 | 150 | 150-200 | 300 | 350 |
| Рӯбоҳ | 6 | 9 | 7 | 11 | 13 | 15 |
| Бургут | 4 | 6 | 2 | 2 | | |
| Гург | 9 | 14 | 12 | 11 | 18 | 23 |
| Хуки ёбоӣ | 56 | 40 | 32 | 42 | 66 | 73 |
| Заргӯш | | 60-70 | 70 | 67 | 89 | 110 |
| Бум | | | | 2 | | |
| Кабк | 300 | 250-300 | 100-150 | 80 | 153 | 184 |

**Сарчашма:** *Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон, н.Шаҳристон, 2023*

Солҳои охир баҳри беҳдошти парваришгоҳ, зиёд кардани хазинаи олами ҳайвоноти парваришгоҳ ва мутобиқ кунонидани онҳо дар парваришгоҳ 10 сар қутос

*(Bos mutus)* ва 13 сар муфлони сибирӣ *(Ovis gmelini)* оварда шуда, парвариш карда истодаанд, ки соли 2022 1 адад қутос ва 2 сар муфлони сибирӣ насл додааст.




**Расми 3.8. - Мавқеи ҷойгиршавии намояндагони олами ҳайвонот**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Яке аз шартҳои асосии рушди сайёҳӣ таъмини бехатарии сайёҳон дар тӯли хатсайрҳо маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар ҷараёни таҳқиқот ҷиҳати эҳтимолияти таъмини амнияти сайёҳон мавқеи ҷойгиршавӣ, рафтор ва хусусиятҳои биологӣ, самти ҳаракати ҳайвоноти вуҳуши парваришгоҳ ва хусусиятҳои дигар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд. Таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои омӯзиш, хусусан дар доираи самти ҳаракат ва ҷойгиршавии ҳайвоноти парваришгоҳ шаҳодат медиҳад, ки макони ҷойгиршавии олами ҳайвонот ба пешбурди СЭ дар хатсайри пешниҳодгардида манбаи хатар шуда наметавонад (расми 3.9).




**Расми 3.9. - Хатсайри СЭ ва тавсифи шароити амният аз ҳайвоноти ваҳшӣ**

Эзоҳ - Дар нақшаи хатсайр бо аломати шартӣ самти макони ҷойгиршавӣ ва ҳаракати ҳайвонот нишон дода шудааст.

Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки шиносоии бевосита бо табиат, дарку ҷараёни мухталифи тағйиротҳо, эҳсосот ва шавқу завқи ҷузъи табиат будан, иштироки бевосита дар раванди омӯзиши ҷузъҳои таркибии табиати қаблан ноошно ва амалу эҳсосоти дигар боиси мубаддал гардидани сайёҳон ба ғамхори табиат, яъне корманди мақомоти ҳифзи муҳити зист карда метавонад. Дар ин ҷараён ҳатто ташаккули мафкураи сармоягузории хусусӣ ва дастаҷамъона баҳри таъмини ҳифзи муҳити зист эҳтимолият дорад, ки метавонад сарчашмаи даромади иловагӣ бошад ва ин сармоя барои идоракунии ҷараёни муҳофизатӣ, ҳавасмандгардонии кормандон, таъмири роҳҳои дохилӣ, танзими раванди бурришҳои биотехникӣ, муомилот бо партовҳои истеъмолӣ ва ғайра харҷ гардад. Метавон бо эътимоди комил қонунияти аниқро ошкор ва баён кард, ки сайёҳ баҳри қонеъ гардонидани талаботи равониву ҷисмонии худ ба ҲТММ ниёз дорад ва ташриф, омӯзиш, сармоягузорӣ ва амалҳои дигари ӯ ҷиҳати тарғиби зебоӣ ва хусусиятҳои маҳал ба

ҲТММ манбаи даромад ва таъмини хубтари иҷрои тадбирҳои муҳофизатӣ мешавад. Андеша ва воқеиятҳои баёнгашта собит месозанд, ки дар таъмини тадбирҳои ҳифзи ҳудуди алоҳида раванди идоракунии доимӣ ва оқилона баҳри пешгирии саривақтии оқибатҳои манфӣ ва бартараф кардани онҳо шарти аввалиндараҷа мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқот барои таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла дар ҲТММ бо истифодаи меъёрҳои дараҷабандии идоракунии тавсиявии онҳо такя намуда, аниқ карда шуд, ки парваришгоҳи “Дараи Сабз” ба дараҷаи 4-ум, яъне ҳудуде, ки дар он ҳифзи давлатии намудҳои муайян ва шароитҳои табиӣ таъмин мегардад, мансуб аст. Натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ ва таъкид менамоянд, ки ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” баҳри нигоҳдории захираҳои табиӣ, аз ҷумла намудҳои муайяни набототу ҳайвонот ташкил гардида, таъмини назорати давлатӣ доимо амалӣ карда мешавад. Дар заминаи омӯзишҳо давоми давраи таҳқиқот хулосаи мушаххас ташаккул ёфт, ки ҳатто таъсис ва ташкили ҲТММ дар мавзеъҳои алоҳида хавфу хатарҳои таҳдидкунанда ба мувозинати геоэкологиро пурра бартараф карда наметавонад.

## 3.2. Хусусиятҳои геоэкологӣ, мушкилот ва имкониятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар маҳали таҳқиқот

### *3.2.1. Ҷанбаҳои геоэкологӣ, хусусиятҳо ва тағйироти антропогенӣ*

А.А.Тишков дар асари худ “Экономика сохранения биоразнообразия” (Иқтисоди нигоҳдошти гуногуншаклии биологӣ) иқтисодиёти ҳифзи гуногуннамудии биологӣ, механизми иқтисодии ба танзим даровардани ҳифзи гуногуннамудӣ, усулҳои назариявӣ ва амалии баҳодиҳии иқтисодии табиати зинда, вазифа ва нақши онро арзёбӣ намуда, принсипҳои макроиқтисодии ҳифзи гуногуннамудии биологиро пешниҳод кардааст [95]. Баробари тараққиёти саноат, шаҳрсозӣ ва рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ мавҷудияти мавзеъҳои биосенози табииашон вайрон нашуда хеле муҳим мебошад. Маҳз дар ин гуна мавзеъҳо мамнуъгоҳ, боғҳои миллӣ ва резерватҳо (захираҳои оромгоҳ)-и табиӣ ташкил карда мешаванд.

Ҳифзи олами набототу ҳайвонот яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва умдатарини имрӯз аст. Растаниву ҳайвонот унсурҳои асосии табиат буда, онро фаъолияти хоҷагидории инсон қариб пурра фаро гирифтааст, ки пурзӯртарин омили тағйироти мувозинати экологӣ гаштааст. Чандин намудҳои растанию ҳайвонот, аллакай аз рӯйи Замин нест шудаанд. Мувофиқи маълумот 75%-и ширхӯрон ва 86%-и парандагони сайёра дар натиҷаи фаъолияти нодуруст ва бераҳмонаи инсоният нобуд шудаанд.

Мувофиқи тартибот ва қоидаву меъёрҳои байналмилалии ҳифзи олами набототу ҳайвонот, ки ҳоло амал мекунад, онро бо тамоми рангорангиаш ва ҳаддалимкон пурра нигоҳ бояд дошт. Бинобар ин, дар навбати аввал ҳамон намудҳоеро бояд ҳифз кард, ки нисбат ба онҳо маълумоти аниқ мавҷуд буда, дар табиат хеле маҳдуд мондаанд ва дар шароити ҳозираи экологии тоқатнопазир нест мешаванд. Ин намудҳои нестшудаистода хоси маҳал, инчунин намудҳои нодире мебошанд, ки фақат дар ҳудуди маҳдуд дида мешаванд ва дар натиҷаи таъсири фаъолияти хоҷагидории инсон аз байн рафтанашон мумкин аст.

Ноҳияи Шаҳристон, ки парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар ҳудуди маъмурии он ҷойгир аст, бо масоҳати умумии 114,3 $км^2$ доманаи қаторкуҳи Туркистонро фаро гирифтааст. Ҳудуди мазкур аз самти шимол дар тӯли 53 км бо ноҳияи Истаравшан, аз сӯи шарқ то ҷануб бо ҳудуди ноҳияи Айнӣ дар масофаи 33 км ҳамсарҳад мебошад. Дар самти ғарбӣ ноҳия бо ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар тӯли 124 километр ҳамсарҳад аст ва дар ҳудуди ҳамсарҳадӣ бо ҷумҳурии ҳамсоя Боғи миллии “Зомин” бо масоҳати 268 400 га таъсис ёфтааст ва алҳол низ фаъолият менамояд. Масофаи роҳ аз маркази маъмурии ноҳия – шаҳраки Шаҳристон то маркази маъмурии вилояти Суғд – шаҳри Хуҷанд 100 км ва то пойтахти ҶТ – шаҳри Душанбе 208 км-ро ташкил медиҳад. Мебояд таъкид кард, ки ҳудуди маъмурии ноҳия ба минтақаи куҳӣ мансуб буда, беш аз 58,8% ҳудуд ба дараҷаи географии куҳсор тобеъ аст.

Имкониятҳои рушди мунтазам ва мутаасили устувори сайёҳӣ дар ноҳияи Шаҳристон асосан ба захираҳои табиӣ – геоэкологии дараҳои Хуррамдара ва Истиқлол алоқаманд мебошад. Солҳои қаблӣ дар ҳудуди ноҳия ба сайёҳии

наврасону кӯдакон бо бунёди 7 урдӯгоҳҳо эътибори хоса медода бошанд, алҳол ҳамаи намудҳои сайёҳӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, агар соли 2015 дар муассисаҳои истироҳатии ноҳия ҳамагӣ 1200 нафар наврасу кӯдакон бо истироҳат фаро гирифта шуда бошанд, аллакай дар соли 2022 теъдоди онҳо ба 1600 нафар расидааст ва ҷараёни мутаасили рушди ҳамасолаи сайёҳиро гувоҳӣ медиҳанд [115]. Баъзе аз муҳаққиқон (Ф.Ф. Махкамов, Умаров Х.У., Ҷ.Н. Ёров) бо мақсади таъмини бемайлони рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Шаҳристон таҳияи кластери “Шаҳристон” бо се макони фароғатӣ – “Хуррамдара”, “Бунҷикат” ва “Истиқлол” – ро мувофиқи мақсад мешуморанд, ки заминаи воқеии иқтисодӣ – иҷтимоӣ дорад. Вале, лоиҳаи мазкур бо сабаби талабот ба ҳаҷми бузурги маблағи сармоягузории яквақта алҳол мавриди амалисозӣ қарор дода нашудааст.

Мебояд зикр кард, ки иқтидори табиӣ – антропогении ноҳияи Шаҳристон, ҳамчун минтақаи рекреатсионӣ алҳол танҳо дар сатҳи тақрибан 3-4% мавриди истифода қарор гирифтааст. Эҳтимоли қавӣ мавҷуд аст, ки тавассути ташкили кластерҳои дигари сайёҳӣ дарояндаи наздик сатҳи истифодаи иқтидори мавҷудаи сайёҳии ноҳия то 8-13% баланд бардошта шавад.

Чӣ тавре маълум аст, таъсири СЭ ба муҳити ҲТММ, бахусус ба комплексҳои табиии он метавонад манфӣ низ бошад. Масалан, пеш аз ҳама ифлосшавӣ бо партовҳои сахт. Баробари воридшавии сайёҳон ба парваришгоҳ хатари зиёдшавии партовҳои сахт ба миён меояд. Аз ин рӯ, бояд дар даромадгоҳи парваришгоҳи «Дараи Сабз» бояд тахтаҳои рекломӣ, ташвиқотиву тарғиботӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, қуттиҳои махсуси партов гузошта шаванд. Дигар ин ки хатари эрозияи хок низ аз таваҷҷуҳ дур набошад. Чӣ тавре маълум аст, қисми нишебии шимолии қаторкуҳи Туркистонро санглох ташкил медиҳад. Барои ҲТММ-и хусусияти куҳӣ дошта, хатари эрозия дар сурати истифодаи рекреатсионӣ меафзояд. Масалан, дар мамнуъгоҳи Тебердини Русия ҳанӯз солҳои 70-уми асри XX масъалаи андешидани чораҳои зиддиэрозионӣ бо мақсади барқарор кардани пӯшиши нишебиҳои ба эрозия гирифторшуда гузошта шуда буд. Бинобар ҳамин, роҳҳои саёҳат боназардошти чораҳои зиддиэрозионӣ бояд тарҳрезӣ гарданд.

Тарафи дигари масъала таъсири сайёҳӣ ба экосистемаи парваришгоҳ аст.

Агар сарбории антропогениро ба экосистемаи парваришгоҳ ба инобат гирем, пас онро ба ду гуруҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Таъсири бевосита: ба хок, ки эрозия, харобшавии қабати ғизоиву гумусӣ дар натиҷаи зери по мондани он ба амал меояд; ба олами растаниҳо, ки дар натиҷаи чидани онҳо камшавии гуногуннамудӣ ба миён меояд; ба олами ҳайвонот, ки ба камшавии шумораи ҳайвоноти нодир, бинобар маҳрум гардидан аз макони наслгузорӣ оварда мерасонад.

2. Таъсири бавосита: ифлосшавии муҳити зист, бинобар сарбории антропогенӣ; парвариш ва афзоиши сунъӣ, реинтродуксияи ширхӯрон бо мақсади ба намоиш гузоштани онҳо, ки оқибат макони зисти намудҳои реликтӣ ва эндемикиро танг менамояд; тағйирёбии муҳити зисти ибтидоӣ.

Новобаста ба мушкилиҳои номбаршуда, СЭ-и Тоҷикистон дурнамои хуби рушдро касб кардааст. Вазъи экологии коҳишёфта, зиёдшавии сарбории техногенӣ водор месозад, ки бо табиат эҳтиёткорона муносибат намоем. СЭ ягона самти индустрияи рекреатсионист, ки барои дар ҳолати аслӣ нигоҳ доштани ландшафтҳои табиӣ, ки дастоварди миллӣ маҳсуб меёбанд, кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Таъсири фаъолияти сайёҳиро ба муҳити зисти ҲТММ тариқи бевосита ва бавосита дида баромадан мумкин аст. Мухтасар намудҳои вайроншавии биотаву экосистемаҳоро дар натиҷаи фаъолияти сайёҳӣ ва оқибатҳои он дида мебароем (расми 3.10).

Мувофиқ ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" ташрифи сайёҳон ба муҳити зист таъсири мухталиф дорад. Вале бештар дар ин ҳудуд мушкилии вобаста ба он, ки дар ҳудуди ноҳияи Шаҳристон ба масъалаҳои ташкил, ташаккул ва истифодаи бо инфрасохтори иҷтимоӣ алоқаманд мавҷуданд, ҳамчунин масоили муайянкунандаи робитаи он бо ҳаёти ҷамъиятии гуногун, нақши он дар фаъолият ва мавҷудияти муносибатҳои иқтисодӣ ба таври бояду шояд коркард нашудаанд, бинобар ин барои хуб ба роҳ мондани он гузаронидани таҳқиқоти махсус зарур мебошанд.




**Расми 3.10. - Намудҳои таъсироти соҳаи сайёҳӣ ба муҳити табиии ҲТММ**

Ҷамъият қудрати боздоштани инқилоби илму техникаро надорад. Бинобар ин, ба ҳар як фарди ҷомеа лозим аст, ки зиндагиашро мувофиқи қонунҳои табиат ба роҳ монад. Асри XXI ҳамчун асри иттилоотӣ ва экология муаррифӣ гардидааст.

Ҳифзи растаниҳои нодир ва камёфт бешубҳа вазифаи умумихалқист. Бинобар ин, масъала ва вазифаи ҳифзи олами набототро тавассути воситаҳои ахбори омма (муассисаҳои тарғиботи оммавӣ – нашрияҳои маҳаллӣ ва садову симо) ба амал баровардан зарур аст. Аз нуқтаи назари илмӣ вазъи экологӣ ин сифати муҳити атроф мебошад, ки ҳолати он сатҳи саломатии аҳолиро ба андозае муайян мекунад. Солҳои охир тамоюли равшани афзоиши таъсири шароити номусоиди экологӣ ба саломатии аҳолӣ ва вазъи демографии минтақа мушоҳида мешавад.

Хусусиятҳои умумии таъсири антропогении таҳқиқшуда муҳити геоэкологиро дар минтақаи таҳқиқот тағйир медиҳанд ва инчунин ба зуҳуроти эҳтимолии хавфҳои геоэкологӣ таҳдид мекунанд.

Ҳамаи зуҳуроти замонавӣ ба ташаккулёбии водиҳои доманакуҳ, депрессияҳои байнишаҳрӣ ва нишебиҳои куҳ мансубанд, ки иттиҳодияи табиии ҷинсҳои пайдоиши гуногун мебошанд, ки дар минтақаҳои муайяни ландшафтӣ-географӣ дар иртиботи зич бо ҳаракатҳои геотектоникӣ, иқлим ва пирях ба вуҷуд омадаанд.

### *3.2.2. Мушкилоти рушди сайёҳии экологӣ, имкониятҳо ва роҳҳои ҳаллу фасл*

Таърихи ташаккул ва рушди СЭ ба мавзеъҳои дорои хусусияти рекреатсионӣ дар заминаи ҷаззобият, мавҷудияти меъёрҳои истифодаи захираҳои муҳити табиӣ ба тадбирҳои доир ба ҳифз алоқаманд буда, амалӣ шуда истодааст. Аввалин боғҳои миллӣ дар қаламрави Амрикои Шимолӣ ҳарӯз соли 1872 таъсис ёфта, танҳо дар соли 1990 ба СЭ тавзеҳи расмӣ дода шуд. Дар ин замина, ҳамасола симпозиумҳои байналхалқии “Annuol World Congreess on Adventure & Ecotourism” ташкил ва гузаронида мешаванд. Тибқи баҳогузориҳои ТУС ҳиссаи СЭ дар индустрияи сайёҳии ҷаҳон тақрибан 2-4%-ро ташкил мекунад. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа, ҳамасола эҳтиёҷоти СЭ, яъне истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии вобаста ба СЭ дар миқёси ҷаҳон ба 55 млрд. доллари амрикоӣ баробар мебошад ва афзоиши СЭ дар як сол то ба 30% мерасад. Дар кишварҳое, ки

дорои табиати нотакрор мебошанду барои бунёди боғҳои миллӣ имконияти васеъ доранд, СЭ дар зинаи аввал меистад. Масалан, кишвари Коста-Рика беш аз 30%-и қаламрави худро минтақаи сайёҳӣ эълон кардааст. Дар ин кишвар соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои даромаднок ба ҳисоб рафта, ҳаҷми маблағи умумии соҳа дар як сол ба 650 млн. доллари амрикоӣ мерасад. Дар Туркиё низ соҳаи мазкур дар пешбурди иқтисодиёт нақши муҳим мебозад ва наздик ба 35%-и буҷаи кишвар аз даромади сайёҳӣ аст. Дар Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ СЭ баъди истеҳсоли алмос ва дар Аляска баъди истихроҷи нафт ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Даромади ҳарсолаи Кения аз истифодабарии боғҳои миллӣ тақрибан 450 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

СЭ имконияти ҷалби сармоягузориро баҳри рушди ҲТММ доро буда, дар баъзе мавридҳо, ҳатто барои воридшавии маблағҳои хориҷӣ ба мамлакат саҳм гузошта метавонад (диаграммаи 3.4).




**Диаграммаи 3.4. - Миқдори сайёҳон ва ҳаҷми даромад аз сайёҳӣ дар давлатҳои ҷаҳон [129]**

Мутобиқи маълумоти оморӣ ТУС муайян мегардад, ки соли 2018 дар ҷаҳон ҳамагӣ 1,4 млрд. сафарҳои сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 6% афзудааст. Нишондиҳандаҳои воқеии омор дар пешгӯиҳои ин ташкилот хеле пеш рафтааст, зеро мувофиқи пешгӯиҳо соли 2020 бояд сафарҳои сайёҳӣ ба 1,4 млрд. баробар мегардид. Вале, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла пандемияи Covid-19 сатҳи сайёҳӣ баробар ба ин нишондиҳанда таъмин нагардид.

Ошкор карда шудааст, ки афзоиш дар соҳаи сайёҳӣ аз нишондиҳандаи миёнаи афзоиши иқтисодиёти ҷаҳонӣ зиёдтар буда, ба 3,7% баробар мебошад. Мавзеъҳои асосии афзоиши сайёҳӣ ба Шарқи Наздик (+10%), Африқо (+7%), минтақаҳои Осиёву Уқёнуси Ором ва Аврупо (+6%) рост меоянд. Миқдори зиёди сафарҳои сайёҳӣ ба қитъаи Аврупо, яъне 713 млн.-ро дар соли 2018 ташкил кард, ки ба андозаи 6% нисбати соли 2017 зиёдтар аст. Материкҳои Амрикои Ҷанубӣ ва Шимолӣ бошад дар соли 2018 беш аз 217 млн. адад сафарҳои байналмилалии сайёҳиро қабул намудаанд. Сатҳи афзоиши равандҳои сайёҳиро дар Амрикои Шимолӣ (+4%) ва Амрикои Ҷанубӣ (+3%) баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Дар минтақаи Осиёву Уқёнуси Ором бошад (+6%), 343 млн. воридшавии сайёҳонро соли 2018 ба қайд гирифтаанд. Шумораи сафаркардагон ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар ҳамин сол ба андозаи 7% афзудааст. Маълумотҳои аз қитъаи Африқо гирифташуда афзудани сайёҳонро ба андозаи 7% нишон медиҳад, ки 67 млн. нафар дар соли 2018-ро ташкил медиҳад. Дар минтақаи Шарқи Наздик бошад, миқдори сафари сайёҳон ба 10% афзуда, воридшавии сайёҳонро ба миқдори 64 млн. ба қайд гирифтанд. Мувофиқи маълумотҳо соли 2019 сайёҳии байналмилалӣ ба ҳаҷми 3-4% афзуда, дар Русия ва Ҳиндустон имкониятҳо дар ин самт боз ҳам фароҳамтар муҳайё шуданд. Ҳамзамон, дар талаботи сайёҳон трендҳои нав вусъат хоҳанд гирифт. Сухан дар бораи тамоюлҳои нав, мисли “Саёҳат барои тағйир додани худ ва намоиш додан ба дӯстон”, “Кӯшиш барои тарзи ҳаёти солим (роҳпаймоӣ, СЭ, варзишӣ)” ва “Саёҳати оилавии якчанд наслҳо” меравад [129].

Маълумотҳои оморӣ, илмӣ ва ҳоказо шаҳодат медиҳанд, ки солҳои охир таваҷҷуҳи аҳолии сайёра ба СЭ дучанд афзудааст. Дар ҲТММ, бахусус боғҳои миллӣ, парваришгоҳу мамнуъгоҳҳо СЭ метавонад босуръат рушд ёбад.

Ташхису таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаи таҳқиқоти гузаронида аниқу дақиқ менамоянд, ки фаҳмиши калидӣ ё меҳварии СЭ дар ҲТММ таносуби оптималии байни ҷараёнҳои идоранамоӣ ва рушди СЭ мебошад. Зеро, ҳангоми бартарияти паҳлӯи аввали таносуб рушди СЭ коҳиш меёбад. Вале, афзалияти паҳлӯи дуюми таносуб ба тағйироти куллӣ дар экосистемаи маҳал мусоидат мекунад. Инчунин, давоми омӯзишҳо ошкор карда шуд, ки дар ҳудуди ҶТ миқдори муайяни мақоми

ҲТММ дошта арзи вуҷуд доранд, ки дар умум беш аз 22% масоҳати умумии кишварро фаро гирифтаанд. Дар маҷмуъ, онҳо захираи калони рушди СЭ – табиати бою гуногунранг, бартарии объектҳои ҷолиби табиӣ, диққатҷалбкунанда будани онҳо ва монанди ин махсуб мешавад. Локин, тайи солҳои зиёд ба мо одат шудааст, ки ин гуна мавзеъҳоро ҷиддан муҳофизат кунем ва ба сифати объекти СЭ мавриди истифода қарор намедодем. Зеро, чунин меҳисобидем, ки рушди СЭ ба захираҳои рекреатсионӣ ва муҳити экологии мамнуъгоҳҳо таъсири манфӣ мерасонад. Чунин ақида асоси воқеӣ дошт, аз ин рӯ, СЭ дар Тоҷикистон рушд намекард. Дар Тоҷикистон СЭ танҳо солҳои охир рӯ ба рушд ниҳодааст. СЭ чист? Чӣ гуна СЭ-ро дар ҲТММ ташкил кард ва тараққӣ дод? Ин ва дигар суолҳо ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд, бинобар ҳамин ба масъалаи таҳқиқшаванда бо як таваҷҷуҳи махсус муносибат бояд кард.

Омӯзиш ва таҳлили маълумотҳои мавҷуда оид ба ҷараёни рушд, самаранокии иқтисодии сайёҳӣ ва захираҳои рекреатсионии мамлакат имконият медиҳад, ки афзоиши шумораи сайёҳон, аз ҷумла сайёҳони хориҷӣ мушоҳида гардад. Зеро, агар дар давраҳои солҳои 1991 то 1995 ба Тоҷикистон қариб, ки сайёҳон ташриф намеоварданд, аммо баъди ташкил шудани ширкатҳои сайёҳии миллӣ ва имтиёзҳои андозиву гумрукӣ дар ҷумҳурӣ ташрифи сайёҳон дар се соли охир мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Маълумотҳо собит месозанд, ки танҳо тӯли солҳои 2021-2023 теъдоди ташрифи сайёҳон ду маротиба зиёд гардидааст (диаграммаи 3.5):




**Диаграммаи 3.5. - Афзоиши шумораи сайёҳон ба Тоҷикистон дар давраҳои солҳои 1996 -2023 [12, 14-М, 15-М]**

Мувофиқи нишондоди соли 2019 мавзеъҳои асосии сайёҳӣ: Чилучорчашма - 150 000 нафар, Қалъаи Хуҷанд - 64 000 нафар, Қалъаи Ҳисор - 40 000 нафар, Саразм - 34 000 нафар, Қалъаи Муғ - 16 000 нафар, Сафеддара - 9 200 нафар мебошанд [18-М]. Теъдоди асосии сайёҳон, асосан аз мамолики сайёҳии Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Русия ва кишварҳои ИДМ, Хитой, Австралия, Зеландияи Нав, Ҳиндустон, Эрон ва Ҷопон ташриф меоранд [17-М].

Соли 2023 дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолияти 224 ширкати сайёҳӣ дар асоси иҷозатномаи фаъолияти сайёҳӣ (ВМКБ-41, Суғд-45, Хатлон-17, НТҶ-15, Душанбе-106) [132]. Дар вилояти Суғд шумораи ширкатҳо дар соли 2023 ба 45 адад расидааст, ки дар диаграммаи 3.6 мавриди инъикос ва таҳлил қарор гирифтааст.




**Диаграммаи 3.6. - Диаграммаи афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳии вилояти Суғд давоми солҳои 2014-2023 [132]**

Инкишоф ёфтани соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистонро чунин пешравиҳо исбот менамоянд:

– пазируфтани ҶТ ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии сайёҳӣ (WTCF) дар таърихи 7-9.09.2018;

– соддаю осон гардидани чараёни барасмиятдарории раводид барои шаҳрвандони 112 адад давлатҳои минтақаҳои мухталифи сайёра (E-Visa);

– тамдид кардани мухлати бақайдгирӣ барои шахрвандони давлатҳои ИДМ аз 3 рӯз то 10 рӯз;

– бунёд ва мавриди истифодаи доимӣ қарор гирифтани 4 адад меҳмонхонаҳои дорои бренди бонуфузи ҷаҳонӣ, аз қабили Serena, Hilton Hotels & Resorts, Hyatt Regency, GuesthouselN ва ҳоказо;

– таҳияи портал ё сомонаи миллии сайёҳии ҶТ бо забонҳои англисӣ, русӣ, тоҷикӣ дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ва тадриҷан пурра, илова, таҳрир, тағйир ва нав кардани маълумотҳои ҷойдодашуда;

– муаррифии иқтидор ва имкониятҳои ҶТ ба 158 давлатҳои узви комилҳуқуқи ТУС ва беш аз 509 адад ассотсиатсияву созмонҳо ва ширкатҳои байналмилалии сайёҳӣ;

– беҳтар ва зиёд шудани инфрасохтори сайёҳии кишвар тавассути ташкили субъектҳои хизматрасонии сатҳи баланди сайёҳӣ, ки динамикаи афзоиши теъдоди онҳоро дар маълумотҳои диаграммаи 3.7 дар мисоли ҳудуди вилояти Суғд давоми солҳои 2018-2022 мушоҳида кардан имконпазир аст [17-М, 18-М]:







**Диаграммаи 3.7. - Афзоиши субъектҳои хизматрасонии сайёҳии вилояти Суғд дар солҳои 2018-2023**

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҶТ тамоюли мусбати мутаасил пайдо кардааст, ки исботи ҳамаҷонибаи онро далелу бурҳонҳои дар зер инъикосёфта тасдиқ мекунанд:

– эътироф гардидани BBC Тоҷикистон дар соли 2012 мутобиқ ба инъикос дар маҷаллаи Top 10 travel destinations ва ба рӯйхати 10 ҷойи беҳтарин барои саёҳат ворид кардани Тоҷикистон [18-М];

– аз ҷониби маҷаллаи Top 10 beautiful mountainous roads, National Geographic, Rus ба 10-гонаи беҳтарин пайраҳаҳои куҳӣ ворид гардидани шоҳроҳи Помир (соли 2016) [18-М];

– номбар гардидани 3 минтақаи Тоҷикистон ва Помир дар маҷаллаи Top 100 Destinations, ҳамчун макони дилкаш барои рафтуо (соли 2016) [18-М];

– дохил гардонидани ҶТ ба ҳаштгонаи давлатҳои пешниҳодшуда барои саёҳат аз ҷониби маҷаллаи кории байналхалқии Financial Times (соли 2018);

– ворид сохтани ҶТ аз ҷониби Агентии таҳлилии “ТурСтат” ба рӯйхати 50 давлати машҳур барои сайёҳони Русия (ТОП-50) (соли 2018);

– шомил гардонидани Тоҷикистон ба даҳгонаи аввали кишварҳо миёни 80 давлати беҳтарини ҷаҳон (ҷойи 7-ум) дар раддабандии Ташкилоти байналмилалии «British Backpaker Society» аз рӯи имкониятҳои саёҳатӣ ва пиёдагардӣ [10-М];

– ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф кардани пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе;

– дар ҷойи 4-ум қарор гирифтани ҶТ дар рӯйхати 5 давлати пешсафи ҷаҳон аз лиҳози низоми содаи гирифтани раводиди навъи сайёҳӣ;

– маҷаллаи Top 10 destination, Global Spots Тоҷикистонро ба 10 ҷойи беҳтарин барои рафтуо ба тамошо пазируфтааст [18-М];

– соли 2023 соҳиби ҷоизаи “Мамлакати ҷолибтарини Осиё барои саёҳати куҳнавардӣ” дар шаҳри Куала Лумпури давлати Малайзия гардидани ҶТ;

– аз лиҳози амнияту субот ва эътимоду боварии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар байни 142 давлати ҷаҳон аз раддабандии солонаи ҳуқуқ ва тартиботи Пажӯҳишгоҳи амрикоии “Gallup” дар ҷойи якум қарор гирифтани кишвар (соли 2023);

– ба қатори панҷгонаи беҳтарини ташрифи сайёҳон ворид гардидани давлатҳои ҷаҳон, яъне Ӯзбекистон - 15%, Русия - 92,8%, Қазоқистон - 31,8%, Хитой - 490% ё 4,9 маротиба ва Туркиё - 61,2% аз ҷиҳати ташрифи умумии сайёҳон ба давлати мо, ки аз 121 кишвари ҷаҳон ба қайд гирифта шудааст (соли 2023).

Омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ ва сатҳи мавҷудаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар солҳои охир нишон медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар ҶТ тадриҷан рушд ёфта истодааст ва

алҳол ба ҷараёни устувор мубаддал шудааст. Вале, ҷиҳати мавқеи СЭ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҷанбаҳои он то ҳол дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, зарурати арзёбии таъсири сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ ба муҳити табиӣ, иқтисодиёти минтақа ва истифодаи рекреатсионии ҲТММ ба миён меояд. Натиҷаи таҳқиқотҳо исбот менамоянд, ки маҳз, тавассути рушди СЭ дар ҲТММ рушди иқтисодӣ ва экологии захираҳои рекреатсионӣ бидуни осеб расонидан ба табиати минтақа имконпазир буда, ҳифзи захираҳои ҷангал, манзараҳои куҳӣ, манбаҳои обӣ ва ҷузъҳои дигари таркибии экосистема таъмин карда мешаванд. Дар заминаи натиҷаҳои ба даст омада ва бо назардошти арзёбии вазъи кунунии соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ барои паст ё бартараф кардани оқибатҳои манфии таъсири антропогенез ба гуногуннамудии биологӣ мебояд маҷмӯи тадбирҳои мушаххас амалӣ карда шаванд. Муаллиф бо истифодаи усулҳои мухталифи илмӣ зарур мешуморад, ки хулосаҳои зерин ба сифати фарзияҳои кории таҳқиқот баён карда шаванд.

### 3.3. Ҷараёнҳои геодинамикӣ, таъсироти антропогенӣ ва тағйироти захираҳои геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз"

Дар ҷараёни таҳқиқот хусусияти хосаи геоэкологии парваришгоҳи «Дараи Сабз» ошкор ва таҳқиқ гардидаанд, ки дар масоҳати 350-400 га зуҳуроти раванди биогеохимиявии ташаккули биосенози махсус – пӯшиши хокию алафӣ дар намуди теппачаҳои шаклашон гуногун бо баландии 0,4-0,7 м бо сатҳи баланди обҳои зеризаминиро таъкид менамоянд. Ҳолати мазкур дар минтақаи кӯҳсор, дар баландии 1450-2200 ба мушоҳида мерасад, ки дар кӯҳпораи нишебиаш 28-400 ва экспозитсияи ҷанубу шарқӣ ташаккул ёфтааст (расми 3.11).

Тавсифи морфологии хусусиятҳои геоэкологии объекти таҳқиқотӣ, ки дар расми 3.12 инъикос ёфтааст, ба мавҷудияти ҷараёни фаъол ё интенсивии геодинамикӣ ишора менамояд. Зеро, мавҷудияти пӯшиши хокии нисбатан ноҳамвори сералаф дар масоҳати тақрибан 70-120 гектар дар қисмати поёнии минтақа, пеш аз заҳидани намӣ дар шакли ҷӯйбор ва дарёча аниқ карда шудааст.

Ҳолати мазкур қисман, аз сабаби ҷамъшавии обҳои зерихокӣ ё грунтӣ мавҷудияти ҷинсҳои иллювиалӣ низ ба амал омадааст.



**Расми 3.11. - Зуҳуроти хусусиятҳои геоэкологии қисмати мобайнии парваришгоҳи “Дараи Сабз”**

**Сарчашма:** *акси муаллиф*

Омӯзиши хусусиятҳои геоэкологии маҳал дар периметри минтақаи зикргардида исбот менамояд, ки болотар аз пӯшиши хокии сералаф бо тӯдачаҳои гуногуншакл қабатҳои фурӯрафтаи намуди пластинаҳои қабат-қабат бо ғафсии 14-22 см мавҷуданд, ки ба ҳаракати тектоникии минтақа алоқаманд буда, дар баъзе нуқтаҳо эҳтимолияти оғози ҷарипайдошавӣ ба мушоҳида мерасад. Дар тамоми масоҳати минтақа, аз нуқтаи баландтарин то нуқтаи ҷоришавии сойча пӯшиши хокии тавоноиаш 6-13 см (дар мавзеи тӯдачаҳо то 35-60 см) дар болои ҷинсҳои делювиалӣ, пролювиалӣ ва аллювиалӣ хобидааст. Қисман, аз сабаби ҷамъшавии обҳои зерихокӣ ё грунтӣ мавҷудияти ҷинсҳои иллювиалӣ низ ба назар мерасад. Мебояд қайд кард, ки дар ин қисмати мавзеъ пӯшиши набототӣ нисбатан сермаҳсул ва зич бошанд ҳам, дар қисмати дарахтони арча сийрак будани зичии ҷангалзор дар қисмати болоии нишебии кӯҳ ва торафт зиёд шудани шумораи дарахтон ҳангоми ба поён майл кардани нишебӣ зоҳир мегардад. Дар қабати байни дарахтони арчазор дар самти аз болои нишебӣ ба поён заррачаҳои гуногунандозаи ҷинсҳои

хокпайдокун ҷамъ гаштаанд, ки ба раванди шикасташавӣ ва ҳаракати табиии шикастапораҳои ҷинсҳои геологӣ дар нишебӣ тааллуқ дорад. Эҳтимол меравад, ки дар алоқамандӣ бо релефи маҳал давоми солҳои тӯлонӣ ба хелҳо ҷудошавии зарраҳои андозаашон гуногун ба амал омада, тадриҷан омилҳои табиӣ ба пайдошавии заррачаҳои ҳосилхези хок тавассути шамол, намӣ, пӯшиши набофот, олами ҳайвонот, ҳарорат ва ҳоказо дар болои ҷинсҳои геологӣ мусоидат кардааст.



**Расми 3.12. - Ҷараёнҳои геодинамикӣ ва тағйирёбии муҳити геоэкологӣ дар қисмати даромадгоҳ**

**Сарчашма:** *акси муаллиф*

Натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқотӣ тавассути мушоҳидаҳои саҳроӣ, ченкуниҳо, омӯзиши хусусиятҳои морфологӣ, геоэкологӣ ва педосферӣ имконият медиҳанд, ки арзёбии сабабҳои бавуҷудоӣ ва ташаккули хосиятҳои ҷудогонаи мавзеи мазкури объекти таҳқиқотӣ эҳтимолиятҳои муайянро дар бар гирифтаанд, ки дар доираи назарияҳои илмии мавҷудаи соҳавӣ мебошад. Масалан, эҳтимол меравад, ки давоми даврахои геологӣ зери таъсири намии боришоти табиӣ, ҳарорат ва равшанӣ, фаъолияти организмҳои соддатарин ва мураккаб тадриҷан кӯчиши зарра ва шикастапораҳо аз қисмати болои нишебӣ ба поён ба амал омадааст. Ҳаракати пайвастагиҳои тағйирёбандаи химиявӣ ба ғуншавии заррачаҳои маҳин дар қисмати

ҳамвории мавзеъ ва пайдоиши қабати зичи ҷинсҳои геологӣ, душворшавии заҳидани намӣ мусоидат карда, ғуншавии намӣ ва болоравии сатҳи оби зеризаминӣ бо пайдошавии шароити марғзории ҷараёни геоэкологӣ зоҳир гардидааст. Дар натиҷаи ин равандҳо пӯшиши набототӣ бо нашъунамои сермаҳсули биомасса дар болои шикастапораҳои ҷинсҳои геологӣ – делювий, пролювий ва аллювий васеъ паҳн гардида, тадриҷан сатҳи болоии ҷинсҳои геологиро пӯшонидааст. Идома ёфтани раванди зикргардида давоми солҳои тӯлонӣ дар қисмати ҳамвори мавзеъ боиси ташаккули пӯшиши хокии сералафи мансуб ба шароити марғзорӣ дар шакли тӯдачаҳои гуногунандоза мусоидат кардааст, ки сатҳи баланди обҳои грунтӣ ва мушкилоти заҳидани об дар қабати хокӣ ва ҷинсҳои модарӣ ба мавҷудияти раванди ҳосилшавии монеаҳои геохимиявӣ ишора менамояд.

Давоми таҳқиқот аниқ карда шуд, ки сабаби дигари пайдо шудани тӯдачаҳо ва мавзеи фарогири тӯдачаҳо бо сабаби фаъолияти ғизогирии ҳайвоноти ваҳшӣ, аз ҷумла хуки ваҳшӣ зоҳир ёфтааст. Хуки ваҳшӣ одатан барои ғизогирӣ соатҳои 23-24-и шаб ба мавзеи сералафи сатҳи оби зеризаминиаш наздик омада, бо фук ва пойҳои пешаш рӯйи заминро вайрон мекунад ва решаи сероби алафро истеъмол менамояд. Баъдан дар натиҷаи равандҳои денудатсионӣ ва дигар равандҳои табиӣ нашъунамои пӯшиши набототӣ авҷ мегирад ва давоми 3-8 сол тӯдачаҳо ба миён меоянд.

Пайдоиш (генезис)-и типи тавсифшудаи релйеф бо пастшавии равандҳои нишебии хусусияташон аллювиалӣ бо пӯшиши хокӣ ва растанӣ шарҳ дода шудааст. Инчунин, таъсири олами ҳайвонот (масалан, хукҳои ваҳшӣ, микроорганизмҳо, бактерияҳо ва ғайра) барои ғизогирии пайваста ба нашъунамои қисми решагии растаниҳо ва тағйироти муҳити геоэкологии маҳал мусоидат кардаанд.

## Хулосаи боби сеюм

Натиҷаи арзёбии захираҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва дигари табиии парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар заминаи маълумотҳои оморӣ, адабиётӣ, илмӣ ва таҳқиқоти тӯлонии муаллифи диссертатсия ҷиҳати имкониятҳои ташкилии рушди СЭ баёни хулосаю андешаҳои мушаххаси зеринро имконпазир гардониданд:

1. Захираҳои табиии объекти таҳқиқотӣ хеле гуногунҷанба буда, бо хусусиятҳои афзалиятноки имкониятҳои рекреатсионӣ, гуногуннамудии олами набототу ҳайвонот ва ҳоказо дар Тоҷикистони Шимолӣ мавзеи нодир ва нотакрор маҳсуб меёбанд.

2. Хусусиятҳои геоэкологии ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" мутобиқ ба релеф ва шароитҳои геологӣ, иқлимӣ, хокӣ ва ғайраи маҳал ташаккул ёфтаанд, ки аз таъсири пасти антропогенез ва захираҳои дастнорасидаи табиӣ, аз ҷумла рекреатсионӣ дарак медиҳанд. Дар мавҷудияти вазъи мазкур ташкили саривақтии СЭ дар ҲТММ, аз ҷумла парваришгоҳи "Дараи Сабз" мавқеи муҳими ҳалкунандаро мебозад.

3. Дар объекти таҳқиқотӣ тағйирёбии захираҳои геоэкологӣ зери таъсироти тағйиротҳои равандҳои геодинамикӣ ошкор карда шудааст. Бо сабаби таъсироти табиӣ-антропогенӣ дар намуди ҷараёни селҳои мавсимӣ, фурӯғалтии лаби соҳилҳо, бунёди шабакаи техникии танзими ҷараёни оби сой ва ғайра ба ҷараёни табиии рушди босуръати набот дар назди соҳили Кусавлисой ба амал омада, боиси фаъолгардии бенизоми хуки ваҳшӣ дар дарёфти ғизо, тағйирёбии релеф, тезшавии суръати ба хелҳо ҷудошавӣ ва ҳаракати шикастпораҳои ҷинсҳои кӯҳӣ шудааст.

4. Фаъолияти на он қадар назарраси антропогенӣ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба тағйирёбии намуд, таркиб ва сохтори фатсияҳо оварда расонидааст, ки мебояд мавриди таҳқиқоти хосаи мутахассисони соҳавӣ қарор гирад.

5. Ташкили СЭ ва рушди минбаъдаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо назардошти иқтидори баланди захираҳои табиӣ-геоэкологӣ ва риояи мувозинати экологӣ боиси истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои табиӣ мешавад.

6. Ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки рушди устувори иқтисодӣ ва экологӣ бо истифодаи захираҳои рекреатсионӣ, имконпазирии рушди СЭ дар ҲТММ бидуни осеб расонидан ба муҳити табиӣ минтақаро таъмин намуда, ҳифзи захираҳои ҷангал, манзараҳои кӯҳӣ, манбаҳои обӣ ва ҷузъҳои дигари таркибии экосистемаро дар доираи Ҳадафҳои Ҳазорсолаи Рушд кафолат медиҳад.

# БОБИ 4. ИМКОНИЯТҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА

## 4.1. Асноди меъёрӣ - ҳуқуқии танзими соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ

Дар ҳудуди ҶТ танзими соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, ҳамчун ҷузъи пайвастаи сиёсати экологии ҶТ маҳсуб ёфта, бо санадҳои ҳуқуқии давлатӣ ва соҳавӣ, қонунҳои махсуси давлатӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” [5] барои муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва муқаррар кардани вазифаҳо, низоми фаъолият ва минтақабандии чунин ҳудудҳо равона карда шудаанд. Инчунин, ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” [7] низ ҳамчун асноди танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи сайёҳӣ қабул гардида, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии рушд ва ташаккули соҳаи сайёҳиро муайян менамояд. Тибқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии зикрёфта дар ҶТ ба сифати истилоҳи *“ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда”* - қитъаҳои замин, об ва фазои ҳавои онҳоро иҳотакардае, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳамияти махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар шудааст, фаҳмида мешавад. Дар санади ҳуқуқии мазкур меъёри махсуси *“ҳифзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда”* - фаъолияте, ки барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии комплексҳо ва объектҳои пурарзиши табиӣ, пешгирии ифлосшавӣ, таназзул, вайроншавӣ, харобшавӣ, барҳамхӯрӣ ва таъсири дигари манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ба онҳо, таъмини риояи қоидаҳои ҳифз ва истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда муқаррар гардидааст, ки барои татбиқи амалии қонунҳои зикрёфта мусоидат менамояд.

Мебояд қайд кард, ки бо сабаби дар давраҳои гуногуни таърихӣ қабул гардидани санадҳои ҳуқуқии зикрёфта ва аз ҷониби гуруҳҳои гуногуни мутахассисон таҳия гардидани онҳо дар ин ҳуҷҷатҳои давлатӣ баъзе норасоиҳо, аз қабили маънидоди носаҳеҳ ё худ думаъногӣ, мувофиқат накардани меъёрҳои татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ ва ғайра ба чашм мерасад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ" мафҳуми *"сайёҳӣ"* - саёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истиснои ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад, маънидод гардидааст [7, с.1]. Дар тақвияти он қонунгузории ҷорӣ истилоҳи "сайёҳ"-ро, ҳамчун шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз ҷойи истиқомати доимӣ ба макони дигари будубоши муваққатӣ бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш ва мақсадҳои дигари вобаста ба саёҳат сафар мекунанд, маънидод намуда, истилоҳи "саёҳат"-ро, чун рафтуомади одамон дар байни маконҳои ҷуғрофӣ ҳисобидааст.

Мутобиқ ба меъёрҳои моддаи 30-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" парваришгоҳи "Дараи Сабз" ба намуди парваришгоҳҳои табиии давлатии ботаникӣ мансуб аст, ки "барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии намудҳои пурарзиш, нодир ва зери таҳдиди нобудшавӣ қарордоштаи олами наботот" [5, с.9] таъсис дода шудааст.

Дар ҲТММ тибқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани маҷмӯи муайян ва маҳдуди чорабиниҳои табиӣ-рекреатсионӣ иҷозат дода шудааст. Масалан, банди якуми моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" муқаррар намудааст: "Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба истиснои минтақаҳое, ки низоми қатъии муҳофизатӣ доранд, дастраси умум буда, аз ҷониби шаҳрвандон ба мақсадҳои рекреатсионӣ, солимгардонӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии экологӣ истифода мегарданд" [5, с.5]. Бинобар ин, маънидоди мазкур ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

мувофиқ омада, ҳамчунин имконияти ташкил ва рушди СЭ махсус қайд карда мешавад. Аммо, мебояд зикр кард, ки ташкили СЭ дар ҲТММ, аз ҷумла дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” риояи ҳатмии маҷмуи муайяни талаботи қонунгузории ҷории ҶТ-ро талаб мекунад.

Дар навбати аввал, бояд ба назар гирифт, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунанда мафҳуми *“сайёҳии экологӣ”*-ро амиқ муқаррар менамояд. Зеро, дар моддаи якуми қонуни болозикр муқаррар гардидааст, ки: “сайёҳии экологӣ - намуди сайёҳие, ки дар муҳити табиат сурат гирифта, мақсади он тамошои манзараҳои табиӣ, дастгирии ҳифзи муҳити зист ва халалдор насохтани ягонагии системаҳои экологӣ мебошад”[5, с.1].

Аллакай қайд карда шуд, ки ташкили СЭ дар ҲТММ риояи ҳатмии якчанд талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва меъёрии соҳавиро металабад. Масалан, дар банди сеюми қонуни мавсуф қайд шудааст, ки “сайёҳии экологӣ дар вақти муқарраргардида ва аз рӯи хатсайрҳои пешакӣ муқарраргардида, тибқи қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муайян кардааст, анҷом дода мешавад” [5, с.5]. Дар ин ҷо ибораҳои “вақти муқарраргардида”, “хатсайрҳои пешакӣ муқарраргардида” ва “қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” ба ташкили СЭ талаботи махсуси меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян ва пешниҳод мекунанд.

Ҳамзамон, дар банди чоруми қонуни болозикр қайд шудааст, ки “Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули сайёҳии экологӣ бояд бо мақомот ё ташкилотҳое, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар ихтиёрашон аст, оид ба таъмини риояи низоми онҳо ва қоидаҳои сайёҳии экологӣ шартнома банданд, хатсайр ва дигар шартҳоро мувофиқа созанд” [5, с.6]. Бояд зикр кард, ки мутаассифона, одатан субъектҳои СЭ, яъне “шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули сайёҳии экологӣ” ин талаботи қонунгузории амалкунандаро сарфи назар мекунанд ва ё аз он дар сатҳи зарурӣ огоҳ нестанд. Бо назардошти воқеъияти мазкур зарур шуморида мешавад, ки Шартномаи намунавии байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули СЭ бо маъмурият ё ихтиёрдории ҲТММ таҳия гардонида, хатсайри СЭ-ро низ мураттаб карда шавад.

Дар баробари ин, вобаста ба сатҳи зарурии маърифати ҳуқуқӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули СЭ мебояд меъёрҳои мавҷудаи қонунгузории ҷории ҶТ-ро хуб донанд ва сайёҳони экологиро низ пешакӣ огоҳ намоянд, ки тибқи банди панҷуми Қонуни зикршуда "Воридшавӣ ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бо мақсади сайёҳии экологӣ метавонад музднок бошад" [5, с.6]. Дар радифи нуктаи зикршуда банди сеюми моддаи 44-и Қонун муқаррар кардааст: "Минтақаҳои табиии рекреатсионӣ барои истироҳати муташаккилонаи аҳолӣ ва сайёҳӣ мувофиқи шартномаҳое, ки муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо бо заминистифодабарандагони асосӣ мебанданд, истифода карда мешаванд" [5, с.12].

Дар давоми давраи таҳқиқот бо назардошти маълумотҳои муфассал доир ба захираҳои табиӣ-рекреатсионӣ, фаъолияти мутаасили ҲТММ ва ҳоказо муайян карда шуд, ки алҳол, дар ҳудуди маъмурии вилояти Суғд зарурати ташкил ва фаъолияти мунтазами 5 адад парваришгоҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва боғи миллии табиии "Яғноб" муайян карда шудааст. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда алҳол дар тавозуни муассисаҳои хоҷагии ҷангал қарор доранд ва ҳамчун воҳиди сохтории мустақил амал менамоянд. Дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи кории муштараки мутахассисони Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд санҷиши вазъи кунунӣ ва арзёбии сатҳи истифодаи захираҳои табиӣ-рекреатсионии ҲТММ-и вилояти Суғд, аз ҷумла парваришгоҳҳои "Зарафшон", "Ориён", "Искандаркӯл", "Дараи сабз" ва "Макони Суғур"-ро тӯли солҳои 2018-2023 бо ҷалби олимону мутахассисони соҳаи табиатшиносӣ ва сайёҳӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи санҷиш ҳолатҳои гуногуни риоя нагардидани меъёру талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ" ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи ҶТ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, шаҳрвандони оддӣ ва ҳатто шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули сайёҳии экологӣ ошкор карда шуданд. Бо назардошти саривақт бартараф намудани аксарияти кулли норасогиҳои ҷойдошта дар мӯҳлатҳои муайян аз ҷониби шахсони ҳуқуқвайронкун бо итминони комил метавон таъкид кард, ки захираҳои табиӣ-геоэкологии ҲТММ осебпазир боқӣ мемонанд.

## 4.2. Принсипҳо ва имкониятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудуди табиии парваришгоҳи "Дараи Сабз", таҳияи хатсайрҳои сайёҳӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки шароитҳои табиӣ, аз ҷумла геоэкологӣ ва рекреатсионии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ҷиҳати рушди СЭ мавҷуд аст. Лекин, алҳол дар ин иншоот даромади муайяне ба даст намеояд. Бинобар ин, таҳияи барнома ва нақша – менеҷмент, ки вазифаҳои нигоҳдории гуногуннамудии биологии парваришгоҳ ва рушди СЭ дар ин объектро дар бар мегирад, хеле зарур аст.

Ба андешаи мо "Барнома ва нақша – менеҷмент" бояд чунин ҷанбаро фаро гирад:

1. Ба рӯйхатгирӣ ва мураттабсозии кадастри воҳидҳои гуногуннамудии биологӣ ва захираҳои рекреатсионии парваришгоҳ.

2. Муайян намудани талаботи бозори СЭ дар сатҳи вилоят, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ.

3. Арзёбии иқтидори рекреатсионӣ ва ғунҷоишии сайёҳии мавзеъ, ҳудудҳои ҳамшафақ.

4. Муайян намудани объектҳои этно-экологӣ ва этно-фарҳангии парваришгоҳ, ҳудудҳои ҳамшафақ.

5. Таҳияи барномаи ташкили бозори истеъмолии молҳои сайёҳӣ, хизматрасонӣ дар парваришгоҳ ва модели рушди иҷтимоӣ – иқтисодии бозори СЭ.

6. Минтақабандии функсионалии аз лиҳози экологӣ ва илман асосноки парваришгоҳ, ҳамчун унсури танзимкунандаи ташрифи сайёҳон.

7. Васеъ гардонидани фазои хизматрасонӣ ба сайёҳон.

Барнома ва нақша – менеҷмент оид ба рушди СЭ дар парваришгоҳ бояд дар асоси принсипҳои ягонагии экологӣ, фоида, арзиши эстетикӣ ба роҳ монда шавад. Ҳифзи гуногуннамудии биологии ба ҳолати табиӣ наздик даромадро аз СЭ кафолат медиҳад, зеро табиати вайроннашуда бо ҷолибияти худ диққати сайёҳонро ба худ бештар ҷалб мекунад. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии тағйироти манфии экосистема ба низомдарории ташриф ва таъсири сайёҳон ба экосистемаи табиӣ,

*принсипи тафриқавии фазогӣ ва тартиби ҷойгиронии сайёҳонро бояд ба инобат гирифта шавад.* Инфрасохтори берун аз парваришгоҳ дар мувофиқа бо вазифаҳои сайёҳӣ шакл мегирад, таъсирро ба табиат камтар мегардонад.

Дар тӯли зиёда аз 60 соли фаъолият Муассисаи хоҷагии ҷангали ноҳия, ҳамчун мақомоти давлатии масъул парваришгоҳи "Дараи Сабз" вазифаи худро иҷро намуда, майдони арчазорҳоро дар сатҳи қаноатбахш барқарор кард.

Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ ҳанӯз соли 2017 ҷиҳати расонидани маълумоти пурра ва саҳеҳ ба сайёҳони дохилию хориҷӣ портали миллии сайёҳӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Тавассути ин портал расман ба 158 давлати узви комилҳуқуқи Созмон ва 509 ассотсиатсияву созмонҳои байналмилалии узви Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ маълумотҳои мушаххаси дақиқ ва саҳеҳ доир ба иқтидори сайёҳии давлат ва ғайра муаррифӣ карда мешавад. Соҳаи сайёҳии кишвар бори нахуст ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ё низоми байналмилалии сайёҳӣ ворид шуд ва барои ҷалби ҳамаҷонибаи сайёҳони хориҷӣ ба Ватани зебоманзари мо мусоидат карда истодааст.

Портали миллии сайёҳӣ фарогири тамоми иттилооти зарурӣ оид ба имкониятҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон, қоидаҳои будубош, дастрас намудани раводид, фарҳангу таърих ва анъанаҳои миллӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, иқлим, осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо, хатсайрҳои ҳавоӣ, ҳунарҳои дастию армуғонҳо ва дигар маълумоти муҳим мебошад. Дар портал алҳол маълумоти зарурӣ дар бораи зиёда аз 20 ширкати сайёҳӣ, як қатор осоишгоҳҳо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, меҳмонхонаҳо ҷой дода шудаанд, ки тавассути онҳо сайёҳон ва дигар ҳавасмандон метавонанд мустақиман ба сомонаи ин ширкатҳо ворид ва бо маълумоти ҷолиб шинос шаванд.

Бо сабабҳои гуногунии объективӣ ва субъективӣ соҳаи сайёҳӣ то солҳои охир дар ҳудуди ҶТ дар сатҳи зарурӣ рушд накарда буд. Зеро, мардуми сайёра ҷиҳати шинохти Тоҷикистон маълумот надоштанд ва пайдо кардани он ҳам дорои мушкилот буданд. Дар заминаиислоҳи норасоиҳои ҷойдошта мебояд ба рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд кард, яъне мебояд таҳқиқоти хоса анҷом дода шаванд.

Ба андешаи мо, дар ин ҷода таҳия ва коркарди бренди миллии сайёҳии мамлакат мувофиқи мақсад аст. Бренд маҷмӯи тасаввурот, ассотсиатсия, ҳиссиёт, тавсифи арзишҳои маҳсулот ва ё хизматрасонӣ дар тафаккури истеъмолкунанда мебошад. Он, ҳамчун ассотсиатсия дар тафаккури истеъмолкунанда сифатҳои муайяни маҳсулот ва ё тавсифи истеҳсолкунандагонашро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, бренд бояд шинохташаванда бошад.

Аксаран, истеъмолкунандагон дар сурати бартарӣ доштани интихобу имконият маҳсулоти бренди муайянро интихоб менамоянд. Бинобар ин, мебояд таркиби табиии бренд, яъне ҳамаи ҷузъиёти ширкатӣ: номи бренд (калима, ибора), нишона, рангубор, графика, ибораҳои тараннумӣ, садо, тамғаи савдо ва ғайра дар сатҳи баланд таҳия гардиданд. Масалан, давлате, ки дар Осиёи хурд воқеъ аст, ҳамаи ҷузъиёти брендиро дорад ва нишонаҳои сайёҳии миллии он ба сайёҳони мамлакатҳои дигар маълум аст. Тарғибот ва хизматрасонии сатҳи баланд ин кишварро пешсафи сайёҳии минтақавӣ гардонидааст. Минбаъд, ба ташкилоти сайёҳии Тоҷикистон зарур аст, ки тавассути расонаҳои хабарӣ, PR - чорабиниҳо ҷиҳати дар дохил ва хориҷи кишвар паҳн кардани ҷузъиёти бренд тадбирҳо амалӣ намоянд. Мамлакатҳои Осиёи хурд бомуваффақият маводи тарғиботӣ ва PR - маводро дар шабакаҳои намоёни телевизионӣ ҷойгир менамоянд. Чунин маводро метавон дар калонтарин фурудгоҳҳои байналмилалии ҷаҳон, дар маҷаллаҳои дохили ҳавопаймо дид ва ин амал самараи хуб медиҳад. Ташкили чорабиниҳои оммавӣ бо иштироки шахсиятҳои маъруфу шинохта аз ҷумлаи олимон, санъаткорон, варзишгарон ва ҳоказо воситаи самаровари ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва ҳам дохилӣ мешавад. Масалан, иштироки ҳунармандони Тоҷикистон дар озмунҳои мусиқии давлатҳои дигар, аз ҷумла Федератсияи Русия боиси шиносоии ҳазорон нафар бо санъати миллӣ гардид ва дар онҳо шавқу завқи саёҳат ба макони санъатҳо пайдо кард.

Омӯзишҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот аниқ карданд, ки барои таъмини рушди мунтазами сайёҳии кишвар мебояд муаррифии пайваста ва пешниҳоди иттилооти дақиқу ҷолиб дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Воситаи асосии ҳалли муаммо таҳияи бренд, реклом, тарғибот, PR - чорабиниҳо бо

иштироки шахсиятҳои намоён, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар дохили мамлакат мебошад.

**Ба сифати воситаи муҳим дар қатори тадбирҳои дигар таҳия ва намоиши хатсайрҳои мушаххас дорои мавқеи ҳалкунанда аст. Бо мақсади ҷуръатҳои аввалини натиҷаҳои таҳқиқот барномаи сайри сайёҳонро аз рӯйи хатсайри "Хуҷанд-Дараи Сабз" пешниҳод мегардад:**

*Барномаи саёҳат:*

**Рӯзи аввал.** Қабул ва ҷобаҷокунии сайёҳон дар шаҳри Хуҷанд. Баромад аз Хуҷанд ва роҳгирӣ сӯйи "Дараи Сабз".

Тафсили экскурсия қад – қади сойи Кусавлӣ, ки шохоби рости Олтикӯл маҳсуб меёбад. Мавзеи мазкур дар қисмати нишебии шимолии қаторкуҳи Туркистон, шимолтар аз ағбаи Шаҳристон, қад – қади шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чаноқ ($M_{34}$) ҷойгир шудааст. Қисми ғарбии он то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон идома меёбад, ки дар қисмати баъдисарҳадӣ Боғи миллии "Зоомин"-и давлати ҳамсоя ҷойгир аст. Ташриф ба парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо хатсайри пешниҳодгардида (интихоби яке аз он). Саёҳат ба нишебиҳои шимолии қаторкуҳи Туркистон, тавассути комплекси кухӣ – даштии дорои гиёҳҳои гуногуни шифобахш. Шабгузаронӣ дар хаймаҳои махсус берун аз ҳудуди парваришгоҳ ё дар меҳмонхона.

**Рӯзи дуюм.** Ташкили саёҳат ба объектҳои дигари сайёҳии ноҳия, аз қабили ёдгориҳои таърихӣ, яъне қалъаи Каҳ-каҳа, харобаҳои пойтахти асримиёнагӣ, волостҳои Устурушнаи шаҳри Бунҷикат (асрҳои VIII-XII), қалъаи Чилҳуҷра (асрҳои VIII-IX), Саризиндон, Тирмизактеппа, зиёрати қабрҳои Ҳазрати Мулло, Ҳазрати Бурхи Валӣ, Туятошбобо, Ҷанговулбобо, Кутур Отао ва ё ташкили СЭ ба яке аз се минтақаи фароғатӣ, аз қабили "Хуррамдара", "Бунҷикат" ва "Истиқлол", ки ҳар сол сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб мекунанд. Шиносоӣ бо мардуми маҳаллӣ, тамошои деҳаҳои атроф, шиносоӣ бо урфу одатҳои мардуми маҳал ва тарзи зиндагӣ.

Чӣ хеле дар барнома оварда шудааст, объекти таҳқиқоти мо дар ноҳияи Шаҳристон ҷойгир шудааст, ки яке аз объектҳои асосии СЭ дар Тоҷикистон ва

вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Ноҳияи Шаҳристон дар доманаи системаи қаторкуҳи Туркистон ҷойгир буда, аз шимол 53 км бо шаҳри Истаравшан, аз ҷанубу шарқ 33 км бо ноҳияи Айнӣ, аз ғарб 124 км бо тумани Зоомини вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст. Масоҳати ноҳия 114,3 км$^2$ буда, масофа аз маркази ноҳия то маркази шаҳри Душанбе 208 км ва то маркази шаҳри Хуҷанд 100 км аст.

Ноҳияи Шаҳристон таърихи бой ва қадима дошта, се ҳазор сол пеш бо номи Бунҷикат маълуму машҳур буд. Он пойтахти кишвари бостонии Устурушана (Истаравшани ҳозира) ба ҳисоб меравад, ки он аз бозёфтҳои бостоншиносии қалъаи Каҳ-каҳа ва тасвири “Гурги модар” далолат медиҳад.

Дар баробари табиати куҳии нотакрор доштан, инчунин дорои ёдгориҳои таърихӣ аз қабили қалъаи Каҳ-каҳа, харобаҳои пойтахти асримиёнагӣ, волостҳои Устурушанаи шаҳри Бунҷикат, Саризиндон, Тирмизактеппа, зиёрати қабрҳои Ҳазрати Мулло, Ҳазрати Бурхи Валӣ, Туятошбобо, Ҷанговулбобо, Кутур Отао ва ғайра мавҷуд аст, ки ҳар сол сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб мекунад. Рушди инфрасохтор, бозсозии шоҳроҳи Душанбе-Чанок, ба истифода додани нақби Шаҳристон имкони рушди сайёҳӣ дар минтақаро фароҳам меорад.

Аз таҳқиқотҳои гузаронидашуда муайян гардид, ки сол то сол ташрифи сайёҳон ба ноҳияи Шаҳристон торафт афзуда истодааст. Бояд гуфт, ки тиҷорати сайёҳӣ дар ноҳияи Шаҳристон ва Тоҷикистон як соҳаиояндадор ва даромаднок аст. Пас аз ташкили СЭ бо хатсайрҳои пешниҳодгардида дар объекти таҳқиқот - парваришгоҳи “Дараи Сабз” даромад боз ҳам зиёд гардида, барои нигоҳдошти экосистемаи парваришгоҳ саҳм хоҳад гузошт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи умумии сайёҳони дохилӣ дар соли 2003 794 нафарро ташкил дода, он давоми даҳ сол ду маротиба афзудааст ва дар соли 2023 бошад ба 2417 нафар расидааст. Ташрифи сайёҳони хориҷӣ бештар дар солҳои охир ба назар мерасад ва шумораи умумии онҳо дар соли 2023 ба 124 нафар расидааст (ҷадвали 4.1).

**Ҷадвали 4.1. - Динамикаи афзоиши экосайёҳон ва афзоиши фоида аз экосайёҳӣ дар ноҳияи Шаҳристон**

| Нишондиҳандаҳо | 2003 | 2013 | 2023 |
|---|---|---|---|
| Нархи як нафар ташрифи сайёҳи дохилӣ ба мавзеъ, сомонӣ | 3,8 | 5,5 | 7,6 |
| Шумораи умумии ташрифи сайёҳони дохилӣ, нафар | 794 | 1691 | 2417 |
| *Фоида аз ташрифи сайёҳони дохилӣ, сомонӣ* | *3017,2* | *9300,5* | *18369,2* |
| Нархи як нафар ташрифи сайёҳи хориҷӣ ба мавзеъ, сомонӣ | - | - | 25,26 |
| Шумораи умумии ташрифи сайёҳони хориҷӣ, нафар | - | - | 124 |
| *Фоида аз ташрифи сайёҳони хориҷӣ, сомонӣ* | - | - | *3132,24* |
| **Фоидаи умумӣ** | **3017,2** | **9300,5** | **21501,44** |

**Сарчашма:** *ҳисоби муаллиф аз рӯи маълумоти Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон*

Бояд қайд кард, ки зиёд гардидани ташрифи сайёҳон ба ноҳия барои ҳалли як қатор мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии ин минтақаи кӯҳистон мусоидат мекунад (расми 4.1).




**Расми 4.1. - Таъсири ташрифи сайёҳон ба ноҳия**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Табиати нотакрор, кӯҳҳои сар ба фалаккашида ва арчаҳои қоматафрохтаи “Дараи Сабз” имконияти васеъро баҳри ташкили СЭ дар ин мавзеъ фароҳам меоварад. Бояд зикр кард, ки мувофиқи банди 2.1.6. Низомномаи парваришгоҳи табиии давлатии “Дараи Сабз”-и ноҳияи Шаҳристон аз 10-уми феврали соли 2016 таҳти №23 тасдиқ гардидааст, “муҳайё намудани шароити мусоид барои ташкили

СЭ бо риояи низоми парваришгоҳ” ҷорӣ карда шудааст [8]. Дар ҳудуди парваришгоҳ ду ёдгории табиӣ-таърихӣ мавҷуд буда, он “Келинмазор” ва “Киёвмазор” ном гирифтааст, ки онҳо объекти сайёҳии табиӣ-таърихӣ буда метавонанд. Дар харитаи мазкур се хатсайри сайёҳие, ки ҷиҳати ташкили СЭ дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” давоми солҳои таҳқиқот муайян шуда, барои ба анҷом расонидани ин амалиёт барномаи QGIS истифода бурдааст, пешниҳод гардидааст (расми 4.2) ва таснифоти таҳияи хатсайр дар ҷадвали поён инъикос шудааст (ҷадвали 4.2):




**Расми 4.2. - Харитаи парваришгоҳи “Дараи Сабз” ва таҳияи хатсайри сайёҳӣ**
**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

**Ҷадвали 4.2. - Таснифоти таҳияи хатсайри СЭ дар парваришгоҳи “Дараи Сабз”**

| Хусусиятҳо ва талаботҳо | Хатсайри сайёҳии якум | Хатсайри сайёҳии дуюм | Хатсайри сайёҳии сеюм |
|---|---|---|---|
| **Давраи таҳқиқот** | **2019-2020** | **2020-2021** | **2021-2022** |
| **Шакли фаъолияти асосӣ** | Сайёҳии фаъол ва фавқулодда – “adventure tourism” | Саёҳат ба ёдгориҳои табиӣ | Экосайёҳии илмӣ – “learning travel” |

| Хусусиятҳо ва талаботҳо | Хатсайри сайёҳии якум | Хатсайри сайёҳии дуюм | Хатсайри сайёҳии сеюм |
|---|---|---|---|
| | | | **Идомаи ҷадвали 4.2** |
| **Тавсифи пайроҳаҳои экологӣ** | пайроҳаи сайёҳӣ-дарккунӣ | пайроҳаи сайругаштӣ-дарккунӣ | пайроҳаи омӯзиши экологӣ |
| **Теъдоди ширкаткунандагони саёҳат** | инфиродӣ, гуруҳӣ | инфиродӣ, гуруҳӣ, хонаводагӣ | инфиродӣ, гуруҳӣ |
| **Синну сол** | ҷавонон, миёнасолон | наврасон, ҷавонон, миёнасолон, калонсолон | наврасон, ҷавонон, миёнасолон, калонсолон |
| **Усулҳои воситаи ҳаракат** | пиёда, автомобилӣ, дучархаронӣ, мотосиклронӣ, аспсаворӣ, мошинҳои махсус-ҷиппинг | пиёда, дучархаронӣ, аспсаворӣ | пиёда, дучархаронӣ, аспсаворӣ |
| **Захираҳои асосии истифодашавандаи табиӣ** | - ландшафти табиӣ-геологӣ ва экосайёҳӣ бо олами набототу ҳайвоноти ба худ хос;<br>- арчазори зарафшонӣ, туркистонӣ ва саурарча;<br>- Кусавлисой;<br>- Олтикӯлсой;<br>- ёдгории табиӣ-таърихии “Келинмазор” ва “Киёвмазор” | - ландшафти табиӣ-геологӣ ва экосайёҳӣ бо олами набототу ҳайвоноти ба худ хос;<br>- арчазори зарафшонӣ, туркистонӣ ва саурарча;<br>- Кусавлисой,<br>- Ҷавалисой;<br>- ёдгории табиӣ-таърихии “Келинмазор” ва “Киёвмазор” | - ландшафти табиӣ-геологӣ ва экосайёҳӣ бо олами набототу ҳайвоноти ба худ хос;<br>- арчазори зарафшонӣ, туркистонӣ ва саурарча;<br>- Кусавлисой;<br>- Олтикӯлсой;<br>- Мирзолянсой;<br>- Иртегермансой |
| **Воситаҳои ҷойгиркунонии сайёҳон** | меҳмонхона ва хаймаҳо | меҳмонхона ва хаймаҳо | меҳмонхона ва хаймаҳо |

| Хусусиятҳо ва талаботҳо | Хатсайри сайёҳии якум | Хатсайри сайёҳии дуюм | Хатсайри сайёҳии сеюм |
|---|---|---|---|
| | | | **Идомаи ҷадвали 4.2** |
| **Давомнокии саёҳат** | кӯтоҳмуддат, миёнамуддат | кӯтоҳмуддат, миёнамуддат | кӯтоҳмуддат, миёнамуддат |
| **Мавсимнокии афзоиши сайёҳон** | мавсимӣ | мавсимӣ | мавсимӣ, тамоми сол (доимӣ) |
| **Намудҳои имконпазири экосайёҳӣ** | -саёҳати кухӣ;<br>-кухҳавардӣ;<br>-сайругашт;<br>-сайёҳии фарҳангӣ;<br>-маърифатӣ;<br>-экскурсияҳои ботаникӣ, зоологӣ;<br>-сайёҳии деҳот;<br>-сайёҳии варзишӣ;<br>-гирифтани аксҳо;<br>-пиёдагардӣ дар атрофи сойҳо;<br>-пиёдагардии кухӣ;<br>-аспдавонӣ;<br>-дучархаронӣ;<br>-мотосиклронӣ;<br>-саёҳат бо мошинҳои махсус-ҷиппинг | - саёҳати кухӣ;<br>- кухҳавардӣ;<br>- сайругашт;<br>- сайёҳии фарҳангӣ, таърихӣ, маърифатӣ;<br>- экскурсияҳои ботаникӣ, зоологӣ;<br>- сайёҳии деҳот;<br>- сайёҳии варзишӣ;<br>- гирифтани аксҳо;<br>- пиёдагардӣ дар атрофи сойҳо;<br>- пиёдагардии кухӣ;<br>- аспдавонӣ | - саёҳати кухӣ;<br>- кухҳавардӣ;<br>- сайругашт;<br>- сайёҳии илмӣ, таълимӣ, маърифатӣ;<br>- мушоҳидаи ботаникӣ, зоологӣ;<br>- сайёҳии деҳот;<br>- сайёҳии варзишӣ;<br>- гирифтани аксҳо;<br>- пиёдагардӣ дар атрофи сойҳо;<br>- пиёдагардии кухӣ;<br>- аспдавонӣ |

**Сарчашма:** *пешниҳоди муаллиф*

Натиҷаҳои воқеии таҳқиқоти гузаронидашуда имконият медиҳанд, ки якчанд хатсайрҳо бо роҳҳои автомобилӣ аз чаҳор самт: шимол, ҷануб, ғарб ва ҷанубу шарқи кишвар то “Дараи Сабз” тарҳрезӣ карда шавад. Низоми ин хатсайрҳо бо тариқи зайл мебояд амалӣ гардад:

**1. Хатсайри Хуҷанд - Дараи Сабз (аз самти Шимол):**

Хуҷанд – Деҳмой – Спитамен – Хавотог – Истаравшан – Шаҳристон – Чашмасор – Ваҳдат – Дараи Сабз (вақт тавассути автомобил - 2 соат, масофаи роҳ - 112 км) (расми 4.3).




**Расми 4.3. - Нақшаи хатсайри Хуҷанд - Дараи Сабз аз самти шимол [133]**

### 2. Хатсайри Душанбе - Дараи Сабз (аз самти Ҷануб):

Душанбе – Варзоб – Анзоб – Айнӣ – Шаҳристон – Дараи Сабз (вақт тавассути автомобил - 3,5 соат, масофаи роҳ - 196 км) (расми 4.4).




**Расми 4.4. - Нақшаи хатсайри Душанбе - Дараи Сабз аз самти ҷануб [133]**

### 3. Хатсайри Панҷакент - Дараи Сабз (аз самти Ғарб):

Панҷакент – Шӯрча – Урметан – Зеробод – Айнӣ – Шаҳристон – Дараи Сабз (вақт тавассути автомобил - 3 соат, масофаи роҳ - 150 км) (расми 4.5).




**Расми 4.5. - Нақшаи хатсайри Панҷакент - Дараи Сабз аз самти ғарб [133]**

### 4. Хатсайри Хоруғ - Дараи Сабз (аз самти Ҷанубу Шарқ):

Қисми 1: Хоруғ – Рушон – Қалъаи Хумб – Роғун (вақти сафари автомобилӣ - 11 соат, масофаи роҳ - 325 км). Стоп 1 (Қарордоди 1). Истиқомат дар меҳмонхона ё кемпинг;

Қисми 2: Роғун – Файзобод – Душанбе – Варзоб – Зарафшон – Айнӣ – Шаҳристон – Дараи Сабз (вақти сафари автомобилӣ - 6,5 соат, масофаи роҳ - 295 км) (расми 4.6).



**Расми 4.6. - Нақшаи хатсайри Хоруғ - Дараи Сабз аз самти ҷанубу шарқ [133]**

Метавон қайд кард, ки маълумоти пешниҳодгардида ҷанбаи асоси рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ-ро муайян менамояд, яъне соҳаи сайёҳӣ барои рушди минбаъда ба ҲТММ ниёз дорад. Дар баробари он, яъне паҳлӯи дигари тавозуни табиӣ талаботи рушди ҲТММ меистад, ки ба маблағи муайян аз даромадҳои гуногун дар заминаи сатҳи баланди тарғибот эҳтиёҷ дорад. Идоракунӣ ва танзими мувозинати байни ин паҳлӯҳо имконият медиҳад, ки ҳам соҳаи сайёҳӣ рушд ёбад ва ҳам шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди ҲТММ муҳайё гардад. Дар ҷараёни таҳқиқот бо таҳлили иттилооти илмию омории мавҷуда, маслиҳату дастурҳои мутахассисони касбии соҳаи сайёҳӣ ва ҲТММ, натиҷаҳои пурсиши афкор байни аҳолӣ ва сайёҳони дохилию хориҷӣ ва ҳоказо марбут ба парваришгоҳи “Дараи Сабз” аниқ карда шуд, ки таъсиси ширкати наклиёти мусофиркашон бо номи “Дараи Сабз”, ташкили хатсайрҳо ба ин мавзеъ бо сафарҳои мунтазам, нашр ва паҳн кардани тақвимҳои солонаи ранга ва маводҳои дигари иттилоотӣ барои муаррифии мавзеъ дар байни оммаи васеъ нақши калидӣ дошта метавонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар яке аз парваришгоҳҳои Тоҷикистон бо номи “Дараи Сабз”, ки иқтидори рекреатсионии он ба ҳайси объекти СЭ баҳогузорӣ нашудааст, ба роҳ монда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки парваришгоҳи “Дараи Сабз” ба ҳамаи ин талабот ҷавобгӯ аст. Баҳогузории пешакӣ нишон медиҳад, ки ин парваришгоҳ иқтидори баланди рушди СЭ дорад. Вале, танҳо омӯзишу таҳқиқи ҳамаи ҷанбаҳои захираҳои рекреатсионии иншооти алоҳидаи ҲТММ, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” имконияти тавсияю пешниҳоди мушаххас барои рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дода метавонад, ки аз ҷониби муаллиф давоми солҳои 2018-2023 иҷро карда шудааст.

Бо назардошти аҳамияти хосаи ҲТММ ва мақоми давлатӣ пайдо кардани тадбирҳои ҳифзи захираҳои табиӣ табиатшиноси ватанӣ Г.Н. Сапожников [90] ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта пешниҳод намудааст, ки дар ҳудуди майдони арчазорҳои ноҳияҳои Шаҳристон ва Деваштич боғи табиии миллӣ бо номи

“Ҷангалзори арчаҳо” бо масоҳати беш аз 60 ҳазор га ташкил карда шавад. Аммо то ҳол ин пешниҳод мавриди баррасии воқеӣ қарор дода нашудааст.

Дар нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани “Барномаи давлатии рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда барои солҳои 2005-2015” дар банди 11 ба мамнӯъгоҳи давлатии “Шаҳристон” табдил додани парваришгоҳи табиии “Кусавлисой”, бе маблағгузории буҷавӣ қайд шудааст.

Вале муҳлати амали Барномаи давлатӣ ба итмом расида бошад ҳам, ҳатто ин амал, ки маблағгузориро талаб намекунад, аз ҷониби мақомоти масъули давлатӣ ба иҷро нарасидааст. Бинобар ин, бо мақсади нигоҳубин, беҳдошт ва афзоиши арчазор корбарии касбии мутахассисони соҳаи ҷангал ҷоннок карда шуда, дар заминаи парваришгоҳи ботаникии “Дараи Сабз” ташкил намудани боғи табиии маҳаллии “Шаҳристон” бидуни маблағгузории иловагӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Солҳои охир дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” барои нигоҳдошт, беҳбудӣ ва афзоиши арчазорҳо, олами набототу ҳайвонот корҳои назоратӣ, муҳофизатӣ ва биотехникӣ пеш бурда, зиёда аз 25 га ҷангали арчазор (асосан арчаи зарафшонӣ *(Juniperus seravschanika)*) ба таври сунъӣ аз нав бунёд карда шудааст, ки тибқи талаботи Кодекси ҷангали ҶТ [2] ва Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” [5] мебошад.

Ҳоло кормандони парваришгоҳ барои беҳтар намудани вазъи экологии парваришгоҳ, нигоҳдории гуногунии биологии ин майдон саъю кӯшиш карда истодаанд. Дар ҳудуди парваришгоҳ ҳамаи намуди шикор манъ карда шудааст. Дар маҳалҳои аҳолинишини наздики парваришгоҳ бо сокинони деҳаҳо вохӯриҳо гузаронида, оиди ҳифзу ҳимояи олами ҳайвонот ва наботот маърӯзаҳо хонда, якҷоя бо шикорчиён - аъзоёни ҷамъияти шикор рейдҳо гузаронида мешавад, ки дар он ширкат карда шуд.

Солҳои 2020 - 2021 мо байни сайёҳоне, ки ба самти “Дараи Сабз” раҳсипор буданд, пурсиши афкор гузаронидем, ки саволҳои зеринро дар бар мегирифт: “Бо кадом мақсад сафари сайёҳӣ мекунед?”, “Дар парваришгоҳ таваҷҷӯҳи Шуморо чӣ ба худ ҷалб мекунад?”, “Ба фикри Шумо ҳадафҳои парваришгоҳ аз чӣ иборат аст?” ва саволҳои дигар. Байни ҷавобҳои муштариён бештар посухи тамошои манзараи

зебои арчазор, ҳавои тоза ва истироҳат бартарӣ доштанд. Аммо, мебояд қайд намуд, ки аксарияти пурсидашавандагон ҳадафи таъсиси парваришгоҳро намедонистанд.

Хусусият, сарватҳо, сатҳи муосир ва дурнамои рушди СЭ дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар давраи солҳои 2019-2022 ҳангоми гузаронидани корҳои мустақими саҳроӣ бо методҳои харитасозӣ ва транвекторҳо таҳқиқ гардид.

Натиҷаҳои илмии ба даст омадаро дар асоси модели SWOT бо натиҷаи таҳлили ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии парваришгоҳи “Дараи Сабз”, имкониятҳои рушди ояндаи он, инчунин таҳдидҳо барои менеҷменти сайёҳӣ дар парваришгоҳ таҳлил гардиданд.

Мақсади асосии SWOT-таҳлил таҳқиқи ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ҳудуди мазкур мебошад. Дар ин асос таҳлили иқтидорҳои таҳдид аз омилҳои беруна, муайян ва муқаррар кардани роҳҳои тахминии рушди фаъолияти нақшавӣ гузаронида мешавад. Натиҷаҳои таҳлил барои алоқаи байни ҳудудҳои муҳофизатшаванда, аҳолии таҳҷоӣ ва фаъолияти экосайёҳиро наздик кардан ёрӣ мерасонад.

SWOT - методи банақшагирӣ ва таҳлилии маркетингие аст, ки тарафҳои мусбӣ ва манфиро муайян карда, маълумот медиҳад. Методикаи гузаронидани SWOT-таҳлил ба профессор Эдвард Деминг мутааллиқ буда, ӯ аввалин шуда ҳангоми таҳлил дар қатори омилҳои дохилӣ омилҳои берунаро низ илова карда, гуруҳбандии аёнии муайянкунӣ барои интихоби омилҳои асосии муайянкунандаи сатҳи муваффақияти фаъолиятро пайдо кард.

Бо мақсади аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани мушкилот ва муайян кардани роҳҳои самараноки ҳалли онҳо нишондоди “бартариятҳо” ва “маҳдудиятҳо”, “имкониятҳо” ва “таҳдидҳо”-и фаъолияти СЭ-ро бо истифода аз таҳлили SWOT дар асоси парваришгоҳи “Дараи Сабз” муайян карда шуд, ки барои татбиқи барномаҳои инкишофи СЭ ва барои аниқсозии дурнамои рушди ин соҳа мусоидат менамояд (ҷадвали 4.3).

**Ҷадвали 4.3. - Таҳлили SWOT-и фаъолияти СЭ-и парваришгоҳи “Дараи Сабз”**

| | БАРТАРИЯТҲО («S»-STRENGTH) | МАҲДУДИЯТҲО («W»-WEAKNESSES) |
|---|---|---|
| МУҲИТИ БЕРУНӢ | - баланд бардоштани савияи таълим оид ба ҲТММ-и вилоят, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз”;<br>- доштани миқёси калони ҳудудҳои вайроннашудаи экосистемаи куҳӣ ва ҷойҳои ба онҳо алоқаманди ареали ҳайвоноту наботот;<br>- таҳия гардидани хатсайрҳои махсус бо мақсади шиносоӣ бо мавзеъҳои табиии парваришгоҳ ва атрофи он;<br>- аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани хатсайрҳои сайёҳии пешниҳодкардаи минтақа;<br>- имконияти зиёд намудани маҷмӯи сайёҳони экологӣ;<br>- ҷамъ намудани маблағ тавассути рушди СЭ;<br>- рушд кардани СЭ дар натиҷаи амалисозии лоиҳаҳои байналмилалӣ;<br>- дастрасии парваришгоҳ ба нақлиёти автомобилӣ, ҷойгиршавии парваришгоҳ дар шоҳроҳи “Душанбе – Хуҷанд – Чанок- ($M_{34}$)”. | - ифлос гардидани муҳити зист;<br>- аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ надоштани маълумоти зарурӣ оид ба парваришгоҳ;<br>- маълумоти кам доштан, реклом оид ба мавзеи парваришгоҳ дар воситаҳои ахбори омма;<br>- кам машҳур будани ҲТММ-и вилояти Суғд ва парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар бозори байналмилалии хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>- тайёр набудани ҳайати кормандон барои қабули сайёҳон;<br>- сифати пасти инфрасохтори парваришгоҳ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>- набудани маркази иттилоотии сайёҳӣ;<br>- нарасидани кадрҳои баландихтисоси сатҳи олӣ ва миёна дар соҳаҳои СЭ-и (роҳбаладҳо) мавзеъ;<br>- надоштани дарвозаи ороиши меъморӣ доштаи парваришгоҳ ҷиҳати қабули сайёҳон. |
| | **ИМКОНИЯТҲО («O»-OPPORTUNITIES)** | **ТАҲДИДҲО («T»-THREATS)** |
| МУҲИТИ ДО | - афзоиш ёфтани ташрифи сайёҳон ба минтақа аз ҳисоби сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ;<br>- тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи СЭ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳии минтақа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ; | - зарурати таъмин кардани ҳаҷми кофии ҷараёни сайёҳон барои ноил гардидан ба бозпардохт дар минтақаи сайёҳӣ;<br>- муҳити имконияти тарма ва ярчфароянда будани парваришгоҳ; |

| | | |
|---|---|---|
| | - ҷойгир будани парваришгоҳ дар ҳамсарҳадӣ бо ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки мувофиқ барои сохтани хатсайри сайёҳии байлалмилалӣ бо Боғи миллии “Зоомин”-и Ӯзбекистон;<br>- истифодаи васеи фазои иттилоотӣ барои рекламаи тарғибу ташфиқи парваришгоҳ (нашри буклетҳо, плакатҳо, харитаҳо ва дигар маводи нашрии таблиғотӣ – иттилоотӣ);<br>- ҷалби рӯзноманигорон, коргардон-таҳиягарони дохилӣ ва хориҷӣ ба мавзеи минтақа бо мақсади гирифтани расмҳо ва навори видеофилмҳо;<br>- ташкили экскурсияҳо ва эскпедитсияҳо барои хонандагону донишҷӯён дар самти сайёҳии дохилӣ ба мавзеъҳои таърихӣ, табиати парваришгоҳ. | - буридани ҷангал ва чаронидани чорво дар минтақаи ҳифзшавандаи парваришгоҳ;<br>- шуурнокии пасти экологии як қисми аҳолӣ, ки парваришгоҳро ҳамчун манбаи ғизои чорво назар меандозанд;<br>- фаъолияти азбайнравӣ, бароҳат, илмӣ-ташвиқотӣ дар парваришгоҳ;<br>- норасоии маблағгузории буҷетии парваришгоҳ. |

**Сарчашма:** *муаллиф тартиб додааст*

Механизми ташкили фаъолияти сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ зуҳуроти таъсироти гуногуни тамоюли мусбат ва манфиро ифода менамояд, ки таҳқиқи нисбатан дақиқи мушкилоти назариявии географияи рекреатсионӣ, консепсияҳои географӣ, хусусиятҳои геоэкологӣ ва ғайраро талаб мекунад. Дар ин замина таваҷҷӯҳ ба маҷмӯи зерини омилҳои таъсиррасон барои дарёфти сабаб ва натиҷаи пайдоиш, ташаккул ва рушди минбаъдаи хусусиятҳои геоэкологиро имкон медиҳад:

1. *Таъсироти мутобиқшавӣ (адаптатсия)* – унсури мазкур зинаҳои пайдарҳами бонизоми ҳампаҳлуро дар бар мегирад, ки вожаҳои зерин тасдиқи он мебошад: “меҳмон-мизбон”, “муҳити фаъолияти ҳаётии сайёҳон – муҳити фаъолияти ҳаётии мизбонон”, “соҳаи сайёҳӣ – хоҷагии анъанавӣ ба роҳ монда шуда”. Арзёбии устувории сайёҳӣ дар минтақа тавассути таҷдиди сохтор ва таъсири ислоҳоти дигар барои расидан ба мақсади ниҳоӣ мувофиқтар мебошад. Дар натиҷа имконият пайдо мегардад, ки дар объекти таҳқиқотӣ мушкилоти мавҷуда муайян ва имкониятҳои рушди минбаъдаи сайёҳӣ аниқ карда шавад. Зеро

таҳқиқоти олимони соҳаи сайёҳӣ исбот менамоянд, ки бунёди муҳити меҳмоннавозӣ ва таъмини сатҳи бехатарӣ дар ҳудуди парваришгоҳ барои ҷалби бештари дӯстон ва пайвандони сайёҳони омада мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, маъмурияти парваришгоҳ масъул аст, ки дар ҳудуди парваришгоҳ ба ҷанбаҳои мухталифи рушди устувори СЭ эътибор диҳанд.

2. *Таъсироти азхудкунӣ* – натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаҳои мавҷудаи рушди СЭ дар ҳудуди парваришгоҳ ҷараёни мунтазами рушди оммавӣ ва ишғоли қисмҳои нав ба нав ба мушоҳида мерасад. Зеро, воридоти шумораи муайяни сайёҳон ба парваришгоҳ боиси пайдошавии ниёз ё эҳтиёҷот ба хизматрасонии гуногун ба сайёҳон мешавад. Дар ин давра ҳамкории пайвастаи ширкатҳои сайёҳӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ дар ҳамоҳангсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ тавассути ҳамкории пайваста метавонад минтақаҳои нави сайёҳиро азхуд кунад ва сохтмони объектҳои сайёҳӣ-рекреатсиониро рушд диҳад. Бинобар ин, дар ин ҷараён мавқеи фаъолонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва роҳбарияти ҳудудҳои ҳифзшаванда масъуланд, ки ҳангоми ҷойгиронии инфрасохтори сайёҳии рекреатсионӣ рушди бетартибонаи чунин фаъолиятро пешгирӣ намоянд.

3. *Таъсироти кумулятивӣ* – дар ҷараёни таъсироти баландфишори СЭ тағйироти муҳити табиӣ, аз ҷумла дар самти сайёҳӣ-рекреатсионӣ зоҳир меёбад. Таъсири якҷояи омилҳои гуногун, ки бо рафтор ва кирдори сайёҳону истироҳаткунандагон алоқаманд аст, таъсири кумулятивӣ ҳисобида мешавад. Масалан, поймол гардидани пӯшиши набототӣ, хокӣ ва ҷузъҳои дигари минтақаи муҳофизатшаванда, таъсири воситаҳои нақлиёт ва газҳои ихроҷӣ ба муҳити табиӣ, ҳосилшавии партовҳои истеъмолӣ ва ҳоказо таъсироти беандоза мерасонанд.

Ҷанбаҳои манфии таъсири кумулятивиро вайрон гардидани шароити ҳаётии намудҳои нодири олами набомот ва ҳайвонот, тағйироти таркиби биосенозҳо, дигаргун гардидани ландшафтҳои табиӣ ва ғайра инъикос менамояд. Воситаҳои паст ё кам кардани таъсири кумулятивӣ ба муҳити зист дар таҳия ва амалӣ гардонидани нақшаҳои маҳаллии идоракунии сайёҳӣ, рушди инфрасохтори дахлдори сайёҳӣ, ташкил ва гузаронидани тадбирҳои тарғиботӣ ва иттилоотӣ, ҷорӣ намудани системаҳои устувори идоракунии СЭ ва ғайра имконпазир мебошад.

Танзим ва идоракунии муносибатҳои байни организмҳо дар заминаи стандартҳо илман асосноки махсус мебояд таҳия гардонида шавад, ки рушди устувори СЭ-ро дар ҳудуди парваришгоҳ таъмин менамояд.

Дар заминаи таҳлилҳо метавон хулоса кард, ки ҳангоми самаранок ба роҳ мондани фаъолияти СЭ, ҳамчун системаи кушоди иҷтимоию иқтисодӣ, он таҳти таъсири омилҳои муайяни дохилӣ ва берунӣ қарор дошта, дар лаҳзаҳои муайян мушкилотро ба миён оварад. Вале, барои идоракунии салоҳиятноки фаъолияти СЭ тақсимоти дақиқи масъулият бояд роҳандозӣ кард. Барои таъмини самаранокии рушди СЭ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" сабабу натиҷа, омилҳо ва ҷанбаҳои дигари таҳқиқи масъала аҳамияти хоса доранд ва тавсияю пешниҳодҳо баҳри пешгирии ҷараёнҳои манфӣ дар давраи омодагӣ ва гузаронидани саёҳат, коҳишёбӣ, хавфу хатарҳо ва ғайра мусоидат менамоянд.

Риояи тавсифоти дар боло овардашуда на танҳо ба рушди бомуваффақияти нигоҳдории ҳолати табиии ҲТММ зарур аст, балки манбаи воқеии ҷойҳои нави корӣ ва даромади иловагии иқтисодии маҳаллӣ хоҳад гашт.

Ҳамин тавр, татбиқи ҳадафҳои барномавии дар боло зикршуда оид ба ташкили СЭ дар ҳудуди боғҳову мамнуъгоҳҳои табиӣ ва парваришгоҳҳо ба эҳёи иқтисодӣ ва суботи сиёсии минтақа дар маҷмуъ мусоидат хоҳад кард.

## 4.3. Таъсири ташкили сайёҳии экологӣ ба фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии маҳаллӣ

Ташкили СЭ дар ҲТММ ҷараёни мураккаби таъсироти ҳамаҷониба ба муҳити зист мебошад, ки ҷанбаҳои мухталифи он мебояд пайваста зери назари муҳаққиқони соҳаи сайёҳӣ бошад. Зеро, аз натиҷаи омӯзишу таҳлили маълумотҳои мавҷудаи назариявӣ ва далелҳои мушаххаси амалӣ бармеояд, ки то ҳол рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҲТММ, аз ҷумла СЭ самти хеле камомӯхта маҳсуб меёбад. Дар ин ҷода, метавон бо эътимоди комил қайд кард, ки истифодаи принсипҳои асосии ташаккул ва рушди сайёҳӣ, ки барои ташкили он дар минтақаҳои кӯҳсор дар ҷорӣ кардани СЭ дар ҲТММ мавриди истифода имконпазир аст.

Баъзе муҳаққиқон рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои куҳсорро бо роҳи ташкили кластерҳои сайёҳӣ пешниҳод менамоянд, ки рушди СЭ дар ҲТММ метавонад ҷузъи пайвастаи он бошад [75, 76, 115, 117, 123]. Масалан, Махкамов Ф.Ф. (2024) дар қатори сенздаҳ меъёр (критерия)-ҳои таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ мавриди ҳатмии эътибор қарор додани ҷанбаҳои экологиро қайд намуда, таъкид мекунад, ки ҳангоми дар мадди назар қарор нагирифтани таъсирот ба муҳити зист аз манбаҳои гуногуни антропогенӣ вазъи муҳити зист коҳиш меёбад. Дар натиҷаи вазъи ногувори муҳити зист ташкили сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар ин мавзеъ ғайриимкон мегардад.

Метавон ба сифати омили муҳими таъсиррасон ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҲТММ, аз ҷумла СЭ сатҳи фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии ҲТММ, ҷанбаҳои мусбат ва манфии тағйирёбии он дар ҷараёни рушди СЭ баррасӣ ва омӯзиш гузаронид. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҷиҳати арзёбии сатҳи фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии ҲТММ ва ҳудудҳои ҳамшафат амалҳои муайяни таҳқиқотӣ, аз ҷумла омӯзиши вазъи зоҳирии маҳал бо роҳи мушоҳидаҳои пайваста, шиносоӣ бо тарзи ҳаёти сокинони маҳал бо дарки хусусиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, гузаронидани суҳбатҳои самимии тӯлонӣ бо намояндагони қишрҳои мухталифи ҷомеа, ташкил ва гузаронидани пурсиши афкор байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аҳолии машғули соҳаи кишоварзӣ, занҳои хонашин, нафарони дар корхонаҳои давлатӣ фаъолиятдошта ва ғайра ба иҷро расонида шудаанд. Таҳлили маълумотҳои ба даст омада барои дарёфти тамоми ҷанбаҳои тағйирёбии фарҳанг ва маърифати экологии аҳолии ҲТММ ва ҳудудҳои ҳамшафат, имконияти пешгирии саривақтии тамоюлҳои манфии рушди сайёҳӣ дар марҳилаҳои ибтидоӣ, таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ноҳиявӣ дар самти болобардории маърифат ва фарҳанги экологӣ ва ҳоказо заминаи боэътимоди маълумотҳои дақиқ мебошад.

Мушоҳидаҳои воқеӣ ва шиносоии бевосита бо ҲТММ ва аҳолии маскуни он собит месозанд, ки дар маърифати экологии онҳо фарҳанги миллӣ ва динӣ мавқеи асосиро ишғол менамудааст ва аксаран амалҳои иҷрокардаи онҳо ба одату анъанаҳои аҷдодӣ алоқаманд аст. Масалан, тозаву озода нигоҳ доштани саҳни

ҳавлӣ, нигоҳубини гулу буттаҳо ва дарахтони ороишию мевадиҳанда, пок нигоҳ доштани оби чашмаю ҷӯйборҳо бо роҳи худдорӣ аз партофтани партову мағзоба ва амалҳои амсоли онҳо бештар ба тарбияи миллӣ ва оинҳои динии дар тафаккури одамон ҷойгирифта такя мекунад. Аммо, истифодаи маҳсулоти нави замони муосир, аз қабили қоғазу латтапораҳо, шишаву зарфҳои пластикӣ, халта ва пардаҳои селлофанӣ ва монанди онҳо барои мафкураи сокинон нисбатан нав ва ғайриоддӣ буда, онҳо муносибати мусоид ба ононро намедонанд. Ин раванд ба оқибати ногувори ҷойгиронии бетартибонаи чунин маҳсулотҳо дар муҳити зист оварда расонидааст, ки боиси чандин таъсироти манфӣ, аз ҷумла ба рушди сайёҳӣ мешавад.

Мавҷуд набудани нуқтаи махсуси ҷойгиронии партовҳои маишӣ дар маҳалли сукунати аҳолӣ ва сатҳи нокифоии маърифати экологии аҳолӣ ба паҳну парешон ва бетартибона ҷойгир намудани партовҳои гуногун дар маҳал шудааст, ки ҳусни зебои маҳалро коҳиш медиҳад ва ҷалби сайёҳ ва қонеъ гардонидани шавқу завқи ӯро имконнопазир мегардонад. Аз ҷониби дигар, ҷараёни рушди сайёҳӣ, ки ба сокинони маҳал метавонад манбаи даромади иқтисодӣ бошад, аҳолиро водор менамояд, ки бо мақсади ҷалби шумораи бештари сайёҳон ва таъмини тозагии муҳити зист тадбирҳои гуногуни муомилот бо партовҳоро ҷустуҷӯ ва дарёфт намоянд. Тадриҷан, масъалаи мазкур барои аҳолӣ анъанаи хуб боқӣ мемонад ва дар баландравии тарбия, маърифат ва фарҳанги экологии наслҳои минбаъда саҳми назаррас пайдо мекунад.

Давоми давраи таҳқиқот ошкор карда шуд, ки бо сабаби ташрифи сайёҳон истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ширӣ, аз қабили ҷурғот, қурут, равғани маска ва ғайра дар сатҳи хонавода то 2-3 маротиба зиёд шудааст. Зеро, агар солҳои 2000-ум дар як оилаи маҳал ҳамагӣ 1-2 сар модагови ҷӯшоӣ парвариш ёбад, алҳол саршумори он то 5-8 сар дар як оила зиёд шудааст.

Мусаллам аст, ки истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти ширӣ технологияи муайяни коркарди аввалия ва ниҳоиро тақозо менамояд. Дар ин ҷараён партовобҳо ҳосил мешаванд, ки сокинон пештар онро барои обнӯшии чорво истифода мекарданду ҳаҷми боқимондаро ба зери дарахтон мерехтанд. Партовоби мазкур, ки

дар таркибаш миқдори муайяни равғанолудаҳоро доро аст, аввало боиси олудашавии пӯшиши хокӣ ва маҳдудшавии шароити ҳаётии микроорганизмҳои дохили хокӣ мегардид. Баъдан, дар ин нуқта ҷойгиршавӣ ва афзоиши магасу кӯршапаракон, инчунин пайдоиши бӯйи ғализи пастмонда ба амал меомад.

Рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” давоми солҳои 2019-2023 ба тағйироти муносибати аҳолӣ ба партовоби коркарди маҳсулоти ширӣ мусоидат кардааст. Шиносоӣ бо шароити оилавии аҳолии минтақаи ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз”, яъне ҷамоати деҳоти Шаҳристони ноҳияи Шаҳристон собит месозад, ки давоми солҳои 2019-2023-юм дар нуқтаи махсуси замини наздиҳавлигӣ ҳар оила барои безарар гардонии партовобҳои аз коркарди шир ҳосилшуда чуқурии алоҳидаи бетонӣ бо ғунҷоиши 0,5-1,5 $м^3$ бунёд кардаанд, ки дорои қисмати полоишӣ бо латтаи махсуси ҷаббишӣ (филтр) буда, партовоби нисбатан тозашуда ба ҷӯйи махсус равона ва хокпӯш карда мешавад. Дар натиҷа олудашавии пӯшиши хокӣ, тазъиқ ба фаъолияти микроорганизмҳои хокӣ, пайдоиши бӯйи ғализу нуқтаи афзоиши магас ва тамоюли дигари манфӣ бо пуррагӣ пешгирӣ ва бартараф мегардад. Мисоли мазкур, яке аз ҷузъи зуҳуроти болоравии тарбия ва маърифат, фарҳанги экологии аҳолӣ мебошад, ки зери таъсири рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ ба вуқуъ пайвастааст.

Мутобиқи маълумоти оморӣ, ки дар диаграммаи 4.1 оварда шудааст, аён мегардад, ки дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Шаҳристони ноҳияи Шаҳристон (минтақаи ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз”) давоми солҳои охир суръати афзоиши саршумори чорво нисбат ба суръати афзоиши теъдоди аҳолӣ баландтар мебошад. Чунин раванд ба зиёдшавии миқдори ташрифи сайёҳон, аз ҷумла СЭ алоқамандии зич дорад. Зеро, зиёдшавии талабот ба маҳсулоти ширӣ афзудани ҳаҷми истеҳсолро тақозо намудааст, ки тадриҷан бозори истеъмолии маҳсулотро танзим сохтааст ва ҳам ба пастшавии дараҷаи тазъиқи антропогенӣ ба муҳити зисти ҲТММ ва минтақаи ҳамшафати он оварда расонидааст.




**Диаграммаи 4.1. - Динамикаи афзоиши теъдоди аҳолӣ ва саршумори чорво (мувофиқи категорияҳо) дар ҷамоати деҳоти Шаҳристони ноҳияи Шаҳристон**

**Сарчашма**: *маълумоти омории ҷамоати деҳоти Шаҳристон барои солҳои 2019-2023*

Болоравии сатҳи фарҳанг, тарбия ва маърифати экологии аҳолии ҷамоати номбурда хусусияти дигареро низ ошкор мекунад, ки барои таъмини вазъи мусоиди геоэкологӣ ва рушди сайёҳӣ дар ҲТММ аҳамияти хоса дорад. Аҳолии ҷамоати деҳот солҳои пешин чорвои худро асосан дар чарогоҳҳои атроф мечаронида ва ин ҳолат ба фишори номуайяни антропогенӣ ба пӯшиши набототии маҳал оварда мерасонид. Инчунин, ин дар қади роҳу наздикиҳои минтақаҳои хӯроки умум, объектҳои сайёҳӣ, нуқтаҳои хизматрасонӣ ва ҳоказо наҷосати чорво боиси коҳишёбии ҳаловат ва нороҳатии сайёҳон мегардид. Вале, баъд аз рушди босуръати сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар маҳалли мазкур бо зиёдшавии саршумори чорвои хонагӣ зуҳуроти нави мусбат, яъне ташкили парвариши онро дар оғилҳои махсусро намудор сохт, ки падидаи устувори танзими муносибати ғамхорона ба муҳити геоэкологӣ мебошад. Дар натиҷа, пӯшиши набототии маҳал аз фишори бемайлон эмин монд ва маҳсулнокии бонизоми ҳайвоноти хонагӣ таъмин гардид. Бар замми ин, нигоҳубини чорво дар оғилҳои махсус боиси ҷамъоварии муташаккилонаи пору ва истифодаи минбаъдаи онҳо дар баландбардории ҳосилхезии қитъаҳои замини наздиҳавлигии аҳолӣ гаштааст. Хусусан, дар ин ҷараён тадриҷан пахн гардидани

амали мусбати экологӣ – ташкили чуқурии махсус дар ҳудуди қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои ҷамъоварӣ ва безараргардонии партовҳои истеъмолию истеҳсолӣ (пору, хокруба, баргу пояи алафҳои бегона, пасмондаи хӯроки инсон ва ҳам чорво (мушхурд ва ҳоказо) бо усули кампосткунонӣ қобили таваҷҷуҳ, дастгирӣ ва паҳннамоии минбаъда маҳсуб меёбад. Дар заминаи ошкор ва таҳлили хусусияти қайдгардида, метавон ҷараёни мусбати тағйирёбии фарҳанг ва маърифати экологии маҳалли мушаххасро мушоҳида кард, ки барои арзёбии шароити геоэкологӣ ва андешидани тадбирҳои зарурӣ асоси воқеӣ мебошад.

## 4.4. Ҷанбаҳои болоравии сатҳи иқтисоди аҳолии атрофи парваришгоҳи “Дараи Сабз”

Рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар заминаи ташкили кластерҳои мушаххаси фаррох, хатсайрҳои нави сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва омилҳои дигар дар ҳамаи минтақаҳои ҶТ бидуни расонидани таъсироти манфӣ ба муҳити табиӣ, аз ҷумла ҲТММ солҳои охир аз ҷониби таҳқиқоти хоса асоснок гардидааст. Масалан, Ф.Ф. Махкамов [75, 76], Ҷ.Н. Ёров [50], М.И. Хайдарзода [123], У.А. Сафаров [120] , С.А. Раҳимов [118] ва дигарон дар миқёси кишвар ташкили кластерҳои сайёҳиро ҳамчун системаи мавзуни дорои сохтори дохилии мураккаб мувофиқи мақсад шуморидаанд. Дар таҳқиқоти ҷудогонаи Ф.Ф. Махкамов [75, 76], С.А. Рахимов [118] ва муҳаққиқони дигар низ таъкид мегардад, ки маҳз дар доираи кластерҳои сайёҳӣ рақобатпазирӣ ва болоравии некӯаҳволии аҳолӣ рушд меёбад. Инчунин, қайд карда мешавад, ки дар ин модули сайёҳӣ имкониятҳои дохилии минтақа ошкор шуда, намуди принсипҳои рушди устуворро соҳиб мешавад, ки ҳам барои иқтисод ва ҳам барои муҳити табиӣ муфид мебошад.

Ф.Ф. Махкамов [115] қайд менамояд, ки “ташаккул ва рушди кластери сайёҳӣ дар ҳудуди ноҳияҳои ҷудогона, аз ҷумла ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд тавассути воридсозии регламентҳои махсус ҷиҳати ташкили кластерҳои сайёҳӣ дар шароити ҲТММ бахри болоравии шароити зисти аҳолӣ мешавад ва дар бозори сайёҳӣ таҳмони нави аз ҷиҳати иқтисодӣ муфидро ба вуҷуд меоварад”. Инчунин, қайд карда шудааст, ки маҳз муттаҳид гардидани манфиат ва дархости аҳолии

маҳаллӣ бо сайёҳон барои такомули фаъолияти самаровари соҳибкорони хурду миёна мусоидат мекунад. Мебояд зикр кард, ки тарзи ташкили кластерии сайёҳӣ тадбири комплексӣ, маҷмӯавӣ ва систематикии муносибат ба муҳити табиӣ метавонад бошад, ки мувозинати экологии маҳалро халалдор намекунад.

Дар минтақаҳои куҳсор, аз ҷумла ҳудудҳои ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз” бо сабабҳои гуногуни табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳоказо аҳолии маҳал асосан ба соҳаи кишоварзӣ машғуланд ва ҳатто маҳдудияти давраи тобистони гарм имконият намедиҳад, ки зироатҳои техникии самаранокиашон баланд парвариш карда шаванд. Омилҳои зикргардида ба зуҳуроти равандҳои бекории аҳолӣ, таъсис наёфтани ҷойҳои нави корӣ давоми солҳои зиёд, кӯчиши аҳолӣ ба маҳалҳои дигар ва ғайра мусоидат кардааст. Чунин қонуниятҳои рушди ҷомеаи инсонӣ ва қишрҳои мухталифи он дар муҳити атрофи парваришгоҳи “Дараи Сабз” низ ба мушоҳида мерасад. Аз ин лиҳоз, дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷуръати омӯзиши имкониятҳои мавҷудаи маҳал барои дарёфти роҳҳои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ амалӣ карда шудааст, ки ҷанбаҳои мухталифи иқтисодӣ-иҷтимоии он дар зер муфассал баён мегарданд, ки ба натиҷаи мушоҳида ташхис, муқоиса, таҳлил ва хулосабардории муаллиф такя менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мутаасили гуногун дар минтақа, аз ҷумла ҳудуди аҳолинишини ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз” исбот менамоянд, ки маҳз рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал мусоидат мекунад. Масалан, рушди бемайлони соҳаи сайёҳӣ метавонад заминаи воқеии ҳалли мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал, аз қабили паст кардани сатҳи бекорӣ бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди босуръати иншоотҳои инфрасохторӣ, яъне бунёди меҳмонхонаву урдугоҳҳо, кемпингу глемпингҳо, истироҳатгоҳҳо ва ҳоказо бошанд. Инчунин, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ аз ҷумлаи аҳолии маҳал бо тайёр кардани тарҷумон, роҳбалад, мушовирони донандаи забонҳои хориҷӣ, таҳия, нашр ва паҳнсозии маводҳои иттилоотӣ ва мушкилоти дигари иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ ҳалли мусбат пайдо менамояд [117].

Давоми таҳқиқот ошкор гардид, ки рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ боиси тағйирёбии мусбати речаи зиндагии аҳолии маҳалҳои ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз” ҷиҳати ҷараёни муташаккилонаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ширӣ гардидааст. Инчунин, аниқ карда шудааст, ки тавассути фурӯши ҳамарӯзаи маҳсулоти ширӣ дар қишрҳои мухталифи аҳолӣ тадриҷан ҳиссиёти тоҷирӣ ё тиҷорат ташаккул ёфта истодааст. Мушоҳидаҳои воқеии бевосита гувоҳӣ медиҳанд, ки аҳолии маҳал ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ аллакай намудҳои нави хизматрасонӣ, аз қабили сайругашт бо аспҳои хонагӣ ё аспсаворӣ, шиносоӣ бо ҷараёни истеҳсолу коркарди шир, яъне ҷӯшидани модагову буз ва ҳатто моддааспон то ҷараёни тайёр кардани маҳсулот ва ҳоказоро пешниҳод намуда истодаанд.

Мебояд таъкид кард, ки алҳол маърифати аҳолӣ барои ҷудо кардани намудҳои сайёҳӣ ва пешниҳоди хизматрасонии мушаххас кифоя намебошад. Бинобар ин, аҳолии маҳалҳои ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз” ба сайёҳон комплекси омехта ва нопурраю номукаммали хизматрасонӣ пешниҳод менамоянд, ки дар худ элементҳои сайёҳии деҳот, сайёҳии кишоварзӣ, СЭ ва ғайраро дар бар мегиранд. Барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ чунин пешниҳод мароқу завқовар бошад ҳам, баъзе маҳдудиятҳои мавҷуда онҳоро аз шуғл ба пешниҳодҳои аҳолии маҳал бозмедорад. Масалан, ноошноӣ бо рафтору ҳаракатҳои асп, модагов, буз ва овози баланди онҳо, сатҳи озодагии оғилҳо, тозаю озодагии зарфҳои ширҷӯшӣ, нуқтаи коркарди шир, ҷойи нигоҳдории маҳсулоти тайёри ширӣ ва амсоли онҳо боиси бедор шудани тарсу ҳарос ва қисман коҳиш ёфтани шавқи истеъмоли маҳсулоти ширӣ дар сайёҳон шуда метавонад.

Таъсироти манфӣ ба рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар маҳалҳои ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз” бештар ба вазъи номусоиди санитарӣ-гигиенӣ алоқаманд аст. Натиҷаи пурсишҳои шифоҳии сарироҳии сайёҳони хориҷӣ нишон медиҳанд, ки набудани нуқтаи махсуси шустушӯйи муҷаҳҳаз бо собуну антисептик, сачоқи алоҳида, нуқтаи оббозӣ бидуни гармкунакҳо, ҳоҷатхонаҳои оддӣ бо чуқуриҳои бетонпӯшнабуда ва монанди онҳо онҳоро нороҳат сохтааст. Зеро, барои ин сайёҳон нофаҳмост, ки сайёҳи экологӣ набояд баъд аз ташрифи худ

ба табиат осебе расонад. Танзим нагардидани масъалаҳои муомилот бо партовҳои истеъмолӣ, безараргардонии партовобҳои истеъмолӣ, безараргардонии партовобҳои аз нуқтаҳои санитарӣ ҳосилшуда, рафтори ҳайвоноти ромнашудаи хонагӣ ва даҳҳо масоили дигар боиси нороҳатии сайёҳон ва коҳиш ёфтани шавқу рағбати онҳо барои ташрифи оянда мешавад.

Давоми таҳқиқот бо тариқи суҳбатҳои хоса ва дастаҷамъона бо аҳолии маҳалҳои ҳамшафати парваришгоҳи “Дараи Сабз” муайян карда шуд, ки аз ҷониби онҳо дарки мушкилоти қайдшуда мавҷуд аст. Онҳо изҳор медоранд ва қоиланд, ки баъзе аз мушкилот ба сатҳи иқтисодии оила алоқаманд буда, тадриҷан ҳаллу фасли худро баъд аз рушди тиҷорат меёбад. Аҳолии маҳал, хусусан занҳову духтарон иқрор шуданд, ки худи онҳо ҳам аз шароити санитарӣ-гигиении мавҷудаи оила қонеъ намебошанд. Вале, то давраи ташрифи сайёҳон ба ин мушкилот эътибори ҷиддӣ намедоданд ва минбаъд ин норасоиҳоро ҳаллу фасл мекунанд. Аҳолии маҳал давоми суҳбатҳо аз масъулин ва ширкатҳои сайёҳӣ дархост карданд, ки аввало барои аҳолӣ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши маросими қабулу гусели сайёҳон бо таври ройгон ташкил ва тамоми аҳолӣ фарогири он бошанд. Баъдан, агар аҳолӣ аз рӯзу соати ташрифи сайёҳон бохабар мебуданд, баъзе корҳои рӯзғорро ба таъхир гузошта, дар навбати аввал ба ободонӣ, тозаю озодагӣ эътибор медоданд.

Натиҷаи мусбати суҳбатҳо дар пешниҳоди дархостҳои мушаххас гашта бошад ҳам, мавҷудияти ҷанбаҳои дигари ҷараён ба мушоҳида мерасад.

Исбот гардид, ки аҳолии маҳалҳои ҳамшафати ҲТММ, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз” мутобиқ ба меъёрҳои қонунияти эмпирикии таҳаввулоти ҷомеаи башарӣ дорои дараҷаи кофии шуур, фарҳанг ва маърифат мебошанд. Вале, шароити иҷтимоӣ ва маҳдудияти иқтисодӣ барои истифодаи неруи зеҳнӣ баҳри рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ монеъ шуда истодаанд.

Натиҷаҳои пурсиши афкори сайёҳон, аз ҷумла сайёҳони хориҷӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тадриҷан шароити санитарӣ, гигиенӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигари аҳолии маҳал барои қабул ва хизматрасонии сайёҳон беҳтар шуда истодааст.

**Ҷадвали 4.4. - Нишондиҳандаҳои умумии натиҷаи пурсиши афкори сайёҳони хориҷӣ (такроран тӯли солҳои 2021-2023)**

| Солҳои таҳқиқот | Шумораи пурсидагон, нафар | Теъдоди саволҳо, адад | Ҳаҷми хароҷоти сайёҳ, сомонӣ\нафар | Баҳодиҳӣ ба шароити санитарӣ-иҷтимоӣ, гигиенӣ, хол | Пешниҳоду таклифҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| **2021** | 49 | 7 | 690 | 65 | тозагии санитарӣ |
| **2022** | 71 | 8 | 860 | 71 | сифати оби ошомиданӣ |
| **2023** | 96 | 9 | 1040 | 84 | коркарди партовобҳо |

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф*

Маълумотҳои ҷадвали 4.4 собит месозанд, ки маблағи хароҷоти сайёҳ барои харидории армуғонҳо, хӯрок, маҳсулотҳои ширӣ ва ғайра сол то сол зиёдтар шуда истодааст. Маврид ба зикр аст, ки ҳолати мазкур ба сатҳи таваррум алоқаманд намебошад. Зеро, қурби асъори миллӣ нисбат ба қурби асъори хориҷа ($) торафт баландтар шудааст.

**Ҷадвали 4.5. - Тағйирёбии сатҳи даромаднокии аҳолии ҷамоати деҳоти Шаҳристон вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ**

<table>
<tr><th rowspan="2">Солҳои таҳқиқот</th><th rowspan="2">Шумораи хоҷагӣ (оила), адад</th><th rowspan="2">Шуғли асосӣ</th><th rowspan="2">Намуди нави шуғл</th><th colspan="2">Даромад, сомонӣ/рӯз</th><th rowspan="2">Андозаи маоши ҳадди ақал</th><th rowspan="2">Шумораи сайёҳон, дохилӣ/ хориҷӣ, нафар</th></tr>
<tr><th>шуғли пешина</th><th>шуғли нав</th></tr>
<tr><td>2021</td><td>4704</td><td rowspan="3">истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ</td><td rowspan="3">истеҳсол ва фуруши маҳсулоти ширӣ</td><td>70</td><td>75</td><td>560</td><td>1447/68</td></tr>
<tr><td>2022</td><td>5138</td><td>80</td><td>95</td><td>720</td><td>1899/91</td></tr>
<tr><td>2023</td><td>5800</td><td>85</td><td>125</td><td>880</td><td>2417/124</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф аз рӯи маълумоти омори солонаи ноҳияи Шаҳристон*

Омилҳои мазкурро нишондиҳандаҳои сатҳи даромаднокии аҳолӣ дар мисоли даромади аҳолии ҷамоати деҳоти Шаҳристон давоми солҳои 2021-2023 (ҷадвали

4.5) тасдиқ менамояд. Масалан, бо сабаби тағйир ёфтани тамоюли шуғли аҳолӣ, аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ (боғдорӣ ва сабзавоткорӣ) ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ширӣ даромади як оила дар як шабонарӯз аз 70 сомонии соли 2021 то ба 125 сомонии соли 2023, яъне 44% давоми се сол зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда нисбати тағйироти андозаи маоши ҳадди ақҷал давоми солҳои ҳисоботӣ тақрибан 8 фоиз болотар буда, аз ҷараёни босуръати болоравии сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дарак медиҳад.

## 4.5. Дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз"

Давоми таҳқиқот ошкор гардид, ки барои ташкил ва рушди СЭ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" заминаҳои боэътимоди табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва ғайра мавҷуданд. Бар замми он, барои таъмини рушди бемайлони соҳаи сайёҳӣ норасоиҳои умумӣ ва ҷузъӣ аниқ гардиданд, ки тадриҷан мебояд ҳаллу фасл карда шаванд. Танҳо, дар ин ҳолат ҷараёни ташкил ва рушди СЭ дар объекти таҳқиқотӣ раванди устувор ва бебозгаштро соҳиб мегардад.

Мушкилоти мавҷуда асосан характери ташкилӣ, иқтисодӣ ва таълимӣ дошта метавонад тавассути тадбирҳои сатҳи давлатӣ дар давраи муайяни таърихӣ (3-5 сол) ҳаллу фасл гарданд ва дар рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар ҲТММ, аз ҷумла парваришгоҳи "Дараи Сабз" мусоидат намоянд. Барои танзими ҷараёни ҳалли мушкилоти ҷойдошта муаллиф дар асоси таҳқиқот андешидани маҷмӯи тадбиру чораҳои мушаххасро аниқ намудааст, ки барои пешгӯӣ намудани ҷараёни рушди сайёҳӣ дар ҲТММ-и кишвар заруранд. Маълумоти дар ҷадвали 4.6 дарҷёфта мавҷудияти ҷанбаҳои сершумор ва паҳлуҳои мухталифро дар таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ инъикос менамояд. Бараъло мушоҳида мегардад, ки рушди сайёҳӣ дар ҲТММ ба робитаи устувори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии сатҳҳои гуногун бевосита ба ҷомеаи маҳаллӣ алоқаманд буда, дар навбати аввал аз масъулон ва ҳам ҳар як фард мавқеи фаъол ва масъулияти шаҳрвандиро металабад.

**Ҷадвали 4.6. - Маҷмӯи тадбирҳои таъминсозии рушди сайёҳӣ дар дурнамо**

| Номгӯи тадбир | Мақомот ё шахсони масъул | Давраи татбиқ | Вазъи кунунӣ | Пешгӯӣ | Манбаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Таҳияи Барномаи давлатии кӯтоҳ ва миёнамуҳлат ҷиҳати рушди СЭ дар ҳар ҲТММ-и алоҳида | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, ҷомеаи шаҳрвандӣ | солҳои 2026-2030 | мавҷуд нест | танзими муносибатҳои мавҷуда ва рушди СЭ | давлатӣ |
| Ташкили система ё шабакаи мушаххаси иттилоотӣ барои тарғиби захираҳои табиии мавҷуда | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, туроператорон | соли 2026 ва мунтазам | норасоии иттилоот дар дохил ва хориҷи кишвар | огаҳии пурра ва дастрасии бевоситаи иттилоот ба сайёҳони эҳтимолӣ | давлатӣ, хусусӣ |
| Ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҷалби сармоягузории хусусӣ, давлатӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори махсуси СЭ, аз қабили аквапарк, нуқтаҳои фосилавии мушоҳидаи ҳайвоноти ваҳшӣ ва ғайра | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, туроператорон, ҳавасмандон | фавран ва мунтазам | норасоии маблағ ва мавҷуд набудани инфрасохтор | пайдо шудани нуқтаҳои ҷалби СЭ | хусусӣ, давлатӣ ва хориҷӣ |
| Таъсиси равияҳои махсуси таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони касбии тарҷумон, роҳбалад, хизматрасонӣ ва ғайраи дорои донишҳои чуқур доир ба қонуниятҳои табиат | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати маориф ва илми ҶТ, туроператорон | фавран ва мунтазам | норасоии мутахассиси болаёқат | пайдоиши рақобат дар бозори меҳнат | давлатӣ |

| Номгӯи тадбир | Мақомот ё шахсони масъул | Давраи татбиқ | Вазъи кунунӣ | Пешгӯӣ | Манбаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Идомаи ҷадвали 4.6** | | | | | |
| Таҳияи хатсайрҳои махсуси СЭ бо назардошти имкониятҳои мавҷуда ва рушди минбаъдаи СЭ | туроператорон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, ширкатҳои ҳавасманд | соли 2026 ва тадриҷан доимӣ | норасоии хатсайрҳои махсус ва заминаи моддӣ-техникии онҳо | пайдоиши заминаи рақобатпазири интихоби хатсайрҳои СЭ | давлатӣ, хусусӣ |
| Таъсиси марказҳои махсуси хизматрасонӣ дар маконҳои саёҳат ва ҳам маҳалҳои наздики марказҳои иттилоотӣ (сувениру расмҳо, хӯроки парҳезии экологӣ, намудҳои кӯчати дарахтон ва гулҳои ороишӣ ва ғайраҳо) | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, соҳибкорон | соли 2026 ва доимӣ | набудани пешниҳоди хизматрасонии қаноатбахш | пайдошавии маркази хизматрасонии касбӣ | давлатӣ, хусусӣ |
| Таъсиси мансаб ё воҳиди корӣ дар сохтори ҲТММ барои ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолият дар доираи СЭ | Агентии хоҷагии ҷангали Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ | солҳои 2027-2028 ва доимӣ | набудани ҳамоҳангсозии мақсаднок | танзими фаъолият дар самти СЭ | давлатӣ |
| Таҳияи ҳуҷҷатҳои дахлдор ҷиҳати таъсиси ҷоизаи махсуси давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, ширкатҳои сайёҳӣ | соли 2027 ва доимӣ | мавҷуд набудани ҳавасмандӣ | ҳавасмандии сохторҳо ва тарғиби таҷрибаҳои пешқадами соҳа | давлатӣ, хусусӣ |

**Сарчашма:** *муаллиф тартиб додааст*

Маҷмӯи тадбирҳои пешниҳодгардида фаъолияти пайваста дар доираи татбиқи мунтазами талаботи Стратегияи давлатии рушди соҳаи сайёҳиро дар бар гирифтааст. Эҳтимоли қатъӣ мавҷуд аст, ки татбиқи маҷмӯи тадбирҳои зикрёфта барои танзими ҷараёни рушди СЭ заминаи воқеӣ шуда метавонанд.

Мебояд қайд кард, ки истифодаи таҷрибаи мавҷудаи рушди СЭ дар давлатҳои дорои соҳаи мутараққии сайёҳӣ барои таъмини рушди СЭ дар ҲТММ-и кишвар омили муҳим аст. Вале ҳангоми истифодаи таҷрибаҳои ҷаҳонӣ мебояд дар навбати аввал онҳоро бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ мутобиқ гардонид. Баъдан тамоми тадбирҳо, амал, ҳаракат, фаъолият ва ҳоказоро мебояд меҳвари асосии истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиии ҲТММ бошад. Зеро, дар ҳолати халалдор сохтани ҷараёни ҳаётии намояндагони олами набoтот ва ҳайвонот, намудҳои дигари захираҳои табиии ҲТММ, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз” тавассути рушди СЭ тадриҷан моҳият ва мантиқи зарурати рушди СЭ аз байн меравад.

Эътимоди комил вуҷуд дорад, ки амалишавии тадбирҳои дар ҷадвали 4.6 қайдгардида имкон медиҳанд, ки дар дурнамои наздику дур ҳам рушди СЭ таъмин гардад ва ҳам истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиӣ бидуни осебпазирӣ боқӣ монад. Дар ин ҷараён фикру андешаҳои мухталиф доир ба таъсиси намуди сайёҳӣ – шикори ҳаваскорона дар ҲТММ вуҷуд доранд, ки ба андешаи муаллиф фикри ботил ва мутлақо зид мебошад. Зеро, шикор ё ҳатто ғунучини гиёҳҳои шифобахш дар ҲТММ амали носаҳеҳ дониста мешавад. Ин амалҳо ҳатман ба тағйиротҳои муайян дар ҷараёни табиии ҲТММ оварда мерасонанд, ки мавҷудияти зиддияти ошкороро бо мақсади асосӣ - рушди СЭ инъикос месозад. Инчунин, ташкили маконҳои маҳдудсозии ареали паҳншавии намояндагони олами ҳайвоноту наботот дар ҲТММ, ба монанди боғи тамошои ҳайвонот низ мувофиқи мақсад намебошад. Чунки, торафт зиёд шудани дахолати инсон ба муҳити табиӣ боиси коҳиш ёфтани ҳисси ҷолибияти табиати маҳал барои сайёҳ шуда метавонад.

Новобаста аз ҷузъиёти қайдгашта барои таъмин кардани рушди устувори иқтисодӣ – иҷтимоии ҲТММ ва расидан ба мақсади стратегии фаъолияти СЭ роҳи қулай ва мусоид дар ташаккули рақобатпазирии маҳсулоти экосайёҳӣ бо дараҷаҳои

байналмилалӣ боло бардоштани хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад. Татбиқи ин тадбирҳо бо пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии инноватсионӣ ва тағйироти мунтазами баъзе унсурҳои он мавқеи устувори имконпазирӣ пайдо мекунад.

Барои расидан ба ҳадафҳои мақсадии рушди фаъолияти СЭ-и дар ҲТММ ва таъмини устуворияти геоэкологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” мебояд чунин унсурҳои механизми рушди устувор амалӣ карда шаванд:

– таъмини фазои мусоиди соҳибкорӣ дар заминаи такомули асноди меъёрӣ – ҳуқуқии ташкил ва рушди СЭ;

– ҷалби сармоягузорӣ аз сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла грантӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, бунёди инфрасохторҳои нав;

– такомули раванди ташкили СЭ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии пешрафта дар муассисаҳои СЭ;

– болоравии сатҳи даромади иқтисодӣ, фарҳангу маърифат ва тарбияи экологии аҳолӣ бо равона намудани маблағҳои мақсаднок барои ҳифзи гуногуншаклӣ ва гуногуннамудии биологӣ, дар умум муҳити табиии беолоиши ҲТММ;

– таъмини устуворияти геоэкологии парваришгоҳи “Дараи Сабз” бо назардошти ҷорисозии маҳдудиятҳои муайян ва ҳоказо.

Меъёрҳои баҳодиҳӣ ё арзёбии самаровар ӣ ва пешрафти СЭ дар доираи объекти табиии мушаххас, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз” мебояд тавассути индикаторҳои зерин муайян ва аниқ карда шаванд, ки бе чунучаро заминаи воқеии рушди СЭ-ро инъикос менамоянд:

– раванди болоравии теъдоди ҷойҳои нави корӣ барои таъмини тамоми намуди хизматрасониҳои сайёҳӣ ба сайёҳони экологӣ;

– ҷараёни мунтазами бунёди объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ бо мутобиқсозии шароитҳои мавҷуда ба стандартҳои ҷаҳонӣ;

– динамикаи тағйироти таносуби объектҳои инфрасохтори нави сайёҳӣ ва ҷойҳои нави корӣ бо ҳаҷми музди маош;

– ҳаҷми маблағҳои ҷалбгардида дар алоқамандӣ бо намуди сарчашмаҳо ва дараҷаи самароварӣ дар заминаи муайянсозии саҳми онҳо дар рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ;

– шумора, давомнокӣ ва категория (сайёҳони дохилӣ ё хориҷӣ)-ҳои сафарҳои сайёҳон ба ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”, меъёрҳои дигари дараҷаҳои поёнӣ ва ҳоказо.

Таҷрибаҳои мавҷудаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, натиҷаи омӯзиш ва таҳлили онҳо исбот менамоянд, ки барои рушди СЭ ва таъмини устуворияти геоэкологӣ омилҳои баёнгашта нақши калидӣ мебозанд ва мебояд дар ҷараёни рушди такомули СЭ дар ҲТММ-и ҶТ, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз” ба инобат гирифта шаванд.

## Хулосаи боби чорум

Омӯзиш, пурсиши афкор ва таҳқиқоти хосаи имкониятҳои рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар ҲТММ-и ҶТ дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳаи мазкури иқтисоди кишвар дорои норасоии умумӣ ва ҷузъӣ буда, ҳаллу фасли ботадриҷи онҳо барои расидан ба мақсади рушди бемайлони соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд, ки андешаю хулосаҳои дар зер омада онро тақвият мебахшад:

1. Барои таъмини рушди бемайлони сайёҳӣ ва ташкили СЭ дар ҲТММ-и кишвар такомули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ ва соҳавӣ ҷиҳати танзими муносибатҳои байни истифодабарандагони захираҳои табиӣ мувофиқи мақсад мебошад.

2. Дар заминаи таҳияи принсипҳо, арзёбии имкониятҳои табиӣ-антропогенӣ, хатсайрҳои нави сайёҳӣ ва ғайра ташкили СЭ ва рушди бемайлони минбаъда дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” имконпазир буда, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои геоэкологии маҳалро тақозо менамояд.

3. Ташкили СЭ ва рушди минбаъдаи он барои тадриҷан ба самти мусбат баландравии фарҳанг, тарбия ва маърифати экологии аҳолии маҳаллӣ мусоидат

мекунад ва мебояд мавриди идоранамоӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ қарор дода шавад.

4. Ҷиҳати болоравии сатҳи иқтисодӣ ва некӯаҳволии аҳолии атрофи парваришгоҳи "Дараи Сабз" ташкил ва рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ заминаи боэътимоди иқтисодӣ-иҷтимоӣ шуда метавонад.

5. Таҳлили натиҷаи таҳқиқот бо истифодаи барномаи SWOT барои аниқсозии иқтидор, ҷанбаҳои мусбату манфӣ, норасоиҳо, хатарҳои воқеӣ ва эҳтимолии рушди сайёҳӣ, аз ҷумла СЭ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" имконияти мусоид фароҳам овард, ки самтҳои асосии дурнамои соҳа муайян карда шаванд.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба хусусиятҳои асосии ташкили СЭ дар ҲТММ-и вилояти Суғд дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” ба баёни хулосаҳои муҳими зерин меоварад:

1. ҲТММ-и вилояти Суғд, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз” дорои хусусиятҳои хоси табиию геоэкологӣ мебошанд, ки дар зуҳуроти сохтори геологӣ, релеф, хок, иқлим, набототу ҳайвонот ва захираҳои рекреатсионӣ инъикос гаштааст [3-М].

2. Маҷмааҳои табиию геоэкологии чашмаҳои шӯру шифобахш ва обҳои маъдании осоишгоҳҳои “Ҳавотоғ”, “Зумрад”, “Оқсукон” ва кӯлҳои зебоманзари табиӣ, аз қабили “Ҳафткӯл”, “Кӯли Калон”, “Кӯлҳои Аловиддин”, “Искандаркӯл” мавзеъҳои потенсиалии ташкили СЭ дар ҳудуди вилояти Суғд арзёбӣ карда мешаванд [23-М].

3. Парваришгоҳи “Дараи Сабз”, ҳамчун ҲТММ бо назардошти зарфияти табиӣ (шароити табиӣ-географӣ, геологӣ, ландшафтӣ, сарватҳои обии маъданиву рекреатсионӣ, олами набототу ҳайвонот) дорои потенсиалҳои воқеии ташкил, такомул ва рушди СЭ мебошад [1-М, 2-М].

4. Парваришгоҳи “Дараи Сабз” берун аз минтақаи таъсири манбаъҳои табиӣ ва антропогении заҳролудшавии радиоактивӣ ва партовгоҳҳои он ҷойгир аст, ки ҷанбаҳои мусбии онро инъикос мекунад [4-М].

5. Мавҷудияти парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар вилояти Суғд, ҳамчун намунаи парваришгоҳи табиии муосир, ҷангалзори бидуни таъсироти антропогенӣ, сарчашмаҳои обӣ, олами ҳайвоноти бою рангин, растаниҳои шифобахш, инфрасохтори рушдёфта, минтақаи Суғдро дар қатори мавзеъҳои бартаридоштаи рушди СЭ дар Тоҷикистон арзёбӣ мекунад [21-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Натиҷаҳои таҳқиқот мавҷудияти тамоми шароити зарурииро барои рушди СЭ дар ҲТММ-и вилояти Суғд, аз ҷумла, дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”

исбот менамоянд ва пешниҳоди тавсияҳои зеринро ҷиҳати истифода дар амалия имконпазир мегардонад:

1. Барои ташкилу рушди СЭ дар ҳудуди ҲТММ-и вилояти Суғд баланд бардоштани сатҳи таъминоти иттилоотии он тавассути таҳияи сомона, блогҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ташкили рекламаи мақсаднок, таҳия ва интишори буклетҳо ва раҳнамоҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мувофиқи мақсад мебошад.

2. Ба субъектҳои ташкилкунандаи СЭ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" тавсия дода мешавад, мутобиқи меъёрҳои моддаи 40-уми Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" бо заминистифодабарандагони ҲТММ "Дараи Сабз" бо шакли васеъи озод, ки дар диссертатсия пешниҳод шудааст, шартномаи тарафайн банданд.

3. Ҷиҳати таблиғу ташвиқи СЭ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" ташкили экскурсияҳои таълимӣ – омӯзишӣ барои муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёна, миёнаи махсус ва олии касбӣ таҳти роҳбарии олимон ва мутахассисони МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" роҳандозӣ карда шаванд.

4. Ҷорӣ намудани фаъолияти пурмаҳсули субъектҳои СЭ тавассути таҳияи хатсайрҳои сайёҳӣ бо назардошти имкониятҳои ташкилӣ ва моддӣ-техникии мавҷуда, ки аз натиҷаи таҳқиқоти диссертант бармеояд, барои истифода дар амалия тавсия дода мешавад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳамкории самараноки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо мақомоти давлатии дахлдори Ҷумҳурии Ӯзбекистон баҳри ҷалби захираи сайёҳӣ-рекреатсионии Боғи миллии "Зоомин"-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рушди СЭ ба роҳ монда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

1. Барномаи татбиқи “Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии махфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2016-2024” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2016, №329).

2. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №7-8, мод.615). - Душанбе, 2.08.2011, №761.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми октябри соли 2015 таҳти №621 “Дар бораи фаъолияти минбаъдаи парваришгоҳҳои табиии давлатии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №7-8, мод.614; с.2014, №11, мод.669; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.07.2017, №1449). - Душанбе, 02.08.2011, №760.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” (Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 №1159, аз 22.06.2023 №1975). - Душанбе, 26.12.2011, №788.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2017, №5, мод.271; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1632; аз 23.12.2021, №1820). - Душанбе, 30.05.2017, №1414.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” (қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.08.2020, №63). - Душанбе, 7.08.2020, №1718.

8. Низомномаи парваришгоҳи табиии давлатии “Дараи Сабз”-и ноҳияи Шаҳристон. - Душанбе, 10.02.2016, №23.

9. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли

2018 [Сарчашмаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ru/node/19089 (санаи дохилшавӣ: 12.01.2019).

10. Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, № 503). - Душанбе, 2020.

11. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2018, № 372). - Душанбе, 2018.

12. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2021. - 702 с.

## II. Монографияҳо, дастурҳои илмӣ-методӣ, мақолаҳо аз маҷмӯаҳо ва нашрияҳои даврӣ

13. Абдураҳимов, С.Я. Офатшиносӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / С.Я. Абдураҳимов, Ш.Р. Мирзобаҳодурова, М.М. Абдураҳимова. - Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. Меъроҷ, 2024. - 312 с.

14. Абдурахимов, С.Я. Геоэкологические проблемы техногенеза на территории Северного Таджикистана [Текст] / С.Я. Абдурахимов. - Пермь, 2003. - 147 с.

15. Абрамова, М.И. Экологический туризм: современные векторы развития [Текст] / М.И. Абрамова, Г.В. Алексушин, Т.В. Антюфеева и др. - Екатеринбург, 2022. - 798 с.

16. Аброров, Х. Рекреационно-туристические ресурсы Горного Зеравшана и вопросы их эффективного освоения [Текст] / Х. Аброров // Вестник ТГПУ им. С. Айни №3(52). - Душанбе, 2013. - С.243-249.

17. Азар, В. Туризм – еще один феномен XX века [Текст] / В.Азарь // Журнал «Туризм: практика, проблемы, перспективы». - Ноябрь, 1999. - № 10. - С.28-31.

18. Акмуллина, Н.В. Радиофобия и проблемы утилизации радиоактивных отходов [Текст] / Н.В. Акмуллина // Научно-методический и информационный

журнал «Научный центр безопасности жизнедеятельности детей». - М., 2012. - 136 с.

19. Алибеков, Л.А. Искусство древних гидротехников в пустыне [Текст] / Л.А. Алибеков. - Природа 1994, №09 - М.: Наука. - 162 с.

20. Арманд, Д.Л. Географическая среда и рациональное использование природных ресурсов [Текст] / Д.Л.Арманд // Отв. ред. д.г.н. Э.М. Мурзаев. - М.: Наука, 1983. - 240 с.

21. Астанин, Д.М. Перспективы пространственного развития экологического туризма: Монография. [Текст] / Д.М. Астанин, Г.К. Муталибова, Е.М. Вишторский, Л.В. Большеротова // Минсельхоз РФ, РГАУ-МСХА им. К.А. Тимирязева. Тамбов: Издательство Юконф, 2022. - 96 с.

22. Бабкин, А.В. Специальные виды туризма: учеб. Пособие [Текст] / А.В. Бабкин // М.: ИНФРА-М., 2003. - 316 с.

23. Банников, А.Г. Бухарский олень в Таджикистане [Текст] / А.Г.Банников, И.А.Абдусалямов, А.И.Соков // Природа. - М.: Наука, 1977. - №8. - С.128-131.

24. Баратов, Р.Б. Горы открывают свои тайны [Текст] / Р.Б.Баратов.- Душанбе: Ирфон, 1981. - 112 с.

25. Баратов, Р.Б. Каменное чудо Таджикистана [Текст] / Р.Б.Баратов, В.П. Новиков. - Душанбе: Дониш, 1984. - 117 с.

26. Баратов, Р.Б. Памир и его недра [Текст] / Р.Б.Баратов. - М.: Наука, 1984. - 103 с.

27. Баратов, Р.Б. Сокровища горного края [Текст] / Р.Б. Баратов. - Душанбе: Маориф, 1985. - 104 с.

28. Баратов, Р.Б. Минеральные кларки и природа их устойчивости [Текст] / Р.Б.Баратов // Материалы IV Всесоюзного минералогического семинара. - Душанбе: Дониш, 1986. - 349 с.

29. Баратов, Р.Б. Горы и недра Таджикистана [Текст] / Р.Б. Баратов. - Душанбе: Маориф, 1989. - 118 с.

30. Баратов, Р.Б. Богатства недр Таджикистана и их охрана [Текст] / Р.Б. Баратов. - Душанбе: Академия наук Республики Таджикистан, 1999. - 30 с.

31. Баратов, Р.Б. Геология и полезные ископаемые Таджикистана [Текст] / Р.Б.Баратов. - Душанбе: Дониш, 1999. - 165 с.

32. Биржаков, М.Б. Введение в туризм: учебное пособие [Текст] / М.Б.Биржаков. - М.: Герда, 2004. - 37 с.

33. Бишоп, К. Говорим на общем языке. Система категорий охраняемых природных территорий МСОП и ее применение на практике [Текст] / К.Бишоп, Н.Дадли, А.Филлипс и С.Столтон. – М.: Р.Валент, 2006. - 172 с.

34. Боголюбов, В.С. Организация специальных видов туризма [Текст] / В.С.Боголюбов. - Санкт-Петербург: СПбГУ, 2010. - 116 с.

35. Борисов, В.А. Вопросы классификации заповедных территорий (с учетом зарубежного опыта) [Текст] / В.А.Борисов // «Научные основы охраны природы», вып. 2. - М., 1973. - С. 324-350.

36. Борисов, В.А. К истории становления советской системы заповедников (обзор) [Текст] / В.А.Борисов // «Научные основы охраны природы», вып. I. М., 1971. - С. 92-98.

